**КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 781.7+782/785 (575.3)

**КАРИМЗОДА САЪДУЛЛО САЛИМ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ДАР АНЪАНАҲОИ ФАЛАКИ КӮЛОБӢ ВА ФАЛАКИ ПОМИРӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор
Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ……………………………………………………………...........................3-9

**БОБИ I. ЗАМИНАИ ЖАНРИИ ФАЛАК**

I.1. Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ ....................................................10-22

I.2. Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ ............................22-61

**БОБИ II. ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ ДАР ЖАНРҲОИ ФАЛАК**

II.1. Доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ ..............................................62

II.1.1. Фалакҳои яккисма ..................................................................... 62-72

II.1.2. Фалакҳои силсилавӣ ................................................................. 72-107

II.2. Фарогирии жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ .......................................108

II.2.1. Фалакҳои яккисма ....................................................................108-128

II.2.2. Фалакҳои силсилавӣ .................................................................128-176

**БОБИ III. ТАТБИҚИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ ЖАНРӢ ДАР АМАЛИЯИ МУОСИРИ ФАЛАК**

III.1. Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ........177-181

III.2. Меъёрҳои асосии жанрии Фалак ....................................................181-187

III.3. Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ ...........................................187-195

**ХУЛОСА** …………………………………………………..…...........196-198

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ** ...........................................................................199

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ……………………………………………….......200-223

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Асри XXI аз даҳсолаҳои аввали худ барои Фалак – падидаи марказии мусиқии тоҷикони кӯҳистон, давраи хеле ба файзу баракат баромад. Таҷлили ҷашни хосса бар васфи Фалак – («Рӯзи Фалак» - 10 октябр аз соли 2007), таъсиси Ансамбли давлатии «Фалак» дар назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011), ки ибтикори бевоситаи худи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, феълан таъзими ҷомеаи муосир ба зеҳнияту заковат, нерӯи эҷодии аҷдодони бузурги халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар илми мусиқишиносии муосир нахусттаҳқиқи фундаменталии Фалак ҳамчун падидаи марказии мусиқии кӯҳистони тоҷик ва далолати мантиқии он ҳамчун яке аз се навъи мақомоти тоҷик бар амали профессор Ф.А. Азизӣ мансуб аст [12; 1]. «Тибқи консепсияи ин муҳаққиқ меъёри асосие, ки Фалакро ба мақомот мансуб медиҳад, ҷо доштани *принсипи мақом* ва *системаи лаҳнии чормуқом/чормодарон/чорпарда* аст» [12; 1, с. 25-32]. Ба туфайли роҳи рушди тулонии беш аз понздаҳ садсола, Фалак имрӯз ҳам нишондиҳандаи сатҳи баланди тафаккури мусиқии тоҷикони кӯҳистон устувор боқӣ мемонад.

Табиист, ки баъди муайян шудани моҳияти асосии Фалак, суолҳои беҷавоби дигар дар таҳқиқи Фалак навбати таҳлили худро интизоранд. Яке аз онҳо бо муайян кардани меъёрҳои жанрӣ дар Фалак алоқаманд аст. Ин паҳлуи ноаёнро метавон танҳо дар мавриде дуруст таҳқиқ намуд, ки дараҷаи муайяни пажуҳиши заминавии Фалак ба даст оварда бошад. Бино бар ин, имрӯз, ки нахустин иқдомҳои пажуҳишӣ ва омӯзишии ин падидаи нодир дар илм амалӣ шудаанд, моҳияти Фалак мушаххас гардонида шуд, рӯ овардан ба ин масъала барои илми мусиқишиносии тоҷик хеле **мубрам** аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ** дар он сатҳ қарор дорад, ки дар таҳқиқи Фалак рисолаи докторӣ бо консепсияи нави илмӣ, ки моҳияти Фалакро дар фарҳангу санъати мусиқии тоҷик муайян намуд, иҷро гардид [12].

Вале, ҳарчанд ки ба Фалак як қатор анҷуману форумҳои байналмилалӣ бахшида шуд [96; 98; 99; 100], дастурҳои таълимии амалӣ ва нотавӣ пешниҳод гардиданд [15; 171; 13; 10; 183; 173; 67; 26-М; 27-М], таҳқиқот-портретҳои устодони забардаст таълиф гардиданд [111; 108; 66; 39; 79; 80], таҷрибаи амалии мусиқии Фалак қисман натиҷагирӣ шуд [97; 84, 95; 85], маводу мулоҳизаҳои гуногун, ки характери объективӣ ва субъективӣ доранд, аз чоп баромаданд [88; 172; 36], масъалаи муайян кардани *меъёрҳои жанрӣ дар Фалак*, ки яке аз масъалаҳои заминавӣ маҳсуб меёбад, то ҳол дар илм нокушода боқӣ мемонад. Бино бар ин, кори диссертатсионии мазкур ҷойи холиро дар илми мусиқишиносӣ пурра мегардонад ва ба пажуҳиши минбаъда саҳеҳият медарорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионии мазкур дар доираи **Барномаи давлатии** «Рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии устод-шогирд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» (аз 1 апрели соли 2017, №159), **Барномаи давлатии** «Рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии устод-шогирд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» (аз 28 октябри соли 2023, №504), **мавзуҳои илмии** Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов «Коркарди илмӣ ва банизомдарории масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологии таълимоти мусиқӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Мукаммалгардонии илмӣ ва методологии ҷараёни таълими мусиқӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии кори диссертатсионии мазкур таҳқиқи доираи жанрии Фалак ва муайян кардани меъёрҳои жанрии Фалак дар ду анъана – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вазифаҳои асосии таҳқиқот инҳоанд:

– муайян кардани доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ;

- муайян кардани доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ;
- муайян кардани пешомадҳои пайдоиши жанр дар Фалак;
- таҳқиқи ҷараёни шаклсозӣ дар жанрҳои гуногуни Фалак;
- таҳлили фалакҳои яккисма;
- таҳлили фалакҳои силсилавӣ;
- муайян кардани услуби силсиласозӣ дар Фалак;
- таҳлили татбиқи асосҳои назариявии жанр дар амалияи муосири Фалак.

**Объекти таҳқиқот** мусиқии суннатии профессионалии кӯҳистони тоҷик Фалак мебошад.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот** – доираи жанрии Фалак ва меъёрҳои муайянкунандаи жанр дар Фалак интихоб гардидаанд.

Рисолаи номзадии мазкур дар кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқӣ ва сароядагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов иҷро шудааст. Ибтидои кори таҳқиқотӣ ба солҳои 2005-2008 тааллуқ дошта, иҷрои кор муддати қариб 20 сол идома меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ҳамаи дидгоҳҳои илмӣ ва таҷрибаи ғановатманди амалӣ, ки то имрӯз марбут ба Фалак ҷо дорад, дар бар мегирад, хусусан,

- консепсияи илмии мусиқишинос Ф.А. Азизӣ, ки дар таҳқиқотҳои ӯ оварда шудааст [12; 127; 1. II];
- таҳлили дарёфту комёбиҳои илмӣ-этнографии профессорон Ф.М. Кароматов ва Н.Ҳ. Нурҷонов [14];
- коркардҳои амалии фалакхонони варзида, устодон Одина Ҳошим [13], Давлатманд Хол [183], Файзалӣ Ҳасан [184; 181], Гулчеҳра Содиқова, Соҳиба Давлатшоева, Ақназар Аловатов, Олуча Муаллибшоев, Муҳаммадсафар Муродов, Ҳаким Маҳмудов, Муҳаммадато Таваллоев, Абдусалом Раҳимов [177] ва диг.;
- натиҷаҳои таҳқиқотии фолклоршиносон ва филологон Раҷаб Амонов, Соҳиб Табаров, Нисор Шакармамадов, Варқа Охониёзов, Ҳайдармамад Таваккалов, Умед Мамадшерзодшоев ва диг.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** дар баробари диди илмии мусиқишинос Ф. Азизӣ, такя мекунад ба коркардҳову дарёфтҳои мақомшиносони бузург устодон Ф. Шаҳобов, И. Раҷабов, Ф. Кароматов, В. Беляев, В. Виноградов, М. Баркашлӣ, У. Ҳоҷибеков, Т. Визго, мусиқишиносон А. Низомов, О. Матёқубов, А. Раҷабов, А. Ҷумъаев, О. Иброҳимов, Н. Ҳакимов, С. Худойбердиев, фолклоршиносон Р. Амонов, Н. Шакармамадов, В. Охониёзов, Х. Таваккалов ва диг.

Услубҳои методологии устод Фазлиддин Шаҳобов доир ба композитсияи мақомӣ, ки дар рисола-баёзи ӯ ва нашри панҷҷилдаи Шашмақом («нашри устодон»), хусусан, дар асарҳои таркибии Шашмақом оварда шудаанд [118; 119; 120; 121; 122], дар диссертатсия ҳамчун принсипҳои методологии марказӣ истифода бурда мешаванд.

Дар кори диссертатсионӣ консепсияи мусиқишинос Ф. Азизӣ дар бораи он, ки Фалак яке аз падидаҳои марказии мусиқии суннатии тоҷик, *навъи мақоми кӯҳистони тоҷик* аст (1), ду гунаи мусиқии суннатии тоҷик – *мусиқии тоҷикони водинишин* ва *мусиқии тоҷикони кӯҳистон* (2), ду анъанаи аслӣ – *фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ* (3) [12, с. 82-99] ҳамчун асос қабул шудааст.

**Заминаву пойгоҳи кори таҳқиқотӣ** иштирок дар кори лоиҳаи Ф.А. Азизӣ «Дарсҳои маҳоратии Фалак дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон» (2005), дар ҷараёни татбиқи лоиҳа кашф кардани Ф.А. Азизӣ системаи чормуқом/чормодаронро аз суҳбатҳо бо устод Муродалӣ Холов (1945-2013), шиносоӣ ва омӯзиши минбаъдаи ин система (1); консепсияи илмии Ф.А. Азизӣ (2); омӯзиши амалии таҷрибаи касбиву ғановатманди фалакхонони варзида, устодон Одина Ҳошим, Давлатманд Хол, Достӣ Орзуев, Гулчеҳра Содиқова, Муҳаммадсафар Муродов, Файзалӣ Ҳасанов, Ақназар Аловатов, Соҳиба Давлатшоева ва диг. (3) ба шумор мераванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он дида мешавад, ки бори нахуст дар мусиқишиносӣ ба доираи жанрии Фалак таҳлили илмӣ дода мешавад (1); меъёрҳои асосии жанрӣ дар Фалак муайян мешаванд (2); матнҳои мусиқии жанрҳои гуногуни Фалак ҷамъоварӣ шуда, зимни назари композитсионӣ-драматургӣ таҳлил мешаванд (3); инчунин, ба туфайли саъю кӯшишҳои

диссертант дар илми мусиқишиносӣ Фалаки Дарӣ ва Фалаки Сафарӣ нахустин бор муаррифӣ гардида, таҳқиқи муфассали онҳо ворид мешавад (4); дар рафти экспедитсияи соли 2017 (ш. Кӯлоб) аз тарафи диссертант истилоҳи «парда» дар шакли «чорпарда» ҳамчун боз як унвони системаи чормуқом муайян гардидааст (5).

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. доираи жанрӣ дар ду анъанаи Фалак фарқият ва умумият дорад;
2. дар ҳар ду анъана меъёрҳои муайянкунии жанр дутоанд – қолабзарб ва қолабоҳанг;
3. баъзе жанрҳои нодири Фалак, мушаххасан, Фалаки Дарӣ дар иҷрои устод Муҳаммадсафар Муродов (1958-2024), ки аз падар-фалакхон, устоди Фалак Исмат Гиёев (1887-1991) омӯхтааст ва Фалаки Сафарӣ аз фалакхон Усмон Ҳайдаров, ки аз бобои фалакхон, устоди Фалак ёд гирифтааст, ба диссертант дар як намуна дастрас шудаанд, то имрӯз ба аҳли мусиқӣ дар ҳамин як намуна маълум аст;
4. жанрҳои фалак яккисма ва силсилавӣ, овозӣ ва созӣ мешаванд;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисолаи номзадӣ** дар истифодаи бевоситаи он, ҳам дар илми мусиқишиносӣ ва ҷараёни таълим, ҳам дар фаъолияти эҷодӣ-иҷрокунандагии фалакхонон арзёбӣ карда мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он аст, ки фаҳмиши заминаи жанрии Фалакро мушаххас мегардонад ва аз он имконоти истифодаи бевоситаи мақсадноки ин натиҷаҳо дар фанҳои «Асосҳои мусиқии суннатии тоҷик», «Солфеджиои мақом», «Тахассуси сарояндагии суннатӣ», «Тахассуси навозандагии суннатӣ», «Ансамбли мусиқии суннатӣ», «Методикаи сарояндагӣ ва навозандагии суннатӣ», «Таърихи иҷрокунандагии суннатӣ» «Назарияи мусиқии суннатии тоҷик» ва дигар пайдо мешавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи номзадӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.4.3. Санъати мусиқӣ мутобиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо фаъолияти ҷамъоварӣ, амалҳои пурмаҳсули банотагирии намунаҳои эҷодиёти касбии шифоҳии Фалак, фаъолияти пайвастаи омӯзгорӣ, таҳлили маводи дастрас, пажуҳиши мавод оид ба Фалак, фаъолияти бастакории диссертант муайян карда мешавад. Диссертант дар се экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ ба минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (2012, 2013, 2017) иштирок намудааст; аз рӯйи экспедитсияи охирин (2017) дастури таълимӣ чоп гардидааст [27-М]; аз соли 2004 то ҳол фаъолияти омӯзгориро дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон (аз соли 2022 – дотсент) аз тахассуси «Сарояндагии анъанавӣ» дар шакли дарсҳои инфиродӣ ва ансамблӣ мебарад; ӯ муаллифи асарҳои силсилавии Фалаки Роғӣ (дар шаш қисм (2009), дертар (2012) ба силсилаи сездаҳқисма табдил дода шуд), Фалаки Ғарибӣ (дар панҷ қисм (2015), Фалак бо панҷ гардиш (2018) ва муаллифи китоби дарсии амалии «Фалак» [26-М] мебошад. Аз соли 2006-ум дар ҳамкорӣ бо телевизиони давлатӣ як қатор барномаҳои хосса оид ба Фалак мураттаб гардонидааст.

**Амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертант бо дастовардҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҳамасолаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон (2005-2025), симпозиумҳои байналмилалӣ дар Кӯлоб (2007), Хуҷанд (2008), Олмон (2011), Озарбойҷон (2023), Душанбе (2009, 2011, 2012, 2024, 2025) баромад кардааст.

Ҳамчун фалакхон дар фестивал ва ҷашнвораҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар – Россия (2001, 2003), Қирғизистон (2005), Афғонистон (2006, 2007, 2011), Қазоқистон (2008), Австрия (2008), Олмон (2008), Чин (2015) баромад карда, Лауреати Фестивали байналмилалии мусиқӣ дар Афғонистон (ҷойи I, 2007, ҷойи II, 2011) мебошад. Ҳамчун омӯзгор зиёда аз 20 нафар шогирд-хатмкунанда дорад, ки 10 нафари онҳо Лауреатҳои озмунҳои ватанӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Ба чаҳор кори дипломии бакалаврӣ ва як рисолаи магистрӣ роҳбарӣ намудааст. Дорандаи унвони «Устоди фалак» (2012) ва Медали «Хизмати шоиста» (2011) мебошад.

Инчунин натиҷаҳои кори таҳқиқотиро дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои «Асосҳои мусиқии суннатии тоҷик», «Тахассуси фалакхонӣ», «Ансамбли сарояндагии суннатӣ», «Методикаи сароядагӣ ва навозандагии суннатӣ» истифода намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар 28 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ, 16 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ, 1 китоби дарсӣ-амалӣ, 1 монография (дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 барномаи таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 дастури таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ ва дигарон)-ро дар бар мегирад.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб (7 фасл, 4 зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 223 саҳифа иҷро гардидааст.

# БОБИ I. ЗАМИНАИ ЖАНРИИ ФАЛАК

## I.1. Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ

Дар мусиқишиносӣ проблемаи жанр яке аз масъалаҳои мураккаб маҳсуб меёбад. «Чунин шуморида мешавад, ки назарияи жанр дар мусиқишиносии академии ҷаҳонӣ танҳо дар нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфт» [146, с. 233].

Мусиқишиноси варзида Е.В. Назайкинский «...асари мусиқӣ, жанр ва услубро – се мафҳуми заминавии санъат номида, ҳамчун универсалӣ қабул шудани онҳоро дар мусиқишиносӣ қайд намудааст. Таваҷҷуҳи бештарро ба асари мусиқӣ нисбат ба жанру услуб дар он мебинад, ки асари мусиқӣ – маҳсули охирини эҷодиёти композитор – барои иҷрокунандагон ва шунавандагон объекти асосӣ аст» [151, с. 80].

Ба масъалаҳои назарияи жанр метавон як қатор саволҳоро мансуб донист, ки ба паҳлуҳои гуногуни мусиқӣ алоқамананданд. «Бо мурури замон ин масъалаҳову саволҳо миқдоран зиёд мешаванд. Ин аст, ки мундариҷаи назарияи муосири жанри мусиқӣ фарохтар мегардад. Зеро ки жанри мусиқӣ – равобити воқеист бо ҳаёт. Ҳар як жанр, гӯё ҳолати муайяни ҳаётро дар худ таҷассум менамояд» [151, с. 80].

Тавре муҳаққиқ таъкид мекунад, омӯзиши жанрҳои мусиқӣ аз он ҷиҳат зарур аст, ки он на танҳо ба фаҳмиши моҳияти эстетикии мусиқӣ, табиати мусиқӣ мусоидат мекунад, балки дар таҳлили падидаи мушаххас – чӣ асари мусиқӣ, чӣ эҷодиёти устод ва ё равияи иҷрокунандагӣ, кумак мерасонад. «Аз нигоҳи мусиқии касбӣ, жанр – махзани маҳоратиест, ки дар он услубҳои гуногун, василаҳои ифода, навъи забони мусиқавӣ ташаккул меёбанд. Ҳарчанд ки жанр – тарзи ташаккули асари мусиқавист, дар пажуҳиш ва омӯзиш сохтори асари мусиқӣ аз жанри он бештар коркард шудааст. Сабаби ин вазъ дар он аст, ки жанр – падидаи мураккабтар аст» [151, с. 81]. Жанр нисбат ба сохтори асари мусиқӣ ноаёнтар аст. Ва агар сохтори асари мусиқӣ ба матни он кору бор дошта бошад, жанри асари мусиқӣ на танҳо матни

онро, балки, заминаи таърихии онро ба доираи таҳлил ҷалб мекунад. «Жанр – намунаи таркибӣ-маҷмуиест, ки тибқи он асари бадеӣ дар роҳи таърихии муайян ва имрӯз офарида мешавад» [151, с. 94].

Мафҳуми «жанр» дар мусиқӣ бо мафҳумҳои «мазмуну мундариҷа» ва «шаклу сохтор» ҳамсарҳад аст. Маълум аст, ки пайдоиши калимаи «жанр» ба мусиқишиносӣ вобаста нест. Вале ҳамчун мафҳуми мусиқишиносӣ он маънои зеринро пайдо кардааст: «Жанрҳо – қолабҳо, синфҳо, авлодҳо ва намудҳои устувори асарҳои мусиқианд, ки дар роҳи таърихӣ ташаккул ёфтаанд ва бо як қатор меъёрҳои худ фарқкунандаанд: а) вазифаи иҷтимоӣ; б) шароит ва воситаҳои иҷро; в) табиати мазмун ва шакли инъикос» [151, с. 94].

Жанри асари мусиқиро дар асоси маҷмуи василаҳои ифода муайян кардан имконпазир мегардад. Ба гуфтаи мусиқишинос Т.В. Чередниченко «...жанри мусиқӣ – мафҳуми серҷанбаест, ки намудҳову гунаҳои эҷодиёти мусиқиро вобаста ба пайдоиш, услуби иҷрокунандагӣ, қабули онҳо муайян мекунад ... » [162, с. 192].

Маълум аст, ки дар илми мусиқӣ дар умум системаи ягонаи радабандии жанр ҷо надорад. «Олимони гуногун ба ҳайси меъёри радабандии жанрӣ унсурҳову хусусиятҳои гуногунро интихоб мекунанд. Тамоюле, ки дар ин масъала дар эҷодиёти мусиқии муосир ҷо дорад – «тира» кардани сарҳадҳои байнижанрӣ мебошад» [142, с. 6-9].

Мусиқишиноси варзида Е. Назайкинский дар пажуҳиш бахшида ба назарияи жанрҳо коркарди се гурӯҳи масъалаҳоро қайд мекунад:

- *«жанри мушаххаси мусиқӣ* (сарчашма, хусусиятҳои вуҷудият, рушди тадриҷии таърихӣ, василаҳои ифода, мазмун). Ин гурӯҳ ҳаҷман хеле бузург аст ва саъю кӯшишҳои мусиқишиносони сершуморро металабад;
- *радабандии жанрӣ* (то имрӯз дар ин ягон хулосаи умумӣ ҷо надорад, ки ҳамаи талаботи назарияро қонеъ гардонад);
- *моҳияти жанр* (дар ҳаёт, санъат ва дар мутаносибии жанр бо унсурҳои ғайримусиқавӣ ва дигар)» [151, с. 82].

Гурӯҳи алоҳидаро масъалаҳои истилоҳотӣ ва мафҳумҳои марбут ба назарияи жанрӣ ташкил медиҳад. Таҷрибаи радабандии жанрҳои мусиқӣ ҳамеша идомаи муқаррарӣ ва иловагии шарҳи жанрҳо буд. Таваҷҷуҳи хосса ба радабандӣ дар мусиқишиносӣ дар асри XX бениҳоят афзуд. Ба ин проблема муҳаққиқони шуравӣ ва рус Т.В. Попова, В.А. Тсуккерман, А.Н. Сохор, О.В. Соколов, Т.В. Чередниченко, Е.В. Назайкинский, А.Г. Коробова ва қабл аз инҳо мусиқишиноси олмонӣ – Г. Бесселер ақидаронӣ намудаанд.

Мусиқишиноси олмонӣ Г. Бесселер (1900-1969) муддате ба масъалаи жанр рӯ оварда, равобити мусиқиро бо вазифаи он дар ҳаёт таҳлил карда, ҳамаи жанрҳоро ба ду навъ – корӣ-амалӣ ва бадеӣ (махсус эҷодшуда) тақсим кардааст.

Дар солҳои 1930-юм ба масъалаи робитаи мусиқӣ ва ҳаёт академик Б.В. Асафйев (1984-1949) аҳаммият дода, якчанд ақидаҳои пурарзише доир ба жанрро қайд кард.

«Инро, ҳарчанде Т.В. Чередниченко, Е.В. Назайкинский ва дигар олимон қайд карда бошанд ҳам, таҳлили хоссаи ақидаҳои ӯро доир ба масъалаи «жанр» мусиқишинос А.Г.Коробова ба амал овардааст» [151, с. 87; 147, с. 142-150].

Академик Б.В. Асафйев жанрҳои мусиқиро дар шаш гурӯҳ радабандӣ намудааст:

- «мардумӣ-маишии шифоҳӣ (овозӣ ва созӣ);
- мусиқии маишии сабук ва эстрадӣ-хушҳолкунӣ (якка, ансамблӣ, овозӣ, созӣ, ҷазӣ, мусиқӣ барои оркестрҳои нафасӣ);
- мусиқии камеравӣ (барои толорҳои хурд, якка ва ансамблӣ);
- мусиқии симфонӣ;
- мусиқии хорӣ;
- мусиқӣ барои спектакл (мусиқии саҳнавӣ)» [151, с. 87; 147, с. 142].

Муҳаққиқ қайд кардааст, ки диди Б.В. Асафйев ба шакли асари мусиқӣ аз он бармеангезад, ки шакли асари мусиқӣ – навъи муоширати инсон аст, ки бо василаҳои хосса – мусиқавӣ – ба амал оварда мешавад [147, с. 142].

Дар таҳқиқоти Т.В. Попова [154; 150] ба ҳайси асоси назарияи жанрӣ радабандӣ ба монанди муҳаққиқи олмонӣ ду меъёр интихоб гардид: шароити маъмулии мусиқӣ ва хусусиятҳои иҷрои он.

Мусиқишинос В.А. Тсуккерман (1903-1988) ба ҳайси меъёри асосӣ мазмуни мусиқиро интихоб карда, тарзи дигари радабандиро пешниҳод намуд. Тибқи он се гурӯҳи жанрҳо ба вуҷуд омадаанд: лирикӣ, нақливу эпикӣ ва серҳаракат («моторӣ») [161].

Мусиқишиноси советии рус А.Н. Сохор (1924-1997) бори дигар ба ҳайси меъёри жанрӣ шароити маъмулӣ ва шакли иҷрои онро интихоб мекунад [157]. «Радабандии ин мусиқишинос ба радабандии Г. Бесселер хеле наздик аст. Вале онҳо дар замонҳои гуногун ва шароитҳои дигари иҷтимоӣ пайдо шудаанд» [151; 146].

Дар радабандии худ ӯ услуби жанриро аз мазмуни жанрӣ ҷудо кардааст. Ӯ жанрҳои мусиқиро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад: маросимӣ, оммавӣ-маишӣ; консертӣ ва театрӣ. Дар ин радабандӣ дутои аввал ба мусиқии амалӣ-корбарӣ ва дутои охир – ба мусиқие, ки махсус эҷод мешавад, тааллуқ доранд [151].

«Ба андешаи муҳаққиқ О.В. Соколов (1929-2012) дар радабандии жанрҳо на шакли маъмулӣ (ба монанди Г. Бесселер, Т.В. Попова, А.Н. Сохор) ва на шакли иҷро (ба монанди В.А. Тсуккерман) асосӣ буда наметавонанд. Ӯ ба ҳайси меъёрҳои муайянкунанда ҷо доштан ё надоштани робитаи мусиқӣ бо навъҳои дигари санъат, унсурҳои навъи дигар, ва функсияи мусиқиро интихоб кардааст» [155; 151].

Тибқи ин интихоб ӯ чунин радабандӣ намудани мусиқиро пешниҳод мекунад:

- мусиқии тоза (дар ин маврид жанр – ҳамон сохтори композитсионӣ аст);
- мусиқие, ки бо дигар навъҳои санъат ҳамкорӣ менамояд;
- мусиқии корӣ-амалӣ;

- мусиқии корӣ-амалие, ки дар ҳамкорӣ бо дигар навъҳо вазифаашро иҷро менамояд [155].

Ба андешаи муҳаққиқон ин радабандӣ, ки бештар дар мисоли мусиқии қарни XX сохта шудааст, бо назардошти ҳамин замон мебояд корбарӣ шавад [151, с. 90].

«Ба гуфтаи Е.В. Назайкинский дар чараёни таҳлили асари мусиқӣ вобаста аз навъи таҳлил метавон аз ду принсипи интихоби меъёри жанрӣ истифода бурд» [151, с. 80-138]. Ва онро бояд ба назар гирифт, ки барои шарҳи муфассал ва пурраи асари мусиқӣ мувофиқи мақсад аст аз ҳамаи радабандиҳои ҷойдошта истифода бурд, зеро ки онҳо якдигарро инкор намекунанд, баръакс, онҳо паҳлуҳои гуногунро айён карда, таҳлилро пурратар мегардонанд. «Тибқи ин радабандиҳо жанр гуфта, падидаи гуногунсатҳро мегӯянд: гунаҳои зиёд (рақсӣ, созӣ, овозӣ, ...) ва инчунин, яққисма ва мураккаб» [151, с. 91].

Се шакли маъмулияти мусиқиро мусиқишинос Назайкинский – синкретӣ, ҳамчун падидаи эстетикӣ (асари композитор) ва виртуалӣ (тавассути радио, ТВ ва диг.) мешуморад. Ӯ таъкид менамояд, ки жанр танҳо ҳангоми иҷрои вазифаи бадеӣ, мусиқавӣ-мазмунӣ метавонад ҳамчун категорияи эстетикӣ фаҳмида шавад.

Ақидаи мусиқишинос дар бораи жанрҳое, ки дар шароити гуногун пайдо шудаанд, аз онҳое, ки барои иҷро дар толори консертӣ офарида мешаванд, мутлақо фарққунандаанд, ӯро ба хулосае меоварад, ки «жанр ҳамчун падидаи бадеӣ дар эҷодиёти композитор, фаъолияти мусиқачиёни касбӣ зоҳир мегардад ... ташаккулёбии хусусиятҳои умумии жанрҳо низ – натиҷаи амалияи мусиқии касбӣ аст» [151, с. 138].

Мусиқишинос А.Г. Коробова дар мақолаи худ мафҳум ва маъмулияти жанрро дар замони муосир дида, бахусус паҳлуҳои методологии назарияи жанриро фаро мегирад. Ба гуфтаи ӯ «жанр – яке аз паҳлуҳои асосии маъмулияти мусиқӣ...» [146, с. 236] мебошад. Шарҳи жанрро ин мусиқишинос чунин мушаххас мегардонад: «жанри мусиқӣ – қолаб ё намуди

ягонаи фаъолияти мусиқавӣ ва ё асари мусиқӣ мебошад, ки хусусияти мутобиқшавии ... ... кулли унсурҳои мазмунӣ, сохторӣ ва услуби ифодаро дошта, ҳамчун субъекти таърихии мусиқӣ (падида) ва ҳамчун объекти инъикоси назариявӣ (истилоҳ) вуҷуд дорад»

Ба гуфтаи ӯ лаҳзаи таҷассуми илмӣ *дар худи унвон* аллакай ҷо дорад. *Дар системаи жанрӣ унвони жанр унсури муҳим ба шумор меравад* (Таъкиди мо – С.К.) Тасодуф ё огаҳона пайдо шудани унвони жанр далели беаҳаммиятӣ дар унвонгузорӣ буда наметавонад. Он далели ҷо доштани гуногунии услубҳо аст. Дар унвони жанр нуктае ҷой мегирад, ки нақши муҳимеро дар рушди таърихии ин мусиқӣ бозидааст, он диди муҳимест дар «хотираи жанр». Ҳамин тавр, мусиқишинос Коробова шарҳи зерини жанрро меоварад: «жанри мусиқӣ – қолаб ё намуди ягонаи фаъолияти мусиқавӣ ва ё асари мусиқӣ мебошад...хусусияти мутобиқшавии таърихии кулли унсурҳои мазмунӣ, сохторӣ ва услуби ифодаро дорад ... дар шакли субъекти таърихии мусиқӣ (падида) ва ҳамчун объекти инъикоси назариявӣ (истилоҳ) вуҷуд дорад» [146, с. 237].

Ҳамин тавр, тибқи натиҷагирии муҳаққиқ А.Г. Коробова дар мусиқии академӣ жанр ду гуна, ҳамчун – «падида» ва «истилоҳ» фаҳмида мешавад. Агар ба мусиқии суннатии тоҷик назар афканем, ин ҷо ҳам чунин фаҳмиши калимаи «жанр»-ро мушоҳида менамоем.

Дар заминаи мусиқии суннатӣ низ жанр ҳамеша зери таваҷҷуҳи хосса қарор дошт. Бояд гуфт, ки дар рисолаҳои мусиқии қурунивустоии тоҷик ҳадафи ниҳоии тарбияи мусиқачӣ – ба даст овардани маҳорати бастакорӣ, дороии малакаи офаридани асари мусиқиро меҳисобиданд. Аз ин ҷост, ки яке аз қисмҳои рисола ҳамеша ба «таълифи асари мусиқӣ» бахшида мешуд. Ва ин қисми рисола тайи ҳазор сол дар илми мусиқӣ амали жанрсозиро дар мақомоти тоҷик дар назар дошт.

Аз амалияи мусиқии имрӯз маълум мешавад, ки «...як қисми ... осори ... мусиқӣ ... дар иртибот ... бо расму ойинҳои мардумӣ дар замони қадим пайдо шуда, ба гузашти айём шакл гирифта, ба ... асарҳои мукаммал табдил

ёфтааст» [114, с. 71]. Фалак ба зумраи ҳамин гуна жанрҳо тааллуқ дорад. Имрӯз Фалак ҳам гунаҳои фолклорӣ ва ҳам суннатии касбиро дар бар мегирад [12, с. 78]. Интихоби жанрӣ бо услуби устод-фалакхон ҳам мустақим алоқаманд аст. Одатан, дар фаъолияти эҷодии устод интихоби як услуб ва як доираи жанрӣ дида мешавад. Дар тули эҷодиёт шакли пешниҳоди услуб ивазшаванда аст, на худи услуб. Бо назардошти он ки унвони жанр ба унсури ғайримусиқавӣ тааллуқ дорад, унвон метавонад ягон хусусияти пайдоишии худро инъикос намояд. Ва ин нукта (тавре, ки мусиқишинос Коробова нисбат ба жанрҳои мусиқии академӣ қайд кардааст) бештар ба *хотираи жанр* тааллуқ дорад, зеро ки акнун ин мусиқӣ дар саҳна, дар иҷрои сарояндаи касбӣ, навозандаи касбӣ садо медиҳад, на дар «ғарибӣ», «қаландарӣ», «сафарӣ» ва диг.

«Аз ин лиҳоз бамаврид аст, андешаи олим Е.В. Назайкинскийро доир ба вазифаҳои жанрӣ ба хотир биоварем. Онҳоро мусиқишинос ба се гурӯҳ тақсим кардааст:

- коммуникативӣ (робитаи бадеӣ байни иҷрокунанда ва шунавандагон);
- сохторӣ (сохтори асари мусиқӣ дар ин жанр);
- семантикӣ (ифодавӣ, мазмунӣ)» [151].

Дар ҷараёни рушди таърихии системаи жанрӣ ин мусиқишинос бузургшавии гурӯҳҳои жанриро қайд мекунад, ки бо умумияти хусусиятҳо ва меъёрҳо айён мегарданд [151, с. 114].

Дар фарҳанги тоҷик мусиқӣ ҳамеша ҳамқадами адабиёт ва шеър буд. Ва раво аст, ки масъалаи жанрии мусиқии суннатии тоҷикро низ дар адабиёту назми классикии форс-тоҷик ҷустуҷӯ бикунем. Бино бар ин, ҳарчанд ки то аввалҳои асри XXI дар мусиқишиносии тоҷик оид ба падидаи Фалак ва жанрҳои он таҳқиқоти хосса ҷо надорад, адабиётшиносону театршиносон, мусиқишиносону фолклоршиносон, аз ҷумла, Раҷаб Амонов, Шарифҷон Ҳусейнзода, Файзулло Кароматов, Низом Нурҷонов, Соҳиб Табаров ва дигарон дар таҳқиқоти худ баъзан дар бораи мусиқӣ ва илми он андешаронӣ мекарданд: [4], [14], [83], [110].

Аз байни мусиқишиносони мамолики Шарқ, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Шарқи Шуравӣ, низ ба масъалаи жанр дар мақомот рӯ овардаанд. Барои кори диссертатсионии мазкур чунин дид аз он лиҳоз муҳим аст, ки Фалак низ ба мақомоти тоҷик тааллуқ дорад. Ва он навъи мақоми кӯҳистони тоҷик аст [12; 1]. Муҳаққиқон хусусиятҳои жанрро дар мақомоти Шарқ як-як гуфта мегузаранд.

«Мусиқишиноси озарбойҷонӣ Н. Мамедов дар гуфтаҳои худ қайд мекунад, ки жанри муғам на ба ҳамаи мардуми Шарқ хос аст (1); хусусиятҳои ин жанр ин мусиқиро аз фарҳанги мусиқии аврупоиён фарқ мекунонанд (2). Вазифаи асосии муғамро эстетикӣ мешуморад. Импровизатсия дар муғам ҳам услуби баён асту ҳам услуби шаклсозӣ. Таъиноти асосии интонатсионии муғам – ҳарчи фарохтар пешниҳод намудани лаҳни асосӣ мебошад. Ҳарчанд ки муғам ҳам яккисма ва ҳам силсилавӣ пешниҳод мешавад, дар он ҳамеша як хусусият ҳукмрон аст – рушди тадриҷии оҳанги лаҳнӣ. Муғам – таҷассуми бадеии ҷаҳонбиниву фалсафаи муайян аст» [148, с. 121-126]. Чунин шарҳ додани муғами озарбойҷонӣ ҳамчун жанр устувор будани муғамро аз як тараф ва хусусиятҳои жанрии онро аз тарафи дигар, муайян кардааст.

Мусиқишиноси арманӣ Лилит Ернджакян дар бораи равобити жанрҳои муғамҳои созии яккисмаи арманӣ, ки зери нуфузи дастгоҳҳои бисёрқисмаи эронӣ пайдо шудаанд, таҳқиқ бурда, қайд мекунад, ки «умумият дар асоси лаҳнӣ, рушди импровизатсионӣ, услубҳои шаклсозӣ (бо истифодаи унсурҳои муайяни сохторӣ-композитсионӣ) ва қолабҳои вазнӣ-зарбӣ ҷо дорад» [141, с. 130]. Фарқият – дар сохтор (дар дастгоҳҳои Эрон – силсилавӣ ва дар муғамҳои Арманистон – яккисма) дида мешавад. Ҳарчанд асоси оҳангӣ-интонатсионӣ хеле монанд бошад ҳам, талқини он, яъне худи ҷараёни оҳангсозӣ дигар аст: дар дастгоҳҳои эронӣ – бештар такроршаванда, тиловатӣ (речитативӣ, такроршавии як савт, як ибораи мусиқӣ), вале дар муғамҳои арманӣ – сурудӣ. Байн-байни оҳанги тиловатӣ дар дастгоҳҳои Эрон рангу тасниф (қисмҳои зарбӣ-рақсӣ) ҷо дода мешаванд, дар муғамҳои арманӣ ин зарур нест. Яке аз нуктаҳое, ки ин мусиқишинос қайд мекунад бо

муғами «Саарӣ», ки дар Арманистон густариш ёфтааст, вобаста аст. Феълан он «Саҳарӣ» аст ва бо вақти муайян – сабо, баромадани офтоб алоқаманд будааст. Ин аз решаҳои қадими ин муғами арманӣ (воқеан дастгоҳи эронӣ) шаҳодат медиҳад. Мусиқишинос дар таҳлили худ дар бораи фарқияти мавқеи фарҳангӣ-иҷтимоии дастгоҳ дар Эрон ва муғам дар Арманистон гуфтааст. Дар Эрон он падидаи олитарини тафаккури мусиқӣ, вале дар Арманистон – яке аз «унсурҳои таркибии системаи жанрии санъати мусиқии суннатӣ» мебошад. «Ба гуфтаи Л. Эрнджакян ба чунин вазъ эҳтимол унсури мазҳабӣ мусоидат кард. Ва ҳарчанд дар қадим равобити эронӣ-арманӣ хеле қавӣ қарор ёфта буд, бо пайдоиши дини ислом он хеле заиф гардид ва дар густариши минбаъдаи жанри муғам дар Арманистон монеагӣ кард. Ин заифшавӣ омили талқини дигар гирифтани жанри муғам дар Арманистон – танҳо дар шакли жанри созӣ, гардид» [141, с. 132].

Мусиқишиноси узбек Т. Ғафурбеков қайд мекунад, ки «аз охири асри XV – аввали асри XVI дар Осиёи Миёна ду навъи эҷодиёти бастакорӣ устувор гардиданд: 1) *танзимшуда* – эҷод аз рӯйи қолабҳои оҳангӣ, сохторӣ, лаҳнӣ ва вазнӣ-зарбӣ; 2) *озод* – бидуни истифодаи қолабҳо, бо истифодаи хусусиятҳои ду ва ё зиёда жанрҳо» [138, с. 103-104]. Сипас, пайиҳам, фаъолияти эҷодии бастакорони охири асри XIX – аввали XX-ро таҳлил карда, дар мисоли эҷодиёти хеле фаъоли мақомхони бузурги тоҷик Хоҷӣ Абдулазиз Расулов (1852-1936), чаҳор услуби офаридани асари мусиқиро, ки хоси ин давра буданд, қайд кардааст: «1) *коркарди монодӣ* («Ушшоқи Самарқанд»); 2) *featuresазнавтобиш додани оҳангӣ-интонатсионӣ* (дар асоси оҳангӣ-интонатсионии пйесаи созии «Эшвой» – эҷод шудани асари овозии «Гулъузорам»); 3) *офаридани асари нав* дар заминаи оҳангӣ-интонатсионии якчанд суруд ва ё оҳанги созӣ («Бозаргонӣ» дар асоси якчанд суруду оҳангҳои халқии хоразмӣ ба вуҷуд омадааст ва «Бебокча» – дар асоси суруду оҳангҳои халқии Фарғона); 4) эҷоди асарҳои овозӣ ва созии хосса (масалан, суруди «Боғи гулҳо»)». Феълан дар ин гуфтаҳои мусиқишинос *ба вуҷуд омадани жанрҳои навро* дар эҷодиёти бастакорон қайд мекунад» [138, с.

104].

Китоби адабиётшиноси маъруф Соҳиб Табаров «Ёде аз Одина Ҳошим» [83], маҷмуаи «Одина фалак мезад...» [66], мақолаи Толиб Бобоев «Як сабақи устод» [40], маҷмуаи «Рӯзи Одина» [79] ва диг. аз ҷумлаи хотираҳоеанд, ки симои эҷодии устод Одина Ҳошимро хеле равшан нишон медиҳанд. Дар онҳо мушаххасиёти роҳи зиндагӣ, ҷустуҷӯҳо ва паҳлуҳои эҷодӣ гуфта шудаанд. Дар умум муаллифони таҳқиқоту мақолаҳо симои фалакхони бузурги асри XX-ро хеле равшан инъикос карда, арзанда баҳогузорӣ намудаанд.

Фолклоршинос Н. Шакармамадов бахшида ба Фалак якчанд мақолаҳо дорад. Ба гуфтаи муҳаққиқ дар Бадахшон «Фалак дар доираи сурудҳои ҳам маросимӣ ва ҳам ғайримаросимӣ қарор дорад» [114, с. 57]. Ӯ матни асосии шеърии Фалакро рубоӣ мешуморад. Ва ба гуфтаи ин фолклоршинос, агар мавзуи ин рубоиёт бештар аз қабили шикоят аз тақдир, сарнавишт, фироқ, марг бошад, байни мардуми Бадахшон «фалакиёт» мегӯянд. «Ин аст, ки жанрҳои лирикаи мардумии лалайик ва булбуликро, ки ҳаммазмуни фавқуззикр ҳастанд, мардум ба жанри мусиқии фалак мансуб медонад» [114, с. 58].

Фолклоршиноси маъруфи тоҷик, академик Раҷаб Амонов ба ҳамин мазмун: «Маъмул будани рубоиётро дар Афғонистон низ тасдиқ карда, онро дар баробари «фалакӣ», инчунин бо унвонҳои «курдакӣ», «ғарибӣ», «тӯдаӣ» ном гирифтанро қайд мекунад» [4]. Ӯ низ тасдиқ мекунад, ки «Аҳолии Бадахшони Кӯҳӣ рубоиҳои дар бораи тақдир ва вазъияти зиндагӣ гуфташударо «фалакӣ» меноманд» [4, с. 23], зеро ки дар тақдири талхи худ фалак – осмонро сабабгори бадбахтии худ мешуморад. Аз ин ҷост, ки «фалак ба яке аз образҳои асосии рубоиҳои шикоятӣ мубаддал гардидааст. Ба ин сабаб дар минтақаҳои Кӯлобу Бадахшон сурудҳои шикоятомез «фалак» ном гирифтаанд. Ҳофизон фалакиҳоро бо сӯзу гудоз ва бо оҳангҳои ҳазину ғамангез иҷро мекунанд» [4, с. 61]. Дар ин бора шарқшиноси барҷастаи рус Е. Бертелс низ мулоҳизаронӣ намуда, қадимӣ будани решаҳои образи фалакро байни мардуми эронӣ таъкид кардааст [135]. Муҳаққиқ Н.

Шакармамадов қайд мекунад, ки «ҳангоми ба гӯристон бурдани майит занҳо бидуни асбобҳои мусиқӣ фалаксарой/фалакзанӣ мекунанд. Ин тарзи сароишро бо истилоҳи «бепарвофалак» ёд мекунанд» ва илова мекунад, ки номи дигари ин навъи фалакро ҳамчун «пиёдафалак» шунидааст [114, с. 67]. Аз гуфтаҳои муҳаққиқ Н.Шакармамадов бармеояд, ки ба фалакхонӣ дар Бадахшон чунин хусусиятҳои иҷро маъмул аст:

- «бо иштироки ҳам мард ва ҳам зан ба таври дукаса ба навбат ё якка ва гурӯҳӣ ё якка пешниҳод гардида, се тарзи зеринро дар бар мегирад: иҷрои омехтаи марду зан (1), танҳо занҳо (2), танҳо мардҳо (3);
- он ба таври муколама (на хорӣ! Ба навбат – С.К.) дар шакли овозӣ – овозӣ, созӣ – овозӣ қарор мегирад;
- фалак маросимӣ ва ғайримаросимӣ маъмул аст» [114, с. 66].

Муҳаққиқон мавқеи фалакро дар маросими мотамӣ дар Бадахшон қайд кардаанд. Аз зумраи онҳо М. Андреев [132, с. 193], Р. Амонов [4, с 61], Ф. Кароматов, Н. Нурҷонов [14, с. 17-18], В. Охониёзов [68, с. 190-196].
Дар ин бора мардумшиноси маъруф М.С. Андреев гуфтааст, ки: « ... занон гурӯҳ-гурӯҳ ба ғамхона рафта, баъди дохили он шудан як-ду нафарӣ гӯшҳояшонро бо ангуштон дошта, бо тамоми овоз «Фалак» мехонанд ва дигарон («*ба гуфти модарат*») гӯён, овоз меандозанд» [132, с. 193]. Онҳо ғаму ғусса, дарду алам ва сӯзи дилашонро тавассути фалак баён мекунанд.

Доир ба Фалак имрӯз мақолаву гуфтаҳо кам нестанд. Вале дар онҳо сухан дар бораи жанр намеравад. Доираи мавзуӣ дар онҳо, асосан ба маълумоти тарҷумаҳолӣ ва номҳои сурудҳои устодон бахшида шудааст [111; 48; 39]. «Дигарӣ – маводе мебошад, ки дар онҳо калимаи «фалак» дар назми классикии форс-тоҷикро бо жанри мусиқии фалак иштибоҳан омехта мекунанд [88; 172]. Ва ниҳоят, зумраи дигари нашрияҳоро маҷмуаҳои нотавӣ ташкил мекунад» [13; 15; 183; 173].

«Мусиқишинос Ф. Азизӣ пайдоиши фалакро дар Бадахшон бо хулосаҳои шахсии худ, бо роҳи ҷамъоварӣ намудани маводи фолклори

Бадахшон дар муддати се экспедитсия бо маросими мотамӣ мепайвандад» [12, с. 83]. Ба ин маросим ӯ ду жанрро – «фалаки мотамӣ» ва «фалак-фарёд»-ро тааллуқ медиҳад [12]. Диди ин мусиқишинос мустақим ба пайдоиши жанри фалак равона шудааст.

«Мусиқишинос Ф. Азизӣ дар натиҷаи корҳои ҷамъоварӣ-экспедитсионӣ ва таҳқиқӣ се гурӯҳи жанрии фалакро дар Бадахшон (Помир) қайд кардааст:

- фалаки маросимӣ (фалаки мотамӣ);
- фалак – қисми таркибии силсила;
- фалак – асари мустақил» [12, с. 84].

Имрӯз дар мусиқишиносӣ ҳамин радабандии жанрӣ устувор аст.

Аз ҷиҳати методологӣ барои кори диссертатсионии мазкур коркардҳои илмии мақомдон, танбӯрнавоз ва мусиқишинос Устод Фазлиддин Шаҳобов низ мустақим раҳнамоӣ кардаанд. Зеро ки дар «Баёзи Шашмақом»-и ин устод дар баробари асосҳои илмии Шашмақом унсурҳои жанрии шуъбаҳои таркибии он хеле мушаххас оварда шудаанд. Ва мусиқишинос Ф.А. Азизӣ ин маводи пурарзишро ба илми мусиқишиносии муосир ворид намуд [118; 119; 120; 121; 122] ва асосгузории Мактаби шуравии шашмақомхононро дар шаҳри Душанбе ба ин олим ва мутриби машҳур мансуб медонад. Дар рисолаҳову китобҳои худ мусиқишинос Ф. Азизӣ таҳлилу таҳқиқи Шашмақом ва Фалакро аз рӯйи услуби таҳқиқии Устод Ф. Шаҳобов иҷро намудааст. Дар илми мусиқишиносӣ он ба ҳайси услуби ягонаи таҳлил қабул шудааст. Ва мо ҳам дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ин услуби таҳлилу таҳқикро ҳамчун услуби методиву методологӣ интихоб намудаем.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳқиқи Фалак ба роҳи устувори илмӣ гузошта шуд. Китоби дарсӣ-амалии «Фалак» (мураттиб Саъдулло Каримов), муаллифи кори диссертатсионии мазкур [26-М] ягона китоби дарсӣ-амалӣ аст, ки дар асоси таҳқиқотҳои навтарин доир ба жанрҳои гуногуни Фалак мураттаб гардидааст. Дар он маводи нотавии зиёд доир ба ҳар як жанри Фалак ҷой дорад.

## I.2. Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ

Фалак яке аз падидаҳои марказии мусиқии суннатии тоҷик, навъи мақомоти кӯҳистони тоҷик аст [1, с. 21-25]. Тибқи диди илмие, ки дар илми мусиқишиносии имрӯз вуҷуд дорад, мусиқии суннатии тоҷик ба ду хел тақсим мешавад: *мусиқии тоҷикони водинишин* ва *мусиқии тоҷикони кӯҳистон* [12, с. 35]. Фалак намунаи олии тоҷикони кӯҳистон бо ду анъанаи аслӣ – *фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ* зоҳир гардидааст [12, с. 82-99]. Дар рисолаи илмии ҳозир ин ду радабандии мусиқишинос Ф. Азизиро ҳамчун асос ва услуби методологӣ интихоб карда, зимни он таҳлилу таҳқиқ корбарӣ намуда мешавад.

Барои таҳлили доираи жанрии Фалак қабл аз ҳама муайян намудани моҳияти Фалак дар мусиқии суннатии минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) мантиқан дуруст аст. Бояд муайян кард, ки дар фазои мусиқӣ-интонатсионии ин минтақаҳо Фалак чӣ моҳиятро пайдо кардааст? (1). Фалак чӣ нақши заминавӣ дорад? (2). Фалак аз рӯйи меъёрҳои худ ба жанрҳои дигари мусиқии ин минтақаҳо чӣ рабт ба вуҷуд овардааст? (3).

Мусиқишинос Ф.А. Азизӣ қайд кардааст, ки роҳи рушди тадриҷии Фалак аз жанри фолклорӣ сар зада, дар рушди таърихӣ ба жанри касбӣ – Фалаки Роғӣ, Фалак-Мадҳия ва дигар расида, имрӯз ҳардуро дар бар мегирад [12]. Ба вуҷуд омадани чунин такомули тадриҷӣ, албатта, на дар алоҳидагӣ, балки дар заминаи мусоиди мусиқӣ-интонатсионии ҳамин минтақаҳо имконпазир аст. Табиӣ аст, ки дар ин маврид мебояд Фалак бо дигар жанрҳои касбӣ ва фолклории минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) ҳамрешаву ҳампоя бошад. То ҳол ин пайвастагӣ дар мусиқишиносӣ дида баромада нашудааст. Аз ин рӯ, зарурати чунин таҳлил дар кори диссертатсионии ҳозир ба миён меояд.

Мусиқии минтақаҳои Кӯлоб ва Помир ҳам жанрҳои овозӣ ва ҳам жанрҳои созиро дар бар мегирад. Берун аз доираи жанрии Фалак мусиқии кӯлобӣ ва помирӣ бо жанрҳои гуногуни овозиву созӣ, аз ҷумла, рубоӣ, ғазал, байт, чорбайт, дубайтӣ, даргилик, булбулик, дувдувак, наът, лалайик, қисса, қасида ва дигар густариш ёфтааст.

*Жанри овозии наът* зодаи мусиқии кӯҳистони тоҷик аст. Он хоси ҳам Кӯлоб асту ҳам Бадахшон (Помир). Вале дар ин ду минтақа наът бо номҳои гуногун маълум гардидааст. Онро дар Кӯлоб – «наът» ва дар Бадахшон (Помир) – «мадҳия» меноманд, ва дар амалияи мусиқӣ сарояндагони наътро – «наътхон» (Кӯлоб), «маддо» ва «маддохон» (Помир) ном мегиранд. Хусусияти асосии ин жанри мусиқӣ бо мазмуни он алоқаманд аст.

Мафҳуми «наът» дар адабиёт чунин гуна ифода ёфтааст: «мадҳ», «ситоиш», «таъриф», «васфи хислатҳои нек» [188, с. 843], «наът ё мадҳия васфи Муҳаммад пайғамбар (с.с.) ва дӯстони наздики ӯ» [186, с. 74], «наът ё мадҳия тавсифи Пайғамбар Муҳаммад (с.с.) ва ёронаш, ки баъд аз ситоиши Худо ҷой мегирад» [185, с. 92], «наът ё мадҳия тавсифу дуруд ва корнамоии паёмбари ислом Муҳаммад (с.с.)» [56, с. 7].

«Дар ҳамаи ин гуфтаҳо қайд шудааст, ки наът мазмунан динист. Ба мазмуни он такя карда, метавон гуфт, ки жанри «наът» зодаи фарҳанги исломист. Ҳамчун жанри адабӣ онро ба қасидаи динӣ-мазҳабӣ тааллуқ дониста, онро се гуна ном мегиранд: «наът», «муноҷот» ва «ҳамд»» [91, с. 387].

Дар забони мусиқии наът *услуби нақлӣ* ҷо дорад. Вале дорои асоси оҳангӣ-интонатсионии он то дараҷае фаъол аст, ки онро наметавон ба жанри достон тааллуқ донист. Дар ҷараёни равобити назму мусиқӣ дар фарҳанги тоҷикон, дар қатори пайдоиши муаннаси мусиқии як қатор жанрҳои шеърӣ, наъти мусиқӣ низ ташаккул ёфта аст. Наътро ҳамеша якка мехонанд. Дар фарҳанги тоҷикон наът ду шохаи жанриро ташаккул додааст: наъти дорои такнавозии созӣ (1) ва наъти бидуни такнавозии созӣ (2). Иҷрои наът бо такнавозӣ (аккомпанемент) дар минтақаи Кӯлоб, одатан бо думбра ё ғиҷак, қарор мегирад. Баъзан ба онҳо тавлак ҳамроҳӣ мекунад. Дар ин шакли ансамбли камеравӣ наътхонӣ дар ҳуҷрабазм дар тули асрҳои миёна хеле устувор буд. Ва ҳамин шаклро дар амалияи мусиқӣ *наътхонӣ* мегуфтанд. Дар асри XX устод Одина Ҳошим иҷрои наътро бо ансамбли созӣ пешниҳод кард. Ба ин ансамбл дар баробари думбра, соз, най, ғиҷак, тор, рубоб, таблаку дойра ворид гардиданд. Омилҳои чунин навоварӣ дутоанд: якумӣ – саъйи бошукуҳтар садо додан, дуюмӣ – иваз шудани макони

наътхонӣ: он аз ҳуҷра ба саҳнаи маъракаҳои хонаводагӣ ва маҳаллӣ баромад. Ин гунаи наътро ба забони тоҷикӣ бо жанрҳои гуногуни шеърӣ мехонанд.

Навъи дуюми наът ба забони арабӣ иҷро мегардад. Онро бештар дар расму ойинҳои динӣ мехонанд. Ва ҳарчанд он ҳам жанри мусиқавист, таҳлили он ба ҳадафи рисолаи ҳозир намедарояд.

Ҳамин тавр, дар адабиёт «наът» аз рӯйи мазмуни он муайян мешавад, дар фарҳанги мусиқӣ «наът» – жанри мустақил аст. Жанри мусиқавии «наът» ҳамеша овозӣ аст. Асоси оҳангӣ-интонатсионии наът дар заминаи лаҳҷаи мусиқии маҳаллӣ қарор мегирад. Дар наът қолабзарбҳо корбарӣ мешаванд. Ҳар як асари мусиқӣ зери худ як қолабзарбро истифода мебарад.

Дар анъанаҳои мусиқии Кӯлоб наът дар вазнҳои гуногун – чаҳорзарбаӣ – бо зарби *чорзарб/рафт*, бо панҷзарбаӣ – зарби *равона* ва ҳафтзарбаӣ – бо зарби *шикаста* ва *зарб* суруда мешавад.

Дар Бадахшон (Помир) жанри мадҳия (наът) берун аз Фалак маъмул нест. Он як ҷо бо Фалак жанри силсилавии Фалак-Мадҳияро ба вуҷуд оварда аст. Дар Фалак-Мадҳия вазни ҳафтзарбаӣ – бо зарбҳои *пастубаланд, ҳайдарӣ* ва вазни ҳаштзарбаӣ – бо зарби *ситоиш* маъмуланд. Ҳамаи ин зарбҳо ба доираи қолабзарбҳои Фалак тааллуқ доранд. Зеро ки қолабзарбҳое, ки дар анъанаи фалаки помирӣ зери унвонҳои «пастубаланд», «ҳайдарӣ» ва «ситоиш» маъмуланд, феълан ҳамон қолабзарбҳое мебошанд, ки дар анъанаи фалаки кӯлобӣ бо номҳои «зарб» («пастубаланд»), «уфари суст» («ҳайдарӣ»), «сафарӣ» («ситоиш») маълум мебошанд. Дар ягон маврид наът, на дар Кӯлоб ва на дар Бадахшон (Помир), дорои зарб ва ё оҳанги хоссаи худ нест. Дар амалияи мусиқӣ асарҳои жанри наът бо мисраи аввали матни шеърӣ номгузорӣ мешаванд.

Сохтори композитсионии наът ба тариқи сохтори муқаррарии асари мусиқии суннатӣ банд-банд ташаккул меёбад. Ин бандҳо бо функсияҳои мушаххаси композитсионӣ-драматургӣ зоҳир мегарданд: *сархат – нимавҷ* –

*авҷ – фаровард*[1]. Ба ҳайси матни шеърӣ дар наът жанрҳои шеърии қасида, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, мусаммати мухаммас, мусаллас, мусамман ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Наъти «*Ибтидо кардам ба номи холиқи арзу само*» (қасидаи Ҷомӣ, оҳанги устод Одина Ҳошим) дар баҳри *рамали мусаммани маҳзуф* эҷод шудааст. Усули наът – зарб[2] аст. Наъти мазкур аз чаҳор банди оҳангӣ-композитсионӣ иборат мебошад. Он аз даромади созӣ оғоз мегардад, ки дар асоси *гиреҳбандаки аслпарда* (истилоҳи Ф.А. Азизӣ [1]) омадааст:



*Мисоли 1. Даромади созии наът.*

Дараҷоти даромади созӣ тетрахорди нимпардаӣ аст. Банди аввали наът ду байтро фаро гирифтааст. Ҳар як байт ба як хати наът мутобиқ гардидааст.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум

*Ибтидо кардам ба номи холиқи арзу само,*
*Подшоҳи ҳар ду олам қозии рӯзи ҷазо.*
– V – – /– V – – /– V – – /– V –
*фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун*




*Мисоли 2. Хати аввали сархати наът.*

Хати дуюм – байти дуюм

*Он Худованде, ки бо ҳукми қазову қудраташ,*

---

[1] Чунин услуби тақсимоти композитсионии асари суннатӣ аз методологияи устод Фазлиддин Шаҳобов мебошад [118; 119; 120].

[2] Зарб – қолаби ҳафтзарбаиест бо зарбаҳои якум ва чаҳоруми қавӣ (чаҳорякӣ) ва сеюм, шашум ва ҳафтуми заиф [26-М].

*Офарида гавҳаре аз нури поки Мустафо.*

II.1.




II.2.




*Мисоли 3. Хати дуюми банди сархат.*

Ҳар ду хати банди аввал дар дараҷоти трихордии нимпардаӣ асос ёфтаанд:



½ ½

*Мисоли 4. Дараҷоти банди сархат.*

Сархат, ҳарчанд аз аслпарда сар шудааст, лекин бо он анҷом намеёбад. Баъди банди сархат гиреҳбандаки аслпарда дар шакли созӣ мавқеи аслпардаро устувор мегардонад:



*Мисоли 5. Гиреҳбандаки аслпарда (созӣ).*

Ин ҷо он функсияи оҳангбандакро иҷро мекунад.

Банди нимавҷ як байтро дар бар гирифтааст. Вале ҳамчун банди композитсионӣ аз ду хат иборат аст.

Нимавҷ – байти сеюм

Хати якум – байти сеюм

*Ҷумла мавҷудот аз баҳри Муҳаммад офарид,*
*Худ бикард ӯро қабул он беҳтарини анбиё.*

III.1.




2.




*Мисоли 6. Нимавҷ. Хати якум.*

Хати дуюм – такрори мисраи дуюми байти сеюм бо иловаи кашиши овозии аслпарда аст:

2.а.




*Мисоли 7. Нимавҷ. Хати дуюм.*

Дараҷоти лаҳнии банди нимавҷ пентахордӣ аст.

Баъди банди нимавҷ гиреҳбандаки аслпарда бо вазифаи оҳангбандак бори дигар омадааст. Банди баъдӣ, новобаста ба вазифаи авҷии композитсионӣ як байтро фаро гирифтааст.

Авҷ – байти чорум

*Чунки медонист таъсире надорад ин ҷаҳон,*
*Дил ба ин дунё набаст ӯ, гуфт дунё бевафо.*

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 8. Банди авҷӣ.*

Банди авҷӣ аз пардаи болотар сар шуда, бо ин хусусият мавқеи худро зоҳир мекунад. Дараҷоти он тетрахордист:



½ ½ 1

*Мисоли 9. Банди авҷӣ.*

Ҳамин тариқ, дараҷоти бандҳо аз сархат (трихорди нимпардаӣ) то авҷ ба тетрахорди омехта табдил ёфтааст.

Баъди ин банд ҳам гиреҳбандаки аслпарда ба ҳайси оҳангбандак омадааст.

Фаровард – байти панҷум

*Гуфт бо Хайруннисо пайғамбари охирзамон,*
*Ҷойи худро баъди се рӯз мегирӣ дар назди мо.*




*Мисоли 10. Банди фаровард. Хати аввал.*

Хати дуюми фаровард – аз такрори мисраи дуюми ин байт бо кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:




*Мисоли 11. Хати дуюми фаровард.*

Дараҷоти банди фаровард навъи трихордии нимпардаӣ мебошад, ки дар он банди сархат низ асос ёфта буд:



½ ½

*Мисоли 12. Дараҷоти фаровард.*

Дараҷоти умумии наъти «*Ибтидо кардам ба номи холиқи арзу само*» аз навъи пентахордӣ аст, ки дар раванди татбиқи хати композитсионӣ-драматургии асар тадриҷан шакл гирифт:



½ ½ ½ 1

*Мисоли 13. Дараҷоти пурраи асар.*

Наъти мазкур дар муқоми дуюм қарор дорад:




*Мисоли 14. Муқоми дуюм дар системаи чормуқом.*

Хулоса, сохтори композитсионии наът бо матни шеърии қасида чунин мутобиқ гардидааст:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм;
- Нимавҷ – байти сеюм;
- Авҷ – байти чаҳорум;
- Фаровард – байти панҷум.

Ин сохтори композитсионӣ асоси ин асар мегардад. Бо сабаби хеле бузург (ин ҷо – 45 байт) будани ҳаҷми қасида, он такрор-такрор омада, раванди драматургии асарро таъмин менамояд.

Ҳамчун жанри мусиқӣ наът мазмуни динӣ-васфӣ дорад. Ба композитсияи мусиқӣ хусусияти монорифмии қасида нуфузи мустақим пайдо кардааст. Зеро ки ҳар як байт бо гиреҳбандаки аслпарда (дар қасида – а)-и созӣ омада, байтҳоро ҳамрадифи якдигар месозад (1). Дар раванди композитсионӣ-драматургӣ мавқеи аслпарда (дар қасида – а) дар ҳар банду хат хеле устувор аст (2).

Таҳлили наътҳои *«Ё Мустафо Муҳаммад»*, *«Бар Муҳаммад салавот»* ва дигар зимни анъанаи фалаки кӯлобӣ нишон медиҳад, ки жанри наът ҳамеша ҳамин сохтори композитсионӣ-драматургиро дорад. Матни шеъри наътҳои *«Ё Мустафо Муҳаммад»* ва *«Бар Муҳаммад салавот»* ғазал мебошанд. Наъти *«Ё Мустафо Муҳаммад»* дар муқоми дуюм ва наъти *«Бар Муҳаммад салавот»* дар муқоми сеюм асос ёфтаанд. Ин имкон медиҳад, ки доир ба жанри наът онро қайд кунем, ки

- дар асри XX устод Одина Ҳошим ба рушди жанри наът хеле мусоидат кард;
- наът/мадҳия ҳамеша усулҳои Фалакро корбарӣ менамояд: чорзарб/рафт, равона, шикаста, зарб (дар Кӯлоб) ва пастубаланд, ҳайдарӣ, ситоиш (дар Помир);
- дар минтақаи Кӯлоб наът жанри мустақил аст. Он аз жанри Фалак берун қарор дорад. Дар Бадахшон (Помир) мадҳия берун аз жанри Фалак нест;
- наът ҳамеша жанри овозӣ аст. Дар амалияи мусиқӣ асарҳои жанри наът бо мисраи аввали матни шеърӣ номгузорӣ мешаванд;
- мазмуни наът ҳамеша динӣ аст;
- наът ҳамеша якка суруда мешавад;
- сохтори композитсионии наът ба тариқи сохтори муқаррарии асари мусиқии суннатӣ банд-банд ташаккул меёбад. Ин бандҳо бо

функсияҳои мушаххаси композитсионӣ-драматургӣ зоҳир мегарданд: *сархат – нимавҷ – авҷ – фаровард*;

- ба ҳайси матни шеърӣ дар наът/мадҳия жанрҳои шеърии қасида, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, мусаммати мухаммас, мусаллас, мусамман ҷой доранд;
- наът дар системаи чормуқоми Фалак асос меёбад;
- дар як асари наът/мадҳия як муқом истифода бурда мешавад.

Аз ин хусусиятҳо бармеояд, ки наът ва Фалак умумияти зиёд доранд: дар як системаи лаҳнӣ – чормуқом асос меёбанд (1), бандҳои якхелаи композитсионӣ доранд (2), матнҳои шеърии якхеларо фаро мегиранд (3), қолабзарбҳои онҳо якхелаанд (4).

Жанри *ғазал* дар мусиқии суннатии тоҷик, инчунин дар минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) нуфузи хеле бузургро пайдо намудааст. «Муҳаққиқ Ф.А. Азизӣ *ғазалхонӣ* ва *рубоихониро* ду сабки асосии сароядагии суннатии тоҷик муайян карда, дар мактаби санъати сароядагии суннатӣ мавқеи бунёдӣ-заминавӣ пайдо кардани онҳоро гуфта, хусусиятҳои зерини жанри ғазали мусиқиро қайд менамояд: ҳамеша ба мусиқии касбӣ мансуб аст (1); дар иҷро риояи як қатор меъёрҳои асосии касбиро металабад (2); ҳаҷми асар ва ҳамаи воҳидҳои сохторӣ-композитсионӣ ба сохтори ғазал мутобиқ мешаванд (3); банди авҷӣ дар ғазалхонӣ саҳеҳу равшан аст (4); матни шеърии он на ҳамеша дар жанри ғазали адабӣ қарор мегирад, аммо онҳо аз жанрҳои ақрабоии ғазал мебошанд (5)» [12, с. 70; с. 105-106]. Зеро ки бо ворид гардидан ба мусиқӣ ва ташаккул ёфтани жанри мусиқии ғазал, хусусияти жанри адабии ғазал хеле васеътар гардид. Тавре ки мусиқишинос Ф. Азизӣ қайд кардааст, ба мафҳуми ғазалхонӣ дар мусиқӣ ҳамаи он жанрҳое тааллуқ дониста мешаванд, ки байти он ба ғазал наздик аст, ба монанди *мусаммати мухаммас, мусаллас, мусаддас, қасида, қитъа, таркиббанд* ва дигарҳо [12, с. 69-70; с. 104-106]. Ин ҷо таҳлили якчанд ғазал бо такя ба гуфтаҳои боло ба амал оварда мешавад.

Асари *«Зор бинолад»* бар ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф* асос ёфтааст. Оҳанги Саъдулло Каримзода аст. Ин ғазал бо зарби *равона* дар муқоми сеюм хонда мешавад.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум

*Ҳар шаб зи ғамат бас, ки дилам зор бинолад,*
*Аз нолаи зорам дару девор бинолад.*
 –   – V / V – – – / V – – V /V – –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъӯлун*







*Мисоли 15. Хати якуми асар.*

Дарачоти хати якум пентахордӣ аст:



½ 1 ½ 1

*Мисоли 16. Дарачоти хати якум.*

Баъди хати якуми сархат гиреҳбандаки аслпарда бо дарачоти трихордии нимпардаӣ омада, мавқеи онро устувор мегардонад:



*Мисоли 17. Гиреҳбандаки аслпарда (созӣ).*

Хати дуюм – байти дуюм

*Бе рӯи ту нолад дил аз ин синаи сад чок,*
*Чун мурғи қафас к-аз ғами гулзор бинолад.*






*Мисоли 18. Хати дуюм.*

Хати дуюм дар дарақоти хати якум ва баъди он гиреҳбандак дар шакли қаблӣ омада, якҷо дарақоти гексахордии ин бандро ташкил додаанд:



½ ½ 1 ½ 1

*Мисоли 19. Дарақоти сархат.*

Нимавҷ – байти сеюм

Хати якум – байти сеюм, мисраи аввал:

*Оҳ, аз дили сахти ту, ки як раҳ накунӣ гӯш,*




*Мисоли 20. Хати якуми нимавҷ.*

Хати дуюм – байти сеюм, мисраи дуюм:

*Гар ошиқи дилсӯхта сад бор бинолад.*




*Мисоли 21. Хати дуюми нимавҷ.*

Хати якум дарақоти ҳафтдарақаӣ ва хати дуюм дарақоти гексахордиро фаро гирифта, дарақоти нуҳдарақаии банди нимавҷро ба вуҷуд овардаанд:



½ ½ 1 ½ ½ ½ ½ ½

*Мисоли 22. Дараҷоти нимавҷ.*

Банди нимавҷ бо гиреҳбандаки аслпарда ба банди авҷӣ мегузарад.

Авҷ – байти чорум

Хати якум – байти чорум

*Бар қасри тараб хуфта, чӣ огоҳӣ аз онат,*
*К-озурда диле дар таги девор бинолад.*




*Мисоли 23. Хати якуми банди авҷӣ.*

Байни хатҳои банди авҷӣ оҳангбандак меояд.

Хати дуюм – мисраи дуюми ҳамон байт бо иловаи кашиши овозии аслпарда хати дуюмро ташкил додааст:




*Мисоли 24. Хати дуюми банди авҷӣ.*

Дараҷоти ҳаштдараҷаии хати якуми банди авҷӣ дар ҳудуди септимаи калон ва дараҷоти гексахордии хати дуюм – дар ҳудуди квинтаи холис омадаанд:

а) 

½ 1 1 ½ ½ ½ 1

б) 

½ ½ 1 ½ 1

*Мисоли 25. Дараҷоти хати авҷӣ.*

Фаровард – байти панҷум

Хати якум – байти панҷум

*Ҷомӣ, макун аз ёр фиғон гар ситаме рафт,*
*Ёр он набувад, к-аз ситами ёр бинолад.*




*Мисоли 26. Хати якуми фаровард.*

Хати дуюми композитсионӣ бо истифодаи мисраи дуюми байти панҷум бо иловаи кашиши овозии аслпарда ташаккул ёфтааст:




*Мисоли 27. Хати дуюми фаровард.*

Байни хатҳои банди фаровард гиреҳбандаки созӣ аслпардаро таҳким бахшидааст.

Хати якуми банди фаровард дар дараҷоти ҳаштдараҷаӣ дар ҳудуди секстаи калон ва хати дуюми фаровард – дар дараҷоти гексахордӣ дар ҳудуди квинтаи холис асос ёфтаанд:

а) 

1 1 ½ ½ ½ ½ ½

б) 

½ ½ 1 ½ 1

*Мисоли 28. Дараҷоти хати якум ва дуюм.*

Асоси лаҳнии ғазал муқоми сеюм аст. Дараҷоти умумии ғазал чунин шаклро гирифтааст:



½ ½ 1 ½ ½ ½ ½ ½ ½ ½

*Мисоли 29 . Дараҷоти умумии ғазал.*

Муқоми сеюм сохтори дараҷотии зеринро дорад:



½ ½ 1 ½

*Мисоли 30. Дараҷоти муқоми сеюм.*

Тавре мебинем, дараҷоти муқоми сеюм пентахорди поёнии дараҷоти ғазалро ташкил кардааст.

Ғазали дигаре, ки таҳлил мешавад *«Бачагиям бекасу танҳо гузашт»* бар шеъри Лоиқ Шералӣ, оҳанги Тилло Гадоев дар усули *зарб* бо услуби ғазалхонӣ дар муқомҳои сеюму чорум суруда мешавад. Жанри шеърии он мусаммати мусаллас аст. Ва як банди ин жанри шеърӣ на байт, балки семисраӣ аст. Бинобар ин, дар ин ғазал қолаббандии композитсионӣ се мисраъро дар бар мегирад.

Сархат – се мисраъ

*Бачагиям бекасу танҳо гузашт,*
*V V – – / – V – – / – V ~*
*фаъилотун/фоъилотун/фоъилон*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,*
*– V – – / – V – – / – V ~*
*фоъилотун/фоъилотун/фоъилон*
*Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.*
*– V – – / – V – – / – V – – / – V ~*

*фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон*










*Мисоли 31. Сархат.*

Хатҳои банди сархат дар дарацоти трихордӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 32. Дарацоти сархат.*

Сипас, гиреҳбандаки созӣ дар дарацоти трихордии нимпардаӣ омада, мавқеи аслпардаро устувор мегардонад:



*Мисоли 33. Гиреҳбандаки аслпарда (созӣ).*

Нимавҷ – се мисраъ

*Дар сари санге ҳама рӯз интизор*
*Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,*
*Бачагиям бо қатори турнаҳо як ҷо гузашт.*






*Мисоли 34. Нимавҷ.*

Банди нимавҷ такрори айнани хатҳои оҳангии сархат мебошад. Бандҳои сархат ва нимавҷ танҳо бо мисраҳои шеърии худ аз якдигар фарқ мекунанд.

Авҷ – се мисраъ

*Шаст меандохтам бар рӯди маст,*
*То биафтад моҳии тилло ба шаст,*
*Бачагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.*




*Мисоли 35. Банди авҷӣ.*

Банди авҷӣ дараҷоти васеътар – тетрахордиро фаро гирифта, функсияи худро бо он нишон медиҳад:




*Мисоли 36. Дараҷоти авҷ.*

Баъди ҳар банди композитсионӣ гиреҳбандак аслпардаро намудор мегардонад.

Фаровард – се мисраъ

*Ханда мекардам ба сӯйи шаршара,*
*Ханда меомад зи ҳар санги дара,*
*Бачагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт.*




*Мисоли 37. Фаровард.*

Се хати аввали банди фаровард такрори айнани оҳангҳои бандҳои сархату нимавҷ аст, вале он бо мисраъҳои шеърии нав гиреҳбандаки аслпардаро дар шакли кашиш бо хати овозӣ ворид карда, ғазалро хотима медиҳад. Дар ғазали мазкур хатҳои оҳангии ҳамаи бандҳо дар муқомҳои дуюм ва сеюм қарор гирифтаанд:



½ 1 ½ 1 1

*Мисоли 38. Дараҷоти хати оҳангӣ.*

Дараҷоти оҳангбандакҳои мобайнӣ, ки феълан гиреҳбандаки аслпарда мебошад, дар муқоми якум омадааст:



½ ½

*Мисоли 39. Дарацоти оҳангбандак.*

Дарацоти умумии ғазали *«Бачагиям бекасу танҳо гузашт»* дарацоти ҳафтдарачаӣ дар ҳудуди секстаи хурд аст:



½ ½ ½ ½ 1 1

*Мисоли 40. Дарацоти умумии ғазал.*

Ғазали *«Рӯзи ид»* бар мухаммаси Цавҳарӣ бар ғазали Ҳилолӣ бо оҳанги суннатии кӯлобӣ маъмул аст. Ғазали адабӣ дар баҳри *рамали мусаммани махбуни мақсур* дар усули зарб қарор гирифтааст.

Сархат – байти якум

*Гар маро тарзи қудумат сар фарозад рӯзи ид,*  
*Кулбаам бар гулшани Фирдавс нозад рӯзи ид.*  
– V – – / – V – – / – V – – / – V ~  
*фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон*







*Мисоли 41. Сархат.*

Банди сархат дар дарацоти трихордии нимпардаӣ бо фарогирии аслпарда қарор гирифтааст:



½ ½

*Мисоли 42. Дарацоти сархат.*

Баъди банди сархат гиреҳбандаки созии аслпарда бо дараҷоти трихордии нимпардаӣ ним парда поён аз дараҷоти хатҳои оҳангӣ омада, мавқеи аслпардаро устувор мегардонад:



*Мисоли 43. Гиреҳбандаки аслпарда.*

Нимавҷ – байти дуюм

*Ҷавҳариро чун шавад лутфат, навозад рӯзи ид,*
*«Ҳар касе ҳиндуи худро шод созад рӯзи ид,*




*Мисоли 44. Нимавҷ.*

Банди нимавҷ аз ҷиҳати оҳанг такрори банди сархат аст. Гиреҳбандаки аслпарда ин дафъа низ вазифаи қаблии худро иҷро кардааст.

Фаровард – мисраи панҷуми мухаммас:

*Шод кун, мискин, Ҳилолиро, ки он ҳиндуйи туст».*

Ин мисраи шеърӣ бо иловаи кашиши овозии аслпарда хати композитсионии фаровардро ба вуҷуд овардааст:




*Мисоли 45. Фаровард.*

Дараҷоти умумии ғазали «Рӯзи ид» дараҷоти тетрахордии нимпардаӣ аст:



½ ½ ½

*Мисоли 46. Дарачоти умумии ғазал.*

Асоси лаҳнии он ба муқоми дуюм наздик аст.

Ғазали *«Нигаҳи маст»* бар ғазали Сайидо, оҳанги устод Одина Ҳошим намунаи мукаммалест дар ғазалхонии тоҷик. Ғазал аз даромади созии хеле зебо оғоз мегардад. Ибораи якуми он бо занҷираки секвенсионии поёнраванда қисми болоии дарачоти умумии ғазалро дар самти поёнраванда нишон дода, ибораи дуюм – қисми поёнии ин дарачотро оғоз намуда, бо гиреҳбандаки аслпарда онро пурра мегардонад:



*Мисоли 47. Даромади созӣ.*

Дарачоти даромади созӣ – ҳаштдарачаӣ дар ҳудуди октаваи коста (тибқи навишт), феълан септимаи калон омадааст:



½ ½ 1 1 1 ½ 1

*Мисоли 48. Дарачоти даромади созӣ.*

Банди сархат оҳанги дилрабоест, ки ба як байти ғазал мутобиқ гардидааст.

Сархат – байти якум

*Нигаҳи мasти ту хуни дили аҳбоб хӯрад,*
*Теғи бедоди ту аз дасти аҷал об хӯрад.*
– V – – /V V – – / V V – – /– –

*фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун*




*Мисоли 49. Сархат.*

Дараҷоти хатҳои оҳангии банди сархат навъи трихордӣ мебошад:




*Мисоли 50. Дараҷоти сархат.*

Баъди он гиреҳбандаки созии аслпарда ҳамеша мавқеи аслпардаро ҳифз менамояд.



*Мисоли 51. Гиреҳбандаки аслпарда.*

Нимавҷ – байти дуюм

Хати якум – байти дуюм

*Дар ҷаҳон гум шуда меҳри падару фарзандӣ,*
*Варна Рустам ба чӣ боис сари Суҳроб хӯрад?*




*Мисоли 52. Хати якуми нимавҷ.*

Дар хати якум банди нимавҷ гиреҳбандаки аслпарда ҳам байни мисраоҳангҳо ва ҳам баъди хати якум омадааст.

Хати дуюм – байти дуюм, мисраи дуюм. Ин хат дар такрори мисраоҳанги дуюм бо иловаи кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда ташаккул ёфтааст:




*Мисоли 53 . Хати дуюми нимавҷ.*

Дараҷоти банди нимавҷ пентахордӣ аст:



½ ½ 1 1

*Мисоли 54. Дараҷоти нимавҷ.*

Баъди банди композитсионии нимавҷ даромади созии асар ба ҳайси пешавҷи созӣ омадааст.

Авҷ – байти сеюм

Хати якум – байти сеюм

*Қатраи май сари Мансур баровард ба дор,*
*Вой, он кас, ки ҳама умр майи ноб хӯрад.*




*Мисоли 55. Хати якуми авҷӣ.*

Байни мисраоҳангҳои хати якуми банди авҷӣ гиреҳбандаки созии аслпарда омадааст.

Хати дуюм – байти сеюм, мисраи дуюм. Ин хати композитсионӣ дар асоси мисраоҳанги ивазшудаи дуюм бо иловаи кашиши овозии аслпарда ташаккул ёфтааст:

III.2.a.




*Мисоли 56. Хати дуюми авҷӣ.*

Банди авҷӣ  дараҷоти ҳафтдараҷаиро ташаккул додааст:



½ ½ 1 1 1 ½

*Мисоли 57. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Банди нимавҷ бори дигар такроран омада, дар композитсияи асар банди чорумро ба вуҷуд меоварад. Ин ҳолат ба мавзунии композитсионӣ-драматургӣ мусоидат намудааст.

Нимавҷи дуюм – байти чорум

*Ҳар ки бо душмании халқ равон аст, чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.*

Фаровард – байти панҷум

Хати якум – байти панҷум

*Сайидо, печиши он зулф ба он рух зи чӣ руст?*
*Мӯй бар шуълаи оташ чу фитад, тоб хӯрад.*

V.1.




V.2.




*Мисоли 58. Хати якуми фаровард.*

Хати дуюм – байти панҷум, мисраи дуюм. Хати дуюми банди фаровард тавассути ба мисраоҳанги хати якум илова кардани гиреҳбандаки овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:




*Мисоли 59. Хати дуюми фаровард.*

Дарацоти умумии хатҳои умумии ғазали *«Нигаҳи маст»* ҳафтдарацаӣ аст. Онро бастакор дар авҷи асар нишон дода, дар банди фаровард устувор мегардонад.

Услуби шаклсозӣ дар ғазали *«Нигаҳи маст»* аз маҳорати бузурги устод Одина Ҳошим шаҳодат медиҳад. Устод байтро воҳиди сохтории асосӣ интихоб карда, ба таври суннатӣ банди мусиқиро ба воситаи дар хати дуюм такроран истифода бурдани мисраву мисраоҳанги дуюми он бо иловаи кашиши аслпарда ду баробар васеъ менамояд. Зарурати он мукаммалгардонии ҷараёни лаҳнист – дар тули асар ҳамеша таъкид кардани аслпардаро зарур мешуморад.

Ғазал дар муқоми сеюму чорум асос меёбад.

Дар кори диссертатсионӣ якчанд гунаи ғазали мусиқӣ таҳлил мегардад: бо жанри шеърии ғазал (1), бо жанрҳои шеърии мусамман, мусаммати мусаллас, мухаммас (2). Ин аст далолате, ки жанри ғазал дар мусиқӣ нисбат ба жанри адабии ғазал фарохтар аст. Бо назардошти ин, хулоса дар бораи жанри мусиқии ғазал чунин аст:

- композитсияи ғазал банд-банд сохта шудааст;
- байти шеърӣ воҳиди асосии композитсияи мусиқӣ интихоб мегардад;
- дар ғазали мусиқавӣ қолабзарбҳои Фалак истифода бурда мешаванд;
- ғазали мусиқавӣ ҳамаи муқомҳои системаи чормуқомро фаро мегирад;
- жанри мусиқии ғазал нисбат ба жанри адабии ғазал фарохтар аст.

Жанри дигари шеърӣ – *рубоӣ* дар минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон услуби рубоихониро ташаккул дода аст. Хотиррасон кардан бамаврид аст, ки рубоихонӣ дар баробари ғазалхонӣ яке аз услубҳои асосии сарояндагии

суннатӣ ба ҳисоб меравад [12]. Агар рубоӣ дар адабиёт ба ду сарчашма – шифоҳӣ ва хаттӣ мансуб бошад, дар мусиқӣ он ҳамеша жанри фолклорист ва ҳарчанд он дар мусиқии суннатии касбӣ фаровон истифода шавад ҳам, ҳамеша нишондоди жанри мусиқии халқист. Фарқият ин аст, ки дар жанрҳои мураккаби мусиқии касбӣ рубоӣ ҳамчун яке аз жанри таркибӣ ва дар мусиқии халқӣ он жанри мустақил маҳсуб меёбад. Дар рубоихонӣ банди композитсионии мусиқӣ ба рубоии шеърӣ мутобиқ аст. Дар мусиқии суннатии тоҷик аксарияти жанрҳои мусиқӣ бо рубоихонӣ – сабки маъмултарини сарояндагии халқӣ алоқамананд. «Адабиётшиносон рубоиро шакли қадими шеъри форсӣ-тоҷикӣ дониста, ба он 24 вазни ахрабу ахрами баҳри ҳазаҷро нисбат дода, иборат аз чор мисра – 1, 2 ва 4-уми ҳамқофияву мисраи 3-юми озод – шарҳ медиҳанд» [135; 187, с.150]. Дар минтақаҳои Кӯлобу Бадахшон рубоихонӣ яке аз сабкҳои асосии сарояндагӣ маҳсуб меёбад.

Рубоии *«Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард»* дар шеър ва оҳанги халқӣ қарор гирифта, хусусан дар иҷрои устод Одина Ҳошим хеле машҳур гардид. Вазни шеърии он *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал(л)* дар мусиқӣ бар усули уфари суст омадааст:

*Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард,*
*Пайваст ба зулфи ёру занҷирам кард.*
*Пайваст ба зулфи ёру печида шудам,*
*Ғамҳои замона оқибат пирам кард.*
*– – V/V – – – /V – – – / ~*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фоъ*






*Мисоли 60. Банди асосии композитсионӣ.*

Дар он се мисраоҳанги аввал такрори айнани якдигар мебошанд. Мисраоҳанги чорум бо аслпарда хотима ёфта, хусусияти лаҳниро дигар мекунад. Бо вуҷуди ин сохтори рубоии мусиқӣ сода (*ааав*) баромада аст. Вале он ба рубоии шеърӣ мувофиқат намекунад, зеро сохтори шеър – *аава* мебошад.

Дараҷоти банди ин рубоӣ пентахордӣ аст:



½ ½ 1 ½ ½

*Мисоли 61. Дараҷоти рубоӣ.*

Дараҷоти рубоии «*Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард*» дараҷоти муқоми чорум аст.

Рубоии «*Ман булбуламе»* бар шеър ва оҳанги халқӣ аз анъанаи мардуми Кӯлоб аст. Онро занҳо бештар месароянд. Вазни шеърии он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи муханнақ*, усули он зарб аст:

*Ман булбуламе баҳора дӯст медорам,*
*Себаргаву лолазора дӯст медорам.*
*Себаргаву лолазор дар боғи шумо,*
*Ҷонона фақат шумора дӯст медорам.*
*– – V/V – V – / – – V / – – –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафъӯлу/мафъӯлун*

Сохтори шеърии рубоӣ ба сохтори композитсионии он бевосита қолаб гузоштааст:




*Мисоли 62. Банди асосии композитсионӣ.*

Дар ин ҷараён дараҷоти оҳангӣ аз поёну боло васеъ гардида, оҳанг ба авҷи худ мерасад. Аз ҷиҳати лаҳнӣ-оҳангӣ мисраоҳанги якум дар дараҷоти трихордӣ



½ 1

*Мисоли 63. Дараҷоти мисраоҳанги якум.*

мисраоҳанги дуюму чорум дорои дараҷоти тетрахордӣ:



½ ½ 1

*Мисоли 64. Дараҷоти мисраоҳангҳои дуюму чорум.*

ва мисраоҳанги сеюми хати авҷӣ дар дараҷоти пентахордӣ омадаанд:



½ 1 1 1

*Мисоли 65. Дараҷоти мисраоҳанги сеюм.*

Баъди хати чаҳорум оҳангбандаки аслпарда дар шакли созӣ рубоиро хотима медиҳад:



*Мисоли 66. Гиреҳбандаки аслпарда.*

Дар натиҷа рубоӣ шакли сохтории *авсв*-ро гирифтааст. Бояд қайд кард, ки рубоии шеърӣ сохтори *ааав*-ро дорад. Ин рубоӣ дар муқоми сеюм асос ёфтааст.

Рубоии *«Лаънат ба касе, ки аз Ватан канда шавад»* бар шеър ва оҳанги халқӣ аст. Матни шеърӣ як банди оҳангиро ташкил мекунад. Вазни шеърии он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб* буда, бар вазни ҳафтзарбаӣ дар усули зарб омадааст:

*Лаънат ба касе, ки аз Ватан канда шавад,*
*Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.*
*Чархофалако гардаду ояд ба Ватан,*
*Ин мурдаи садсола зи нав зинда шавад.*
*– – V/V – – – / V– – V /V–*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*




*Мисоли 67. Банди асосии композитсионӣ.*

Дар рубоӣ мисраоҳангҳои якум бо сеюм ва дуюм бо чаҳорум ҳамрадифанд. Дар натиҷа ин рубоӣ сохтори умумии *авав*-ро пайдо кардааст. Ҳол он, ки рубоии шеърӣ сохтори *аава*-ро дошт.

Мисраоҳангҳои якуму сеюм дар дараҷоти тетрахордӣ қарор доранд:



1½ 1 1

*Мисоли 68. Дараҷоти тетрахордӣ.*

Мисраоҳанги дуюм дар дараҷоти пентахордӣ мебошад:



1 1 1 ½

*Мисоли 69. Дараҷоти пентахордӣ.*

Ба мисраоҳанги чаҳорум кашиши хотимавии аслпарда илова шуда аст. Ин илова аз он лиҳоз зарур аст, ки банди оҳангӣ бо аслпарда хотима ёбад. Дараҷоти мисраоҳанги чаҳорум дар натиҷа шакли зеринро соҳиб мегардад:



½ ½ 1 1 1½ ½

*Мисоли 70. Дараҷоти мисраоҳанги чаҳорум.*

Ин аслпардаи муқоми чаҳорум аст. Ин муқом дараҷоти зеринро дорад:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 71. Дараҷоти муқоми чаҳорум.*

Рубоии *«Аз дурии дур»* бар шеър ва оҳанги халқӣ, дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи аҳтам* бар усули зарб хонда мешавад. Ин рубоӣ сохтори *аава* - ро дорад:

*Аз дурии дури ту дилам гаштай хароб,*
*Аз дидаи интизор мерезад об,*
*Рӯзе, ки шавад дар дидор обут бинуме,*
*Пайғоме ба қоғазҳои дидорон ба хоб.*
*– – V/V – – – / V – – V /V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Мисраоҳанги якуму дуюм дар дараҷоти тетрахордӣ асос ёфтаанд:



½ 1 ½

*Мисоли 72. Дараҷоти мисраоҳанги якум ва дуюм.*

Ин тетрахорди поёнии лаҳнӣ мебошад. Хусусияти рубоии мазкур дар он аст, ки ҳар мисраоҳанг бо ибтидонидо оғоз ёфтааст:




*Мисоли 73. Банди асосии композитсионӣ.*

Самти оҳангӣ дар ҳар чаҳор маврид поёнраванда аст. Мисраоҳангҳои якум, дуюм ва чаҳорум аз ҷиҳати лаҳнӣ-оҳангӣ ҳамрадифи якдигаранд.

Мисраоҳанги сеюми рубоӣ, мисраоҳанги кулминатсионӣ, дараҷоти тетрахордии зеринро дорад, ки он болотар ҷойгир шудааст:



1½ ½ 1

*Мисоли 74. Дараҷоти мисраоҳанги авҷӣ.*

Дар мисраоҳанги авҷӣ муқоми чаҳорум намудор мегардад. Мисраоҳанги чорум дар дараҷоти пентахордӣ қарор дорад:



½ ½ 1 ½

*Мисоли 75. Дараҷоти мисраоҳанги чаҳорум.*

Мисраоҳанги чаҳорум бо гиреҳбандаки овозии аслпарда мавқеи онро таҳким мебахшад.

Дараҷоти умумии рубоии мазкур ҳафтдараҷаӣ аст:



½ ½ 1 ½ ½ 1

*Мисоли 76. Дараҷоти рубоӣ.*

Дар умум рубоӣ дар муқоми сеюм асос меёбад. Дараҷоти муқоми сеюм асоси онро ташкил медиҳад:



½ ½ 1 ½

*Мисоли 77. Дараҷоти муқоми сеюм.*

Хулоса, аз таҳлили якчанд рубоӣ маълум мешавад, ки дар мусиқӣ рубоӣ, ҳарчанд бо матни шеърии рубоӣ ояд ҳам, талқиноти гуногуни мусиқиро пайдо мекунад. Дуюм ин ки матни шеърии он метавонад дубайтӣ низ бошад. Дар жанри мусиқии рубоӣ:

- мансубияти халқӣ ё касбии рубоии шеърӣ зоҳир намешавад;
- дар мусиқии касбӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва дар мусиқии халқӣ – ҳамчун жанри мустақил вомехӯрад;
- ба ҳайси матни шеърӣ ҳам рубоӣ ва ҳам дубайтӣ истифода бурда мешаванд;
- банди композитсионии жанри мусиқии рубоӣ ҳамеша ба рубоии шеърӣ баробар аст;
- дубайтӣ дар мусиқӣ ба жанри мусиқии рубоӣ ва услуби сарояндагии рубоихонӣ тааллуқ дорад.

*Дубайтии «Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман»* бар шеър ва оҳанги халқӣ дар вазни *ҳаҷази мусаддаси маҳзуф* ва дар мусиқӣ бар усули зарб омадааст:

*Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,*

*Фалак тире задаст бар шонаи ман.*
*Фалак тире задаст, пайкон надорад,*
*Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман.*
*V – – – /V – – – /V – –*
*мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун*

Ин дубайтиро дар Кӯлобу Бадахшон фаровон истифода мебаранд.

Жанри дубайтӣ низ хоси мусиқии халқист. Он аз қадимтарин навъҳои шеърӣ аст, ки дар баҳри *ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур* гуфта шудааст [187, с. 395]. Дар мусиқӣ матни дубайтиро дар услуби рубоихонӣ иҷро мекунанд.

Сохтори дубайтии шеърӣ *аава* мебошад, вале дар жанри мусиқии рубоӣ он шакли $aaa^1a^2$ - ро гирифтааст:




*Мисоли 78. Банди асосии композитсионӣ.*

Новобаста ба асоси яксони тетрахордӣ дараҷоти мисраоҳанги сеюм ва чаҳорум гуногун мебошанд. Фарқият байни дараҷоти ду мисраоҳанги охир дар фарогирии садоҳои гуногун аст.

Воқеан, ин асари мусиқӣ дар асоси як мисраоҳанг ташаккул ёфтааст. Фарқияти мисраоҳангҳои сеюм ва чорум танҳо дар хотима дида мешавад.

Дарақоти мисраоҳангҳои 1 ва 2 – трихордӣ ва мисраоҳанги сеюм ($a^1$) шакли тетрахордиро гирифтааст:



½ 1 ½

*Мисоли 79. Дарақоти мисраоҳанги сеюм.*

Ва ниҳоят мисраоҳанги чаҳорум бо аслпарда хотима ёфта, дарақоти тетрахордиро дорад:



½ ½ 1

*Мисоли 80. Дарақоти мисраоҳанги чорум.*

Аз ин қост, ки дар ҳамқоягӣ онҳо дарақоти умумии пентахордии рубоиро ба вучуд овардаанд:



½ ½ 1 ½

*Мисоли 81. Дарақоти умумии пентахордӣ.*

Бояд гуфт, ки ин дарақоти муқоми сеюм низ ҳаст.

Дубайтии *«Зи дасти дидаю дил – ҳарду фарёд»* ба шеъри Бобо Тоҳир, оҳанги халқӣ дар баҳри *ҳазақи мусаддаси мақсур* эқод шудааст. Он дар минтақаи Бадахшон маъмул аст:

*Зи дасти дидаю дил – ҳар ду фарёд,*
*Ҳар он чи дида бинад, дил кунад ёд.*
*Бисозам ханқаре, нӯгаш зи фӯлод,*
*Занам бар дида, то дил гардад озод.*
V – – – /V – – – /V – ~
*мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣл*

Сохтори дубайтии мазкур *аавв* мебошад.

Мисраоҳангҳои якуму дуюм такрори якдигаранд:




*Мисоли 82. Ду мисраоҳанги аввал.*

Ҳар як мисраоҳанги ин рубоӣ ду ибораи оҳангиро дар мегирад. Ин ибораҳо аз якдигар бо сукут ҷудо карда шуда, ва дар дараҷоти гексахордӣ асос ёфтаанд:




*Мисоли 83. Дараҷоти гексахордӣ.*

Мисраоҳанги сеюм поёнтар қарор гирифтааст:




*Мисоли 84. Мисраоҳанги сеюм.*

Дар мисраоҳанги сеюм муқоми сеюм намудор мегардад. Дараҷоти он трихордӣ аст:




*Мисоли 85. Дараҷоти трихордӣ.*

Ва ниҳоят, хати чаҳорум ба аслпарда баргашта, дубайтиро хотима медиҳад:




*Мисоли 86. Мисраоҳанги чаҳоруми рубоӣ.*

Мисраоҳанги чаҳорум такрори мисраоҳангҳои якум ва дуюм мебошад.

*Шоҳбайт* дар мусиқӣ жанри мустақил мебошад. Он яке аз зуҳуроти ғазалхонӣ аст. Шоҳбайтро дар адабиёт чунин шарҳ медиҳанд: «дар он барҷастатарин байти ғазал ё қасида истифода бурда мешавад» [187, с. 600]. Дар мусиқӣ моҳияти шоҳбайтхонӣ чунин аст, ки асоси матни шеърии он аз байтҳои ғазалҳои гуногун гирифта шуда, дар як асари мусиқӣ ҷамъ оварда мешаванд. Бо сабаби он ки байт воҳиди асосии ғазал маҳсуб меёбад, ин жанр ба ғазалхонӣ мансуб дониста мешавад. Ҳаҷми асари мусиқӣ дар жанри шоҳбайт аз сароянда вобаста аст.

Шоҳбайти таҳлилӣ бар матни Соиб ва оҳанги халқӣ, дар баҳри *музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф* қарор гирифтааст:

*Дастам намерасад ба гиребони орзу,*
*Зоғон хӯранд меваи шохи баландро.*
– – V / – V – V / V – – V / – V –
*мафъӯлу/фоъилоту/мафоъӣлу/фоъилун*

Дараҷоти трихордии мисраоҳанги якум (а) дар мисраоҳанги дуюм (б) ба дараҷоти пентахордӣ табдил меёбад:

а) 

1½ ½

б) 

½ ½ 1½ ½

*Мисоли 87. Дараҷоти шоҳбайт.*

Агар ба оҳанги шоҳбайти мазкур нигарем, мушоҳида менамоем, ки новобаста ба баҳри ягонаи мисраъҳои байт дар мусиқӣ онҳо бо мисраоҳангҳои гуногунҳаҷм пешниҳод гардидаанд:

1.






*Мисоли 88. Шоҳбайт.*

Мисраи аввали байт бо чордаҳ зарба ва мисраи дуюми байт бо бистучор зарба омадаанд. Ин фарқият хеле бузург аст. Оҳанги ин шоҳбайт дар муқоми чаҳорум асос ёфтааст.

Шоҳбайти *«То ба манзил бори кач, гӯянд, натвонад расид»* аз шоир Гурез Сафар дар баҳри *рамали мусаммани маҳзуф* омадааст:

*То ба манзил бори кач, гӯянд, натвонад расид,*
*Лек мо дидем, бори кач зи манзил ҳам гузашт.*
*– V– – /– V – – /– V – – / – V –*
*фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун*




*Мисоли 89. Шоҳбайт.*

Дар шоҳбайти таҳлилии дуюм низ мутаносибии зарбаҳои мисраоҳангҳо якхела нест ва дар мутаносибии бистуҳашт бар сивупанч қарор дорад.

Шоҳбайти мазкур дар дарачоти тетрахордӣ асос меёбад:




*Мисоли 90. Дарачоти шоҳбайт.*

Хулоса, шоҳбайт ҳамчун жанри мусиқӣ ба хусусиятҳои зерин ноил гардидааст:

- навъи фалаки озод аст;
- дар байтҳои якчанд фардбайт ва ғазал асос меёбад;

- бахру вазни ғазалро риоя намекунад;
- чормуқомро ҷудо-ҷудо ё дар якҷоягӣ фаро мегирад;
- дар услуби ғазалхонӣ асос меёбад.

Аз фалакхонони нимаи дуюми асри XX суннати шоҳбайтхонӣ бештар ба устод Одина Ҳошим ва шогирди ӯ устод Файзалӣ Ҳасан хос аст. Онҳо ҳамчун шоҳбайтсароёни соҳибмактаб пазируфта шудаанд.

*Шаҳд* дар қиёс бо жанри шоҳбайт ҳамаи навъҳои шеъриро истифода мебарад. Он навъи фалаки озод аст. Бештар ба ҳайси қисми таркибии силсилаҳо муаррифӣ мегардад.

Дар минтақаи Бадахшон жанри *даргилик* маъмул аст. Одатан онро занҳо месароянд. Ин жанр чунин маънидод мегардад: «Даргилик, Даргилмодик (аз шуғнонӣ, рӯшонӣ – «пазмонӣ», «пазмонии модар»), тарона, суруди занонаи мардуми Кӯҳистони Бадахшон» [75, с. 308]. Шеър ва оҳанги даргилик ҳамеша халқӣ аст. Матни шеърии он ҳамеша рубоӣ мебошад.

Даргилики *«Бо обак равонум кард, лолазоруме»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахрами мақбузи маҷбуб* бо зарби уфари суст хонда мешавад. Сохтори шеърии он *авав* мебошад:

*Бо обак равонум кард, лолазоруме,*
*Бо кӯча равонум кард, дар гулзоруме.*
*Аз кутал ғубор омад, лолазоруме,*
*Се ҷӯра савор омад, дар гулзоруме.*
– – – / V – – – / V – V – / V –
*мафъӯлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъал*

Даргилики мазкур дар ибтидо бо як иборан созӣ оғоз мегардад, ки он дар мобайни мисраоҳангҳо вазифаи оҳангбандаки васлиро иҷро мекунад:



*Мисоли 91. Оҳангбандак.*

Дараҷоти лаҳнии он трихордии нимпардаӣ аст:




*Мисоли 92. Дарач̣оти оҳангбандак.*

Мисраоҳанги якум аз дихорди квартой сар шуда, дар дарачаи асосӣ хотима ёфта, ба дарач̣оти трихордӣ соҳиб мегардад:




*Мисоли 93. Мисраоҳанги якуми даргилик.*

Ду ибораи ин мисраоҳанг гуногунанд – яке речитатсионӣ, дуюмӣ – ҷаҳишии болораванда. Мисраоҳанги дуюм тавассути такрори чаҳорбораи як мотиви мусиқӣ ба вуҷуд омадааст:




*Мисоли 94. Мисраоҳанги дуюм.*

Дараҷоти мисраоҳанги дуюм – трихордии нимпардаӣ аст:




*Мисоли 95. Дараҷоти трихордӣ.*

Мисраоҳанги сеюм дар регистри баландтар ҷойгир шуда, мавқеи авҷии худро зоҳир мекунад. Он ду ибораи оҳангиро дар бар гирифтааст:




*Мисоли 96. Мисраоҳанги сеюм.*

Мисраоҳанги сеюм дар дараҷоти дихордӣ асос меёбад:



*Мисоли 97. Дарачоти мисраоханги сеюм.*

Мисраоханги чаҳорум такрори мисраоҳанги дуюм аст:




*Мисоли 98. Мисраоҳанги чаҳорум.*

Он танҳо бо матни шеърӣ аз мисраоҳанги дуюм фарқ мекунад.

Баъди ҳар як мисраоҳанг оҳангбандак дар шакли қаблӣ (даромади созӣ) такрор мешавад.

Дарачоти умумии даргилик пентахордӣ аст:




*Мисоли 99. Дарачоти умумии даргилик.*

Матни рубоии даргилик дорои сохтори *аааа* мебошад. Дар талқини мусиқавӣ он сохтори *авсв*-ро пайдо мекунад.

Хулоса оид ба жанри даргилик чунин аст, ки

- он аз як банди оҳангӣ иборат аст;
- банди оҳангӣ ба як рубоӣ баробар аст;
- байни мисраоҳангҳо оҳангбандак ҳамеша такрор мешавад;
- даргилик дар муқоми чаҳорум қарор дорад.

Ҳамин тариқ, доираи жанрии мусиқии суннатии минтақаи Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) бо ғановатмандии худ зуҳурот пайдо кардааст. Ин жанрҳо дар робита бо Фалак чунин умумиятҳоро доранд:

1. жанрҳои наът, ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар қолабзарбҳои Фалак асос меёбанд;
2. жанрҳои наът, мадҳия, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, шоҳбайт, шаҳд ва даргилик чормуқомро ҳамчун асоси лаҳнӣ интихоб кардаанд.

# БОБИ II. ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ ДАР ЖАНРҲОИ ФАЛАК

## II.1. Доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ

Дар анъанаи фалаки помирӣ мафҳуми «фалак» ба ду маъно – васеъ ва мушаххас – фаҳмида мешавад: ба маънои васеъ ҳамаи навъҳои мусиқӣ, ки бидуни қолабзарб, бадоҳатан, озодона созӣ ё овозӣ иҷро мешаванд; ба маънои мушаххас – жанри овозӣ ё созӣ аз доираи Фалак.

Жанрҳои фалаки помирӣ бо номҳои Фалак, Бепарвофалак, Фалак-Муноҷот, Фалак-Рапо, Фалак-Мадҳия, Фалак-Ҳайдарӣ, Фалак-Ситоиш, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ дар амалияи мусиқӣ маълуманд.

### II.1.1. Фалакҳои яккисма

Ин навъи фалак дар анъанаи фалаки помирӣ бо жанрҳои Фалак, Фалак-Муноҷот, Бепарвофалак, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ зуҳурот пайдо намудааст. Аз байни инҳо Фалак, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря ва фалаки мотамӣ навъи фолклорианд. Онҳо ҳамеша дар рубоихонӣ қарор мегиранд.

*Фалаки «Дунё ба мисоли як рубoти ду дар аст»* дар иҷрои устод Соҳиба Давлатшоева бар оҳанг ва рубоиёти халқӣ ҳамчун жанри мусиқӣ дар услуби рубоихонӣ қарор дорад. Матни шеърии он рубоӣ аст, дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби аҳтам*:

*Дунё ба мисоли як руботи ду дар аст,*
*Ҳар рӯз дар ин рубот халқи дигар аст.*
*Гуфтам биравам сайри тамошои ҷаҳон,*
*Дидам, ки тамошои ҷаҳон даргузар аст.*
– – V /V – – – /V – – – /V ~
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯл*

Банди композитсионии он дар рубоӣ шакл мегирад. Мисраоҳанги якум дар асоси дараҷоти лаҳнии нимпардаии трихордӣ омадааст:




*Мисоли 100. Мисраоҳанги якум.*

Мисраоҳанги дуюм бо фарёди «Ой!», «Вой!» дар ибтидо ва дар хотима ҳаҷман васеъ мегардад:




*Мисоли 101. Мисраоҳанги дуюм.*

Мисраоҳангҳои сеюм ва чорум аз ҷиҳати оҳанг такрори мисраоҳангҳои якум ва дуюманд:




*Мисоли 102. Мисраоҳангҳои сеюм ва чорум.*

Дар натиҷа рубоии шеърии *аава* дар мусиқӣ ба дигаргуниҳои зерин ноил гардидааст:

1. ба композитсияи мусиқии *авав* табдил ёфтааст;

2. мисраоҳангҳои дуюм ва чорум қариб се маротиба дарозтар шудаанд. Дараҷоти умумии Фалаки мазкур нимпардаии трихордӣ аст ва ба дараҷоти асли муқоми дуюм, ки нимпардаии трихордӣ аст, баробар мебошад.

Навъи дигари фалаки яккисмаи озод *Фалак-Муноҷот* аст. Он ҳам дар рубоихонӣ ва ҳам дар ғазалхонӣ қарор гирифта, ҳамеша характери илтиҷоӣ дорад. Фалак-Муноҷоти таҳлилӣ дар диссертатсия бар рубоиёти Абусаиди Абулхайр асос мегирад. Он аз ду банди оҳангӣ иборат аст. Банди оҳангии он

ба як рубоӣ мутобиқ шудааст. Банди якуми Фалак-Муноҷот дар рубоии *«Ё раб, хирадам дархур, исботи ту нест»* гирифтааст.

Фалак-Муноҷот аз даромади созӣ оғоз гардидааст. Он дар дараҷоти лаҳнии пентахордӣ асос мегирад:




*Мисоли 103. Дараҷоти даромади созӣ.*

Ин дараҷот се гунаи фосилаи секундаро дар бар гирифтааст:




*Мисоли 104. Даромади созӣ.*

Рубоии *«Ё раб, хирадам дархур, исботи ту нест»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам* асос ёфтааст:

*Ё раб, хирадам дархур, исботи ту нест,*
*Андешаи ман ба ҷуз муноҷоти ту нест.*
*Ман зоти туро ба восифӣ кай донам?*
*Донандаи зоти ту ба ҷуз зоти ту нест.*
– – V /V – – – /V – – V/ V ~
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъӯл*

Мисраоҳанги якум бо квартаи болораванда – ифодаи мурочиат, оғоз мегардад:




*Мисоли 105. Мисраоҳанги якум.*

Дараҷоти ин тетрахордӣ аст:



½ 1½ ½

*Мисоли 106. Дарачоти тетрахордӣ.*

Мисраоҳанг бо аслпарда дар шакли ҷаҳиши болораванда оғоз гардида, бо ибораи поёнравандаи пайиҳамӣ анҷом меёбад.

Оҳангбандаки созии баъдӣ дар регистри болотар (регистри даромади созӣ) омада, дар ибораи дуюм таъкидӣ мешавад:



*Мисоли 107. Оҳангбандак (баъди мисраи якум).*

Он дар дарачоти пентахордӣ асос ёфтааст:



½ 1 ½ ½

*Мисоли 108. Дарачоти оҳангбандак.*

Мисраоҳанги дуюм варианти мисраоҳанги якум аст:




Оҳангбандаки мобайнӣ мисраоҳангҳои дуюм ва сеюми аслпардаро бо садоҳои болоӣ таҳким мебахшад:



*Мисоли 109. Оҳангбандак.*

Дарачоти он тетрахордӣ аст:



½ ½ 1½

*Мисоли 110. Дарачоти оҳангбандак.*

Мисраоҳанги сеюм аз ҷиҳати оҳанг такрори мисраоҳанги якум аст:




*Мисоли 111. Мисраоҳанги сеюм.*

Вале оҳангбандаки баъдӣ тобиши оҳангии дигарро пайдо мекунад:



*Мисоли 112. Оҳангбандак.*

Ва ниҳоят мисраоҳанги чоруми хотимавӣ, ки функсияи фаровардро иҷро мекунад, ба регистри аввала бармегардад:




*Мисоли 113. Мисраоҳанги чорум.*

Дарачоти тетрахордии он сохтори зеринро дорад:



½ ½ 1

*Мисоли 114. Дарачоти мисраоҳанги чорум.*

Хусусияти банди якуми Фалак-Муноҷот дар он аст, ки хатҳои оҳангии он дар регистри поёнӣ ва оҳангбандакҳо – дар регистри болоӣ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, мантиқи оҳангсозии он муайян кардани дараҷоти алоҳидаи онҳоро талаб менамояд. Дарачоти хатҳои оҳангии он чунин аст:



½ ½ 1 ½ ½

*Мисоли 115. Дарачоти хатҳои оҳангӣ.*

Он навъи тетрахорди нимпардаӣ аст. Дарачоти оҳангбандакҳо чунин аст:



½ 1 ½ ½ ½ 1 ½

*Мисоли 116. Дарачоти оҳангбандакҳо.*

Банди дуюми Фалак-Муноҷот рубоии *«Аллоҳ, туӣ бар дилам огоҳ, туӣ»* мутааллиқ ба Абусаиди Абулхайрро истифода бурдааст. Он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳбуб* омадааст:

*Оллоҳ, туӣ, бар дилам огоҳ, туӣ,*
*Бероҳа манам, барандаи роҳ, туӣ.*
*Ҳар мурчае, ки дам занад андар таги чоҳ,*
*Аз ҳоли дили мурча огоҳ, туӣ.*
– – V /V – – – / – – – V / V –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Ин банд ҳам даромади созӣ дорад:



*Мисоли 117. Муқаддимаи созӣ.*

Муқаддимаи созии банди дуюм дар дарачоти лаҳнии пентахордӣ омадааст:



½ ½ ½ 1

*Мисоли 118. Дарачоти созӣ.*

Мисраоҳанги якуми банди дуюм дар регистри поёнӣ ҷойгир аст:



*Мисоли 119. Мисраоҳанги якум.*

Он дараҷоти пентахордӣ аст:



1 1 1 ½

*Мисоли 120. Дараҷоти пентахордӣ.*

Мисраоҳангҳои дуюм, сеюм ва чаҳорум низ ҳамин мавқеи регистриро доранд:




*Мисоли 121. Мисраоҳангҳои дуюм, сеюм ва чаҳорум.*

Баъди ҳар як мисраоҳанг гиреҳбандаки аслпарда меояд:



*Мисоли 122. Гиреҳбандаки аслпарда.*

Мисраоҳангҳои дуюму сеюм варианти якдигаранд.

Дараҷоти мисраоҳанги дуюм – тетрахордӣ ва дараҷоти мисраоҳанги сеюм – пентахордӣ мебошад.

Байни мисраоҳангҳои сеюму чорум оҳангбандаки тетрахордии нимпардаӣ омадааст:



*Мисоли 123. Оҳангбандак.*

Дарачоти мисраоҳанги чорум гексахордӣ аст:



½ ½ ½ 1 ½

*Мисоли 124. Дарачоти мисраоҳанги чаҳорум.*

Он Фалак-Муночотро бо тобишҳои поёнии оҳангӣ дар гиреҳбандаки аслпарда анчом медиҳад.

Хусусияти композитсионӣ-драматургии жанри Фалак-Муночот дар раванди асар воҳидҳои сохтории овозӣ ва созӣ баробар иштирок карда, дар муколама қарор доранд. Хусусияти дуюми жанри Фалак-Муночот дар боло қайд карда шуда буд.

Жанри *Фалак-Фарёд* ва *Фалак-Гиря* – ҳам мустақил ва ҳам навъҳои фалаки мотамӣ буда метавонанд. Умумияти ин ду жанр дар он аст, ки онҳо мутааллиқ ба навъи фалаки озод мебошанд ва мазмуни онҳо бо талхии зиндагӣ алоқаманд аст.

Жанри *Бепарвофалак* ду навъи худро дорад: овозӣ ва созӣ. Унвони он хеле саҳеҳ мазмуни ин жанрро инъикос намуда, бо суръати хеле суст, ибораҳои чудо-чудои сукут дар миён, ҳамеша дар услуби рубоихонӣ ичро карда мешавад. Дар ичрои созии он афзалият ба рубоби помирӣ (ё танбӯри помирӣ) бо даф дода мешавад.

Бепарвофалаки *«Бахти ачабе, маро Ватан...»* дар рубоӣ ва мусиқии халқӣ, дар баҳри *ҳазачи мусаммани ахраби мақбузи муханнақ* асос ёфтааст:

*Бахти ачабе, маро Ватан додаӣ ту,*
*Гулҳои умед аз чаман додаӣ ту.*
*Бовар бинамо, ба сад чаҳон нафрӯшам,*
*Ишқи Ватане, ачаб маро додаӣ ту.*
– – V/V – – – /V – – V /V –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъул*

Ҳарчанд мавзуи он шукронаи Ватан аст, мардум онро дар бепарвофалак месароянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мавриди мазкур

бепарвофалак маънои қолабзарбро дорад. Асари таҳлилӣ аз чаҳор хати оҳангӣ иборат аст. Хатҳо зери нуфузи матни шеърӣ – рубоӣ ташаккул ёфтаанд. Бепарвофалак бо даромади созӣ оғоз мегардад:



*Мисоли 125. Даромади созӣ.*

Мутаносибии шеъру оҳанг дар банди композитсионии асар чунин қарор гирифтааст, ки як мисраи рубоӣ ба як хати оҳангӣ мувофиқат мекунад. Хати оҳангӣ панҷ ибораро дар бар мегирад, ки аз онҳо якум, сеюм, чаҳорум овозӣ ва дуюму панҷум созӣ мебошанд:

I.1.




*Мисоли 126. Хати якуми композитсионӣ.*

Ибораҳои дохилӣ аз якдигар бо сукут ва ё савти дорои деранди бузург ҷудо шудаанд. Дар бепарвофалаки *«Бахти аҷабе, маро Ватане»* рубоӣ ҳамчун матни шеърӣ истифода бурда шуда, дар композитсияи мусиқӣ он ҳаҷман меафзояд.

Хати дуюм аз ҷиҳати мусиқӣ такрори хати аввал аст:

I.2.






*Мисоли 127. Хати дуюм.*

Оҳанги хатҳои композитсионӣ ҳамеша поёнраванда буда, бо ибораи якхела анҷом меёбад. Ибораи аввали хати сеюм аз дараҷаҳои баландтарин оғоз мегардад:

I.3.




*Мисоли 128. Хати сеюм.*

Дар фарқият бо хатҳои қаблӣ, хати чоруми композитсионӣ аз ибораи нав сар мешавад:

I.4.






*Мисоли 129. Хати чорум.*

Бепарвофалак дар кашиши овозии аслпарда анҷом меёбад. Ҳар як хати бепарвофалаки *«Бахти аҷабе, маро Ватан...»* дар дараҷоти пентахордӣ қарор ёфтааст. Вале бо назардошти даромади созии он дараҷоти умумии асар гексахордӣ аст:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 130. Дараҷоти умумӣ.*

Ин дараҷот бо дараҷоти муқоми чорум яксон аст.

Ҳамин тариқ, аз асарҳои таҳлилшуда Фалаки *«Дунё ба мисоли як руботи ду дар аст»* – дар муқоми дуюм, Фалак-Муноҷот дар муқоми чорум ва Бепарвофалак дар муқоми чорум асос ёфтаанд. Агар Фалак-Муноҷот ва Бепарвофалак ҳамеша дар муқоми чаҳорум қарор ёбанд, асоси лаҳнии Фалак ва гунаҳои он дар муқомҳои якум, дуюм, сеюм ва чорум во меҳӯранд. Омили чунин вазъ эҳтимол дар он аст, ки Фалак-Муноҷот ва Бепарвофалак ба як мавзуъ – муроҷиат ба осмон – бахшида шудаанд. Фалак на бо як жанр, балки бо доираи жанрӣ маълум аст. Он жанрҳои Фалак (фалаки озод), Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ ва дигарро дар бар мегирад.

### II.1.2. Фалакҳои силсилавӣ

Фалаки силсилавӣ дар ин анъана дуқисма ва панҷқисма пешниҳод гардидааст. Ин гурӯҳ бо жанрҳои Фалак-Рапо, Фалак-Мадҳия, Фалак-

Ҳайдарӣ ва Фалак-Ситоиш маълум аст. Бояд гуфт, ки ҳамаи қисмҳои таркибии силсилаҳо зери унвони «фалак» – навъи фалаки озод мебошанд.

*Фалак-Рапо* – силсилаи дуқисма аст дар анъанаи фалаки помирӣ. Унвони дугунаи он аз номҳои қисмҳои таркибии силсила ба вуҷуд омадааст. Онро ҳам марду ҳам зан иҷро мекунад. Фалак-Рапо ҳам овозӣ ва ҳам созӣ аст. Фалак-Рапои созӣ бештар якка бо ғиҷак ё най (феълан – тутак) навохта мешавад.

Қисми якуми ин силсила навъи фалаки озод аст. Дар мисоли таҳлилӣ он бар рубоии *«Эй бод, боз бар сари кӯи кӣ меравӣ?»* дар иҷрои фалакхон, устод Панҷшанбе Ҷорубов сабт шудааст. Ин рубоии халқӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби аштари мақбуз* қарор мегирад:

*Эй бод, боз бар сари кӯи кӣ меравӣ?*
*Бӯе, ки раҳбарат шуда, сӯи кӣ меравӣ?*
*Бо он нигор хуш, ки ту дорӣ ба бӯстон,*
*Ту баҳри бӯй кардани мӯйи кӣ меравӣ?*
*– – V / – V – /V – – – / V – V –*
*мафъӯлу/фоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун*

Он бо рези созӣ оғоз мешавад. Дар сабти нотавӣ он бо як нотаи «ми» қайд шудааст:






*Мисоли 131. Фалак (қисми якуми силсила).*

Композитсияи Фалак дар як ибораоҳанг сохта шудааст. Вале ҳар дафъа ибораоҳанг дар варианти нав пешниҳод мегардад ($aa^1a^2a^3$). Фалак (қисми 1) бо аслпарда оғоз мешавад ва хотима меёбад. Мисраоҳанги якум дар дараҷоти дихордии $f^1$ - $fis^1$, мисраоҳанги дуюм дар дараҷоти тетрахордии $c^1$ - $f^1$ - $fis^1$ - $g^1$, мисраоҳанги сеюм дар дараҷоти трихордии $f^1$ - $fis^1$ - $gis^1$ ва мисраоҳанги чорум дар дараҷоти пентахордии $dis^1$ - $e^1$ - $f^1$ - $fis^1$ - $gis^1$ қарор гирифтаанд. Дар умум Фалак дараҷоти гексахордӣ дорад: $dis^1$ - $e^1$ - $f^1$ - $fis^1$ - $g^1$ - $gis^1$:




*Мисоли 132. Дараҷоти Фалак.*

Дар оҳанги он нолаҳо фаровон истифода шудаанд. Баъзеи онҳоро дар системаи нотавӣ нишон додан имконнопазир мегардад. Банди қисми якуми силсила – Фалак чор мисраи рубоии шеъриро дар композитсияи мусиқӣ ба воситаи даровардани мисраоҳанги созии иловагӣ ҳамчун мисраоҳанги сеюм ба панҷ мисраоҳанг табдил додааст.

Матни шеърии қисми дуюм – Рапо ғазали Ҳофиз аст. Он дар баҳри *мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф* асос меёбад.

Рапо аслан жанри рақсӣ аст. Табиати рақсиро аз зарби ҳамном пайдо кардааст:



*Мисоли 133. Қолабзарби Рапо.*

Рапо навъи рақси мардона аст, ки дар суръати суст иҷро карда мешавад. Фалак-Рапо ҳамеша дар муқоми дуюм қарор меёбад. Дараҷоти ин муқом чунин аст:



½ ½ ½ 1

*Мисоли 134. Дарачоти муқоми дуюм.*

Қисми дуюм, ки дар услуби ғазалхонӣ қарор мегирад, иборат аз чаҳор банди суннатии композитсионӣ – сархат, нимавҷ, авҷ ва фаровард мебошад. Ҳар як банди композитсионӣ як байти ғазалро фаро мегирад.

Рапо бо муқаддимаи созӣ сар мешавад:



*Мисоли 135. Муқаддимаи созӣ.*

Он ду ибораи оҳангиро дар бар гирифтааст. Дар муқаддима дарачоти асосии Рапо мухтасар нишон дода шудааст. Дарачоти муқаддимаи созӣ навъи тетрахорди нимпардаӣ аст:



½ ½ ½

*Мисоли 136. Дарачоти муқаддимаи созӣ.*

Банди сархат як хатро дар бар гирифтааст.

Сархат – байти якум

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон Худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.*
– – V – / V – – / – – V – /V – –
*мустафъилун/фаъӯлун/мустафъӣлун/фаъӯлун*

I.1.






*Мисоли 137. Сархат.*

Сархат дар дараҷоти тетрахордии даромади созӣ асос меёбад. Иборасозӣ дар сархат низ мушобеҳ ба муқаддима аст: ду ибораи таркибии мисраоҳангҳои он ҷудо-ҷудо сукут дар миён омадаанд.

Банди дуюми композитсионӣ – нимавҷ аз ду хати оҳангӣ иборат аст.

Нимавҷ – байти дуюм

Хати якум – байти дуюм

*Киштинишастагонем, эй боди шурта, бархез!*
*Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.*







*Мисоли 138. Хати якуми нимавҷ.*

Хати дуюми сархат дар асоси мисраоҳанги дуюми хати якуми нимавҷ бо иловаи кашиши овозии аслпарда ташкил ёфтааст:




*Мисоли 139. Хати дуюми нимавҷ.*

Баъди банди нимавҷ оҳангбандак (такрори даромади созӣ) меояд.

Банди сеюми авҷӣ низ аз ду хат иборат аст.

Авҷ – байти сеюм

Хати якум – байти сеюм

*Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,*
*Рӯзе тафаққуде кун, дарвеши бенаворо.*

III.1.




2.




*Мисоли 140. Хати якуми банди авҷӣ.*

Хати дуюм аз мисраоҳанги дуюми хати якум ва кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадаст:

2.а.




*Мисоли 141. Хати дуюми авҷӣ.*

Нимавҷи дуюм – байти чорум

Хати якум – байти чорум

*Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,*
*Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро.*

IV



2.




*Мисоли 142. Хати якуми нимавҷи дуюм.*

Хати дуюм аз такрори ивазшудаи мисраоҳанги дуюми банди нимавҷи дуюм бо иловаи кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:

2.а.




*Мисоли 143. Хати дуюми нимавҷи дуюм.*

Баъди нимавҷи дуюм низ оҳангбандак такрор мешавад.

Фаровард – байти панҷум

Хати якум – байти панҷум

*Ҳофиз ба худ напӯшид ин хирқаи майолуд,*
*Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро.*

V.1.




2.




*Мисоли 144. Хати якуми фаровард.*

Хати дуюм – мисраи дуюми байти панҷум. Ин хати композитсионӣ тавассути мисраоҳанги ивазшудаи хати якум ва иловаи кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омада, асарро хотима медиҳад.

2.a.




*Мисоли 145. Хати дуюми фаровард.*

Хулоса, қисми дуюми силсилаи Фалак-Рапо бандҳои таркибии худро бо дараҷоти гуногун муаррифӣ кардааст:

- сархат ва нимавҷ – дар тетрахорди нимпардаӣ:



½ ½ ½

*Мисоли 146. Дараҷоти сархат ва нимавҷ.*

- авҷ – бо дараҷоти ҳафтдараҷаӣ дар ҳудуди секстаи хурд:



½ ½ ½ 1 ½ 1

*Мисоли 147. Дараҷоти банди авҷӣ.*

- ва фаровард – бо гексахорд дар ҳудуди квинтаи коста:



½ ½ ½ 1 ½

*Мисоли 148. Дараҷоти фаровард.*

Дар умум сохтори композитсияи Рапо сохтори ғазалро пайравӣ мекунад. Вале барои таҳкими лаҳнӣ ба бандҳо хати иловагиро ворид кардааст.

«Мардуми Бадахшон мусиқии зебои хеле ғановатмандро офаридааст. Он яке аз шохаҳои устувори мусиқии суннатии тоҷик мебошад. Мусиқии помирӣ бо созҳои гуногуни мусиқӣ, услуби сарояндагиву навозандагӣ, лаҳну зарби хосса, мусиқии рангини фолклорӣ, ки тибқи радабандии Ф.М.

Кароматов ҳам маросимӣ ва ҳам берун аз онро дар бар мегирад» [143, с. 34-47; 144, с. 35-49] ва мусиқии касбӣ муаррифӣ гардида, то имрӯз ҳамаи дороии бисёрасраи худро ҳифз менамояд [14, с. 5-23]. Дар баробари ин, хусусан, бо густариш ёфтани ғазалхонӣ дар минтақаи Бадахшон, жанрҳои мусиқие ташаккул ёфтаанд, ки бар ғановатмандии мусиқии помирӣ афзудаанд.

«Яке аз жанрҳои хеле қадими мусиқии Бадахшон (Помир) Фалак маҳсуб меёбад. Ин жанр бо кулли мусиқии суннатии помирӣ ҳамқадам ривоҷу равнақ ёфта, имрӯз ҳам навъҳои фолклорӣ ва ҳам навъҳои касбиро дар бар мегирад» [12, с. 78-89].

«Таълимгоҳи фарҳангӣ-иҷтимоие, ки дар тули асрҳо ҳамаи ҳунарҳои бадеӣ, аз ҷумла, фалакхониро ҳифз мекарду рушд медод, барои мусиқии тоҷик мактабҳои авлодии фалакхонии устод-шогирд мебошанд ва мусиқии помирӣ дар ин ҷараён истисно нест» [12, с. 116-146].

Фалак-Мадҳия бо ворид гардидани ғазалхонӣ ба Фалак ба вуҷуд омадааст [12; 73; 86]. «Унвони дуҷанбаӣ далолати аз ду манбаъ сар задани он аст. Аз ҷиҳати забону василаҳои ифодаи мусиқӣ он унсуру услуби фалакхонӣ, мазмунан – васфи Худову Расул ва Муҳаммад пайғамбарро (с.с.) дар бар гирифтааст» [12; 73, с. 68-69; 87]. Фалак-Мадҳия ду анъанаи асосии сароядагии суннатӣ – рубоихонӣ ва ғазалхониро фаро мегирад. Жанри силсилавии Фалак-Мадҳия ашъори гуногуни назми классикии форс-тоҷик, аз қабили мадҳия ва маснавӣ дар бар гирад ҳам, жанрҳои асосии шеърии он ғазал ва рубоӣ мебошанд.

Дар пайдоиш ва раванди ташаккул жанри Фалак-Мадҳия дар асоси ду жанри мусиқӣ, ки дар мусиқии суннатии тоҷик зери унвонҳои «наът» ва «фалак» маълуманд, пайдо шудааст. Тавре, ки қайд шуд, мазмуни он динӣ аст. Вале он жанри корӣ-амалии динӣ нест ва дар ягон маросими динӣ вазифаи амалиро бар дӯш надорад. «Васфи Худову Расул ва Муҳаммад пайғамбар (с.с.) дар он ба маънои васфи волоияти маънавӣ баробар аст. Аз ин ҷиҳат он ҳамеша жанри дунявӣ маҳсуб меёбад, ки одобу зебоишиносӣ,

фалсафаи бузурги зиндагӣ, маънавиёти волоро дар инсон васф менамояд» [12, с. 78-89]. Фалак-Мадҳия – жанри мусиқии касбии дунявӣ, ба рушду ривоҷи зеҳни инсон равона карда шудааст. Он инсонро ба сӯи маънавиёт даъват мекунад.

Фалак-Мадҳия жанри мураккаби анъанаи фалаки помирӣ маҳсуб меёбад. Он ҳамеша силсилаи овозӣ аст ва панҷ қисми таркибиро дар бар мегирад. Дар он қисмҳои озод (бидуни вазну қолабзарб, ки нишондоди шаклҳои кушодаанд) ва қисмҳои дорои қолабзарб (шаклҳои пӯшида) пайиҳам омадаанд.

Унвонҳои ин қисмҳои таркибӣ чунинанд: Зилобам (қ.1), Пастубаланд (қ.2), Ҳайдарӣ (қ. 3), Фалак (қ.4) ва Ситоиш (қ.5).

*Зилобам,* қисми якуми силсилаи Фалак-Мадҳия, навъи фалаки озод аст. Ба ҳайси матни шеърӣ дар он ғазал истифода бурда мешавад. Нуфузи ғазал ба ҷараёни шаклсозии Зилобам мустақим аст. Ҳар як мисраи ғазал ба мисраоҳанг табдил ёфта, банди оҳангии композитсионии он ба байти ғазал баробар мешавад. Зилобами Фалак-Мадҳияи интихобии диссертатсияи мазкур бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ *«Бишнидаам, ки азми сафар мекунӣ, макун»* аст. Он дар баҳри *раҷази мусаммани махбуни маҷбуб* асос мегирад. Сохтори асари мусиқӣ бандҳои композитсионии даромади созӣ, сархат, нимавҷ, авҷ ва фаровардро дар бар гирифтааст. Мутобиқшавии байтҳои ғазал ба бандҳои композитсионӣ гуногун аст.

Даромади созӣ дар дараҷоти пентахордӣ оғоз мегардад:



½ ½ 1½ ½

*Мисоли 149. Дараҷоти даромади созӣ.*

Оҳанги асосиро ибораоҳанги поёнраванда ташкил додааст. Феълан, он шакли поёнравандаи қисми поёнии дараҷоти асосӣ мебошад. Вале ин ҷо он дар аввал трихорди гиреҳбандаки аслпардаро дар шакли поёнраванда нишон дода, онро бо фермата хотима медиҳад. Сонияն, пентахорди поёнии

дарачотро дар шакли поёнраванда асос гирифта, дар он оҳангро пешниҳод мекунад:



*Мисоли 150. Оҳанги даромади созӣ.*

Ин ибора дар Зилобам нақши муҳимро мебозад. Бо он даромади созӣ дарачоти Зилобамро бо самти ба ин жанр хосса муаррифӣ кардааст.

Сархат – байти якуми ғазал

*Бишнидаам, ки азми сафар мекунӣ, макун,*
*Меҳри ҳарифи ёри дигар мекунӣ, макун.*
*– – V – /V – V – / – – V – / V –*
*мустафъӣлун/мафоъӣлун/ мустафъӣлун/фаъал*




*Мисоли 151. Сархати Зилобам.*

Ҳар як мисраоҳанги сархат бо ибораи поёнраванда хотима меёбад. Он ба иборае, ки дар муқаддимаи созӣ чо дошт, наздик аст. Фарқият дар дарачоти тетрахордӣ ва кашиши овозии хотимадиҳандаи мисраоҳанг мебошад. Дар

охири сархат ин ибора якбора бо ҷаҳиши секстоӣ васеъ гардида, дараҷоти гексахордии банди нимавҷро намудор гардонидааст:



*Мисоли 152. Хотимаи созии Зилобам.*

Банди нимавҷ аз ҳамин ҷаҳиши секстоӣ оғоз мегардад. Аз ин маълум мегардад, ки хотимаи созии Зилобам функсияи васли қисмҳоро бар ӯҳда дорад.

Нимавҷ – байти дуюм

*Ту дар ҷаҳон ғарибиву иззат чӣ мекунӣ,*
*Қасди кадом хастаҷигар мекунӣ, макун.*




*Мисоли 153. Нимавҷи Зилобам.*

Ин дафъа оҳангбандак пардаҳои болоии банди авҷиро дар охир қабз мезанад:



*Мисоли 154. Мисраоҳанги охирини хотимаи созии нимавҷ.*

Банди авҷии Зилобам се байти ғазалро дар бар гирифтааст. Байтҳо ба се хатҳои оҳангӣ мутобиқ шуда, сохтори сехатаи банди авҷиро ташаккул додаанд. Барои таҳлили мушаххас, шартан онҳоро авҷ-ибтидо, авҷ ва авҷ-фаровард меномем.

Авҷ-ибтидо – байти сеюм

*Аз мо мадузд хешу ба бегонагон марав,*
*Дуздида сӯи ғайр назар мекунӣ, макун.*

Хати якуми авҷ аз бандҳои каблӣ аз ҷиҳати регистр болотар ҷойгир шуда, аз ҳисоби фарогирии садоҳои болоӣ майдони садоии оҳангиро васеътар мегардонад:

III.1.




III2.




*Мисоли 155. Хати аввали банди авҷӣ.*

Оҳангбандак бо ибораи поёнраванда ва бо фарогирии дараҷаҳои тетрахорди поёнӣ ва дараҷаи поёнии воридотӣ диапазони авҷро аз аввал пурратар гардонда, аслпардаро таҳким мебахшад:



*Мисоли 156. Оҳангбандаки хотимавии авҷ-ибтидо.*

Авҷ – байти чаҳорум

*Эй бартар аз вуҷуди Адам поя мар туро,*
*Аз хиттаи вуҷуд гузар мекунӣ, макун.*

Авҷ якбора аз аслпарда дар октаваи болоӣ оғоз гардида, дар он ҷо муаррифӣ гардида (мисраоҳанги 1), оҳиста-оҳиста ба поён фаромада, дар миёнпарда қарор мегирад (мисраоҳанги 2) :

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 157. Хати дуюми авҷӣ.*

Ҳамин тавр, дар мобайни банди авҷӣ қисми болоии дараҷоти лаҳнӣ нишон дода шудааст. Новобаста ба ин, оҳангбандаки баъдӣ бори дигар тавассути тетрахорди поёнии дараҷоти умумӣ, онро ба аслпардаи октаваи поёнӣ меоварад. Ва баҳри иҷрои функсияи васлӣ қабзи дараҷаҳои болоиро ба амаловарда, ба хати авҷ-фаровард мерасонад:



*Мисоли 158. Оҳангбандаки васлӣ дар авҷ.*

Авҷ-фаровард – байти панҷум

*Чун тоқати ақилаи Ушшоқ нестат,*
*Пас ақлро чу хира нигар мекунӣ, макун.*

Мисраоҳанги аввал дорои ибораҳои созии мобайнӣ аст:




*Мисоли 159. Банди авҷ-фаровард бо оҳангбандак.*

Фаровард – байти шашум

*Ғайр аз ҷамоли мафхар, Табрезӣ Шамсиддин,*

*Гар з-он ту бар ду қавн назар мекунӣ, макун.*

Фаровард дар дарачоти пурраи поёнраванда сохта шудааст:




*Мисоли 160. Фаровард Зилобам.*

Бо ҳамин Зилобам хотима меёбад. Нишон додани дарачоти пурраи лаҳнӣ дар фаровард маънои иҷро кардани функсияи ҷамъбастиро дорад. Дар Зилобам дарачоти лаҳнӣ якбора пешниҳод намегардад. Он тадриҷан, аз қисми поёнӣ оғоз гардида, то охири асар пурра нишон дода шудааст: дарачоти хати оҳангии банди сархат – пентахорди поёнии лаҳниро фаро гирифтааст:




*Мисоли 161. Дарачоти сархати Зилобам.*

Дарачоти нимавҷ каме васеътар, бо гексахорд омадааст:




*Мисоли 162. Дарачоти нимавҷи Зилобам.*

Хати авҷ-ибтидо аз дарачаи III сар шуда, дар дарачоти ҳафтдарачаӣ – гептахорд асос гирифтааст:




*Мисоли 163. Дарачоти авҷ-ибтидои Зилобам.*

Ва дараҷоти хати авҷ ҳаштдараҷаӣ мебошад:



½ ½ ½ 1 ½ ½ ½

*Мисоли 164. Дараҷоти хати авҷӣ.*

Дар хати авҷ-фаровард дараҷот доираашро васеъ гардонда, ба ёздаҳдараҷаӣ мерасад:



½ ½ 1½ ½ 1 ½ 1 1 ½ ½

*Мисоли 165. Дараҷоти хати авҷ-фаровarди Зилобам.*

Ва, ниҳоят, хати фаровард дараҷоти Зилобамро дар оҳанги бештар поёнраванда нишон дода, онро ҷамъбаст кардааст:



½ 1½ ½ 1 ½ ½ ½ 1 ½

*Мисоли 166. Дараҷоти фаровард.*

Ҳамин тариқ, ба хатҳои оҳангии қисми якум – Зилобам, дараҷот тадриҷан чунин намудор гардидааст: дар сархат – пентахордӣ, нимавҷ – гексахордӣ (шакли аз боло васеъшудаи дараҷоти сархат), авҷ – ёздаҳдараҷаӣ ва дар фаровард – даҳдараҷаӣ. Дар умум Зилобам дараҷоти хеле васеи дувоздаҳдараҷаиро фаро гирифтааст:



½ ½ 1½ ½ 1 ½ ½ ½ ½ ½ ½

*Мисоли 167. Дараҷоти Зилобам.*

Дар ҷараёни композитсионии Зилобам нақши оҳангбандакҳо низ муҳим аст. Онҳо ҳамчун муқаддимавӣ (даромади созӣ) ва васлӣ (байни сархат, нимавҷ, авҷ-ибтидо, авҷ, авҷ-фаровард ва фаровард) омадаанд. Дар Зилобам оҳангбандакҳо асосан дар пентахорди поёнии лаҳнӣ асос меёбанд.

Мутобиқшавии бандҳо бо байтҳои ғазал чунин қарор гирифтааст:

- Сархат – байти якум;
- Нимавҷ – байти дуюм;
- Авҷ – байти сеюм, байти чорум, байти панҷум;
- Фаровард – байти шашум.

Хусусияти Зилобам дар он аст, ки ба як байти ғазал як хати оҳангӣ мутобиқ карда шудааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки ташаккули композитсияи Зилобам зери нуфузи сохтори ғазал ба амал омадааст. Ин нуфузи мустақим дар ҳамрадифии мисраоҳангҳо низ (ибораи хотимавии поёнраванда) хеле равшан ифода меёбад.

*Пастубаланд*, қисми дуюми силсилаи Фалак-Мадҳия, дар қолабзарби ҳамном – «пастубаланд» асос меёбад[1]. Матни Пастубаланд ҳамеша ғазал аст. Дар мисоли диссертатсия он бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ *«Чи тадбир, эй мусулмонон, ки ман худро намедонам»*, баҳри *ҳазаҷи мусаммани солим*, аст.

Пастубаланд бо даромади созӣ оғоз мегардад, ки феълан як шакли гиреҳбандаки аслпарда аст. Дар қиёс бо Зилобам он бо оҳанги дигар ва дар регистри болоӣ қарор мегирад. Бинобар ин, ҳам аслпарда ва ҳам оҳанги он дар Пастубаланд дар ибтидо дар октаваи дуюм муаррифӣ гардидаанд:



*Мисоли 168. Даромади созии Пастубаланд*

Дараҷоти пентахордии он дорои секундаи афзуда аст:



½ ½ 1½ ½

*Мисоли 169. Дараҷоти даромади созии Пастубаланд.*

[1] Ин қолабзарбро дар минтақаи Кӯлоб «зарб» мегӯянд.

Ин навъи дараҷот, ҳарчанде айнани он нест, лек мушобеҳи дараҷоти муқоми чорум аст:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 170. Дараҷоти муқоми чаҳорум.*

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Банди композитсионии сархат ду хати оҳангиро дар бар гирифтааст. Дар он ба як байти ғазал як хати оҳангӣ мутобиқ шудааст.

Хати якум – байти якум

*Чи тадбир, эй мусулмонон, ки ман худро намедонам,*
*На тарсоям, на яҳудам, на габрам, на мусулмонам.*
*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*
*мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун*




*Мисоли 171. Мисраоҳанги якуми хати аввали сархат.*

Байни мисраоҳанги якуму дуюми сархат оҳангбандак меояд:




*Мисоли 172. Оҳангбандак ва мисраоҳанги дуюми хати аввали сархат.*

Композитсияи Пастубаланд чунин аст, ки байни мисраоҳангҳои хатҳо ва байни бандҳо ҳамеша оҳангбандак такрор меояд, лекин аз ҷиҳати регистрӣ он дар октаваи якум ҷо мегирад ва аз ҷиҳати оҳангӣ каме тағйир меёбад. Масалан, баъди сархат он чунин аст:



*Мисоли 173. Оҳангбандаки мобайнӣ.*

Дараҷоти сархати Пастубаланд ҳаштдараҷаӣ аст. Дар ҳудуди як октава он дар таркиби худ ду фосилаи секундаи афзударо дар бар мегирад ва хоссагии хешро бараъло нишон медиҳад:



1½ ½ 1 ½ 1½ ½ ½

*Мисоли 174. Дараҷоти хати якуми сархат.*

Хати дуюм – байти дуюм

*На шарқиям, на ғарбиям, на улвиям, на сифлиям,*
*На заркони табииям, на аз афлоки гардонам.*

II.1.




II.2.






*Мисоли 175. Хати дуюми сархати Пастубаланд.*

Дараҷоти хати дуюм такрори дараҷоти хати якум аст.

Нимавҷ – байти сеюм

*На аз Ҳиндам, на аз Чинам, на аз Булғори Саксинам,*
*На аз мулки Ироқам ман, на аз хоки Хуросонам.*

III.1.






III.2.




*Мисоли 176. Нимавҷ.*

Сохтори композитсионии банди нимавҷ ба монанди сархат аст. Дараҷоти он каме васеътар гардидааст.

Хати авҷӣ ду байтро дар бар гирифтааст. Ва он баҳри нишон додани мавқеи ин банд дар композитсияи асар ба вуҷуд меояд.

Авҷ – байтҳои чорум ва панҷум

Хати якум – байти чаҳорум

*Нишонам бе нишон бошад, маконам ломакон бошад,*
*На тан бошад, на ҷон бошад, ки ман худ ҷону ҷононам.*

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 177. Хати аввали банди авҷӣ.*

Хати дуюм – байти панҷум

*Дуеро чун бурун кардам, яке дидам ду оламро,*
*Яке гӯям, яке ҷӯям, яке донам, яке хонам.*

V.1.




V.2.




*Мисоли 178. Хати дуюми банди авҷӣ.*

Хати аввал дар дараҷоти пентахордӣ ва хати дуюми банди авҷӣ – ҳаштдараҷаӣ омада, дараҷоти умумии банди авҷиро ба даҳдараҷаӣ мерасонанд. Он дар ҳудуди фосилаи таркибии детсима пешниҳод шудааст:




*Мисоли 179. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Бояд қайд кард, ки ин дараҷот дар таркиби худ се фосилаи секундаи афзударо дар бар гирифтааст.

Фаровард – байти шашум

Ҳарчанд банди фаровард ба як байти ғазал мутобиқ бошад ҳам, ин банд аз се хат иборат аст. Мобайни мисраоҳангҳои он оҳангбандаки созӣ омада, як хатро ташкил карда, хати сеюмро бо кашиши овозии аслпарда хотима медиҳад.

Хати якум – байти шашум

*Аё, эй Шамси Табрезӣ, чунон мастам дар ин олам,*
*Ки ҷуз мастиву сармастӣ дигар чизе намедонам.*

VI.1.






*Мисоли 180. Хати якуми фаровард.*

Хати аввали банди фаровард на аз ҷиҳати дараҷот ва на оҳанг дигаргуниеро ба вуҷуд наовардааст. Он дастовардҳои қаблиро таҳким мебахшад.

Хати дуюм – мисраи дуюми байти шашум.




*Мисоли 181. Хати дуюми фаровард.*

Дар хати дуюми он аслпарда пайдо шуда, кашиши овозии хотимавиро пешниҳод мегардонад. Қисми Пастубаланд дорои дараҷоти хеле васеъ мебошад: сархат ва нимавҷ – ҳаштдараҷаӣ; авҷ – даҳдараҷӣ ва фаровард – ёздаҳдараҷаӣ, хосса ба воситаи хати дуюми хотимавӣ, дараҷоти умумии ёздаҳдараҷаии Пастубаландро ташаккул додаанд.

Мутобиқшавӣ ба ғазал дар Пастубаланд чунин аст:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм;
- Нимавҷ – байти сеюм;
- Авҷ – байтҳои чорум ва панҷум;
- Фаровард – байти шашум.

Дар композитсияи Пастубаланд ҳамагӣ шаш байти ғазал истифода шудааст. Вале дар асоси он композитсияи ҳафтхатӣ (аз ҷиҳати оҳанг) ва даҳхатӣ (бо назардошти оҳангбандакҳо)-ро ба вуҷуд овардааст.

«Дар намунаҳои мусиқии суннатӣ табиатан аз гуфтаҳои мардуми таҳҷоӣ хоссагиҳое мушоҳида мешаванд. Дар ин равол жанри Фалак-Мадҳия истисно нест. Ва яке аз чунин нуктаҳо бо унвони қисми навбатии ин силсила вобаста аст. Тибқи гуфтаи мардум он аз номи Ҳазрати Алӣ – Ҳайдарӣ гирифта шудааст. Ҳайдарӣ – қисми сеюми силсилаи Фалак-Мадҳия мебошад. Матни шеърии Ҳайдарӣ ҳамеша ғазал аст» [12]. Таҳлили Ҳайдарӣ бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ «*Хоҷа, дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани макфуфи аҳтам* ба амал оварда мешавад.

Банди аввали композитсионӣ ду байти ғазалро дар бар гирифтааст.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум

*Хоҷа, дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст,*
*Хоҷа, анвора дилу дидаи мардон адаб аст.*
*V – – – / V– – V/V – – V / V ~*
*мафоъӣлун/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯл*

I.1.




I.2.




*Мисоли 182. Хати аввали сархат.*

Қолабзарби ин қисм, ҳарчанде дар Бадахшон «ҳайдарӣ» номида мешавад, дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон бо номи «уфари суст» маълум аст.

Дар ду мисраоҳанги хати аввал вариантҳои гуногуни мутаносибии пардаҳои воридотӣ бо аслпарда нишон дода шудаанд. Хати якум дар дарачоти тетрахордӣ асос меёбад:




*Мисоли 183. Дарачоти хати аввали сархат.*

Хати дуюм – байти дуюм

*Одам аз олами улвист на суфлӣ, дарёб,*
*Равнаҷи гардиши ин гунбади даврон адаб аст.*

II.1.




II.2.




*Мисоли 184. Хати дуюми сархати Ҳайдарӣ.*

Дарачоти лаҳнии хати дуюм такрори дарачоти хати якум аст.

Банди дуюми композитсионӣ ҳам фарогири ду байти ғазал аст.

Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум

Хати якум – байти сеюм

*Одамиро, ки аз беадабӣ ҳосил нест,*
*Фарқ дар чашму сари одаму ҳайвон адаб аст.*

III.1.



III.2.




*Мисоли 185. Нимавҷ. Хати якум.*

Дараҷоти хати якуми нимавҷ дар трихорди нимпардаии гиреҳбандаки аслпарда ($cis^1 – d^1 – es^1$) асос ёфтааст.

Хати дуюм – байти чорум

*Чашм бикшову бубин ҷумла каломуллоро,*
*Оят-оят ҳамагӣ маънии Қуръон адаб аст.*

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 186. Нимавҷ. Хати дуюм.*

Дараҷоти банди нимавҷ пентахордӣ аст, ки дар мисраоҳанги дуюми хати дуюм пурра нишон дода шудааст:




*Мисоли 187. Дараҷоти нимавҷ.*

Ба монанди бандҳои қаблӣ, банди авҷӣ низ ду байти ғазалро дар бар мегирад.

Авҷ – байтҳои панҷум ва шашум

Хати якум – байти панҷум

*Як ду рӯзе, ки дар ин хона ту ҳам меҳмонӣ,*
*Боадаб бош, ки хосияти инсон адаб аст.*




*Мисоли 188. Хати якуми банди авҷӣ.*

Хати дуюм – байти шашум

*Домани мо ҳама гир, чӣ дар роҳи яқин,*
*Ҳам сари ганҷӣ, фардои ту дида Қуръон адаб аст.*




*Мисоли 189. Хати дуюми банди авҷӣ.*

Дараҷоти лаҳнии банди авҷӣ васеътар аст ва он дар мисраоҳанги хати якум пурра намоён мегардад. Он дараҷоти гексахордӣ аст:




*Мисоли 190. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Ва дар ин дараҷоти гексахордӣ он дорои ду фосилаи афзуда гардидааст. Мисраоҳангҳои хати дуюм бо майдони садоии трихорди нимпардаӣ иктифо кардаанд.

Фаровард – байти ҳафтум

*Шамси Табрез, хамӯш кун ту ин сирри Худо,*
*Анвару афзали ин шамъу шабистон адаб аст.*

VII.1.




VII.2.




VII.3.




*Мисоли 191. Фароварди Ҳайдарӣ*

Банди фаровард ба дараҷоти тетрахорд бармегардад:




*Мисоли 192. Дараҷоти фаровард.*

Дараҷоти умумии асари Ҳайдарӣ ҳафтдараҷаӣ аст ва пардаҳои канории он дар фосилаи секста қарор гирифтаанд:




*Мисоли 193. Дараҷоти Ҳайдарӣ.*

Дар раванди шаклсозӣ он тадриҷан чунин ворид гардидааст: сархат – тетрахордӣ, нимавҷ – пентахордӣ, авҷ – гексахордӣ ва фаровард – тетрахордӣ.

Қисми сеюми Фалак-Мадхия – Ҳайдарӣ ҳафт байти ғазалро фаро гирифтааст ва онҳо дар чунин шакл ба хатҳои оҳангӣ мутобиқ шудаанд:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм;
- Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум;
- Авҷ – байтҳои панҷум ва шашум;

- Фаровард – байти ҳафтум[1].

Қисми чаҳоруми Фалак-Мадҳияро – навъи фалаки озод – Фалак ташкил медиҳад. Дар силсилаи таҳлилӣ ин Фалак бар рубоии Абусаиди Абулхайр *«Исёни халоиқ арчи саҳрост, саҳрост»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам* мебошад. Ва матни он чунин аст:

*Исёни халоиқ арчи саҳро-саҳрост,*
*Дар пеши иноятӣ ту як барги гиёст.*
*Ҳарчанд гуноҳи мост, киштӣ-киштӣ,*
*Ғам нест, ки раҳмати ту дарё-дарёст.*
*– – V / V – – – / V – – V/V ~*
*мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафоъӣлу/фаъӯл*

Сохтори композитсионии Фалак аз даромади созӣ ва чаҳор мисраоҳанг иборат аст. Оҳанги даромади созӣ дар дараҷоти трихорди нимпардаӣ сохта шудааст:



*Мисоли 194. Даромади созии Фалак.*

Ин оҳанг хоси муқоми дуюм аст. Ҳамаи мисраоҳангҳои Фалак дар он асос ёфтаанд:







[1] Чунин тақсимоти композитсионии мусиқии классикии тоҷик аз устод Фазлиддин Шаҳобов аст [118; 119; 120].




*Мисоли 195. Фалак.*

Аз ин бармеояд, ки қисми чаҳоруми Фалак-Мадҳия – Фалак дар муқоми дуюми системаи чормуқом асос ёфтааст.

Мисраоҳанги сеюм барои Фалак авҷӣ аст. Дар он диапазон ба тетрахордӣ табдил меёбад:




*Мисоли 196. Дарачоти мисраоҳанги авҷии Фалак.*

Хусусияти дигари Фалак дар он низ аст, ки ҳар як мисраоҳанги он аз ибтидонидо сар мешавад. Нақши ибтидонидо дар раванди Фалак фаъол аст. Он моҳияти жанрии фалаки озодро хеле хуб таҷассум кардааст: дар мисраоҳанги якум он рӯйи дараҷаи III ($e^1$), дар мисраоҳанги авҷии сеюм – бо оҳанги дихорди кӯтоҳ ($dis^1$- $e^1$) ва фарогирии дараҷаҳои II ва III, ниҳоят, дар мисраоҳанги чаҳорум – бо оҳанги дихорди дароз ($dis^1$ – $e^1$ – $dis^1$), ҳарчанде фарогирии ҳамон дараҷаҳо, вале бо пайиҳамии се савти лаҳнӣ (дараҷаҳои II – III – II) омада, ҷараёни драматургиро равшан инъикос намудааст. Аз ҷиҳати лаҳнӣ он ҳамеша ба наздикшавӣ ба аслпарда қарор дорад ва ин сайъ дар

хотима амалӣ мешавад: Фалак бо хотиманидо дар аслпарда ($d^1$) ба охир мерасад. Бо чунин хотима асоси лаҳнии Фалак шакли давраи мукаммалро пайдо кардааст. Оҳангу зарб низ ба ҳамин ҷараён мутобиқ гардидаанд: Фалак аз дараҷаи III тавассути дараҷаи II ба дараҷаи I расидааст. Дерандҳои дараҷаи III (дар аввал) ва дараҷаи I (дар охир) яканд ва онҳо зери фермата қарор доранд. Нидои мисраоҳанги авҷӣ дар деранди дарозтар омадааст ва бори дигар дараҷаи III-ро таъкид кардааст.

Дар ин қисм дараҷоти умумӣ дар раванди шаклсозӣ тадриҷан чунин ворид мегардад: сархат ва нимавҷ – трихордӣ, авҷ – тетрахордӣ ва фаровард – трихордӣ. Дар фарогирии дараҷот қисми Фалак ба асоси жанрии хеш тақлид мекунад, хусусан жанри фалаки озод ҳамеша дар шеър – рубоӣ ва дар мусиқӣ – дараҷоти хурдро мепарастад.

Мутобиқшавӣ ба рубоӣ дар Фалак чунин аст:

- Сархат – мисраоҳанги якум;
- Нимавҷ – мисраоҳанги дуюм;
- Авҷ – мисраоҳанги сеюм;
- Фаровард – мисраоҳанги чорум.

Қисми панҷум, қисми хотимавии силсила – *Ситоиш* – ҳамеша дар ғазал асос меёбад. Ситоиши Фалак-Мадҳияи таҳлилӣ бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ *«Дил ба ин дунё мабанд, дунёи фонӣ бигзарад»* мебошад.

Сохтори композитсионии Ситоиш чор банди суннатиро дар бар мегирад.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум

*Дил ба ин дунё мабанд, дунёи фонӣ бигзарад,*
*Навбати пирӣ дарояд, навҷавонӣ бигзарад.*
*– V – – /– V – – /– V – – /– V –*
*фоъӣлотун/фоъӣлотун/фоъӣлотун /фоъӣлун*

Ин ғазал дар баҳри *рамали мусаммани маҳзуф* омадааст.

I.1.




I.2.




*Мисоли 197. Хати аввали банди сархат.*

Шакли пурраи мусамман ва вазни мусиқавии ҳаштзарбаии қолабзарби ситоиш мисраоҳангҳои нисбатан дарозро ба вуҷуд овардаанд. Вале новобаста ба ин, оҳанги хати аввал дар дараҷоти трихорди нимпардаӣ бо фарогирии фосилаи хеле хурд байни садоҳои канорӣ – терсияи коста қарор гирифтааст:




*Мисоли 198. Дараҷоти хати аввал.*

Оҳанг аз регистри поёнии лаҳнӣ оғоз гардида, бешитоб, ибора-ибора баён мегардад. Байни ибораҳову мисраоҳангҳо сукутҳо ҷой гирифтаанд, ки мутобиқ ба ҳаҷми воҳидҳои сохтории композитсионианд. Аз ҷиҳати лаҳнӣ хати аввал хеле устувор аст. Зеро ки дараҷаҳои таркибии он аз ҳудуди садоҳои гиреҳбандаки аслпарда берун намебароянд.

Хати дуюм – байти дуюм

*Эй ки дорӣ зӯри бозу, паҳлавонӣ дар ҷаҳон,*
*Зӯр дар бозу намонад, паҳлавонӣ бигзарад.*

II.1.



II.2.




*Мисоли 199. Хати дуюми сархат.*

Сохтори хати дуюм ва баёни оҳанг дар он мушобеҳ ба хати якум аст. Ин ҷо ҳам иборахо ҷудо-ҷудо, сукут дар миён омадаанд ва мисраоҳангҳо аз якдигар бо сукутҳои дароз ҷудо шудаанд. Оҳанги хати дуюм ҳам дар трихорди нимпардаӣ асос меёбад. Вале дар иборасозиву оҳангсозӣ такя бештар бар дараҷаи III трихорд аст, ҳарчанде ҳарду мисраоҳанг бо аслпарда хотима ёфтаанд.

Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум

Хати якум – байти сеюм

*Эй ки дорӣ боғу бӯстон, хуш саропо мамлакат,*
*Боғи ту вайрона гардад, боғбонӣ бигзарад.*

III.1.




III.2.




*Мисоли 200. Хати аввали нимавҷ.*

Банди нимавҷ тибқи нақши худ дар композитсияи асар бо оҳангу майдони садоӣ ва регистр аз банди сархат фарқ мекунад. Фарогирии садоии хати якуми нимавҷ бо такя ба аслпарда, якбора се садои навро ворид карда, сазовори дараҷоти пентахордӣ гардидааст:




*Мисоли 201. Дараҷоти хати аввали нимавҷ.*

Нисбат ба сархат он як дараҷа болотар ҷой мегирад. Дар оҳанг мавқеи садои нав ($e^1$) бузург аст. Ибораҳои аввали ҳарду мисраоҳанг дар он асос ёфта, бо он хотима меёбанд.

Хати дуюм – байти чорум

*Ин ҷаҳон чун пул бошад, ҷони мо чун корвон,*
*Оқибат бигзар аз ин пул, корвонӣ бигзарад.*

Дар хати дуюми нимавҷ таъкидҳои оҳангӣ-лаҳнӣ ба дараҷаи болотарин ($g^1$) вогузошта шудаанд. Бо аслпарда ($d^1$) он дар мутаносибии квартоӣ қарор дорад ва таъкиди он маънои нимавҷро қайд кардан аст:

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 202. Хати дуюми банди нимавҷ.*

Хати дуюм дараҷоти тетрахордиро фаро гирифтааст. Ин тетрахорди поёнии лаҳни асосӣ мебошад:




*Мисоли 203. Дараҷоти хати дуюми банди нимавҷ.*

Он иқтидор дорад, ки ранги лаҳни асосиро равшан ифода намояд, зеро ки дар таркиби худ фосилаи хоссаи афзударо дорад.

Авҷ – байти панҷум

*Роҳати дунё ту дорӣ, неъмати уқбо маро,*
*Бар сари фарзанди одам ҳарчи ояд, бигзарад.*

Ҳарчанд чунин вазъ ғайримуқаррарӣ аст, банди авҷӣ дар қиёс бо ду бандҳои қаблӣ кӯтоҳтар буда, ҳамагӣ як байтро дар бар мегирад. Садои нави лаҳнӣ дар аввал таъкид мешавад: такрори ду-себора бо деранди дарози сеюм

дар ибораи якум онро равшан ифода кардаанд. Идомаи оҳанг бештар ба мутаносибии дараҷаҳои I (аслпарда) ва V (миёнпарда) равона карда шудааст:

V.1.




V.2.




*Мисоли 204. Банди авҷии Ситоиш.*

Дар умум банди авҷӣ дар дараҷоти пентахордӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 205. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Аз ин бармеояд, ки он дараҷоти бадастовардаи нимавҷро таҳким мебахшад.

Фаровард – байти шашум

*Шамси Табрезӣ, ҳунармандон бирафтанд зери хок,*
*Ин ҳунармандон, ки дидӣ, кордонӣ бигзарад.*

Банди фаровард аз садои болоии банди авҷӣ даст кашида, бештар ба иҷрои функсияи хотимавии худ бармегардад. Дар мисраоҳанги якум аслпардаро дар садоҳои гиреҳбандаки он қарор дода, баҳри таҳким онро бо қабзи дараҷаи квартоии поёнӣ (фосилаи квартаи коста) нишон медиҳад. Мисраоҳанги дуюм фарогири дараҷоти пурра аст:

VI.1.




VI.2.






*Мисоли 206. Фароварди Ситоиш.*

Ситоиш бо кашиши дарози овозии аслпарда хотима ёфтааст. Дараҷоти Ситоиш дар раванди шаклсозӣ чунин ворид гардидааст: сархат – трихордӣ, нимавҷ ва авҷ – пентахордӣ ва фаровард – гексахордӣ (бо фарогирии фосилаи байни садоҳои канорӣ – септимаи коста). Дараҷоти умумии ситоиш ҳаштдараҷаӣ буда, дар ҳудуди октаваи коста қарор гирифтааст.

Аз ҷиҳати шеър Ситоиш ҳамагӣ шаш байти ғазалро дар бар мегирад. Мутобиқшавӣ бо байтҳои ғазал дар он чунин қарор гирифтаанд:

- Сархат – байтҳои якум ва дуюм;
- Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум;
- Авҷ – байти панҷум;
- Фаровард – байти шашум.

Хулоса, дар панҷ қисми силсилаи Фалак-Мадҳия дараҷоти гуногунҳаҷм пешниҳод гардидааст. Ҳамаи қисмҳои Фалак-Мадҳия дар чормуқом асос меёбанд: Зилобам дар муқоми чорум, Пастубаланд дар муқоми якум (бо намудории муқоми чорум дар авҷ), Ҳайдарӣ дар муқоми якум (бо намудории муқоми чорум дар авҷ), Фалак – дар муқоми дуюм ва Ситоиш дар муқоми чорум (бо намудории муқомҳои якум ва дуюм дар авҷ ва қисми хотимавӣ). Аз ҷиҳати ҳалли композитсионӣ дар ду қисми силсила шаклҳои сохтории кушода ва дар се қисми дигари он – «пӯшида» истифода шудаанд. Чунин ҷойгиршавии қисмҳо баҳри мавзунии композитсионӣ аст. Ҳамаи қисмҳо вазифаи мушаххаси композитсионӣ-драматургиро бар дӯш доранд. Мисраоҳангҳои силсила вобаста ба навъи Фалак (озод ва зарбӣ) кутоҳу васеъ мегарданд. «Қобили қайд аст, ки силсилаи Фалак-Мадҳия дорои ду қисм (Зилобам ва Фалак)-и фалаки озод аст. Онҳо дар драматургияи силсила нақши муҳимро бозидаанд: бо яке (Зилобам) силсила оғоз гардидааст ва вазифаи нахустмуаррифии лаҳнӣ ва оҳангиро бар дӯш дорад. Дуюмӣ (Фалак) – дар нуқтаи бурриши тиллоии силсила ҷой гирифтааст ва

феълан нақши кулминатсиониро дар он мебозад. Қисмҳои таркибии зарбӣ (сохторҳои пӯшида) – Пастубаланд (дуюм), Ҳайдарӣ (сеюм) ва Ситоиш (панҷум) – ҳар кадом дар асоси зарби ҳамноми худ қарор гирифта, аз ҳафтзарбаӣ тавассути шашзарбаӣ ба ҳаштзарбаӣ оварда мерасонад. Ин нукта рушди тадриҷии мураккабшавиро дар силсила нишон додааст [127, с. 63-75] ».

Фалак-Мадҳия – жанри мураккабтарини падидаи фалак дар анъанаи фалаки помирӣ маҳсуб меёбад. Дар он услуби ғазалхонӣ дараҷаи баланди ғазалхониро дар мусиқии помирӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, силсилаи мазкур дар худ ҳамаи хусусиятҳои ҳам рубоихонӣ ва ҳам ғазалхонӣ, ҳам жанри фалаки фолклорӣ (қисми чаҳорум) ва ҳам жанрҳои фалаки касбиро (Зилобам, Пастубаланд, Ҳайдарӣ ва Ситоиш) фаро гирифтааст. Бо чунин доройӣ силсилаи Фалак-Мадҳия иқтидор пайдо кардааст, ки сохтори композитсионии хеле мавзунро дар сатҳи баланди касбият бо мазмуни фалсафӣ, дар сатҳи рубоиёт ва ғазалиёти классикӣ пешниҳод намояд. Ин дороиҳо дар композитсияи қисмҳои таркибӣ ва сатҳи ягонаи силсила драматургияи мантиқан мукаммали мусиқиро бо истифода аз василаҳои одии ифодаи мусиқавӣ дар дараҷаи баланд амалӣ кардаанд [127, с. 63-75.].

Жанри Фалак-Мадҳия ягонагии тафаккури назму мусиқиро, ки зодаи мақомоти волои тоҷик аст ва мақомоти тоҷик (Шашмақом, фалаки кӯлобӣ, мақомҳои маҳаллии водӣ) онро ҳамчун вазифаи асосии худ дар фарҳанги миллат ҳифз менамояд, дар минтақаи Бадахшони Кӯҳӣ (Помир) сарбаландона бар ӯҳда дорад.

Ва ниҳоят, бояд қайд кард, ки силсилаҳои дуқисмаи Фалак-Ҳайдарӣ ва Фалак-Ситоиш – силсилаҳои фаръӣ аз силсилаи мукаммали Фалак-Мадҳия мебошанд. Онҳо дар амалияи мусиқӣ васеъ густариш ёфтаанд.

## II.2. Фарогирии жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ

### II.2.1. Фалакҳои яккисма

Дар минтақаи Кӯлоб фалаки яккисма ду навъ мешавад: фалаки озод ва фалаки зарбӣ. Онҳо ду шакли композитсияи мусиқиро нишон медиҳанд: сохтори кушода ва сохтори пӯшида.

*Фалаки Даштӣ* – жанри навъи фалаки озод аст. Муҳаққиқ Ф.Азизӣ чунин хусусиятҳои Фалаки Даштии овозиро муайян кардааст: яккисма аст; якка, бидуни такнавозии созӣ, бо матни шеърии рубоӣ иҷро карда мешавад [12, с. 89-95]. Дар иҷрои жанри созии Фалаки Даштӣ ба якканавозии думбра, ғиҷак ва тутак афзалият дода мешавад.

*Фалаки «Ё Раб, ту маро забони гӯё додаӣ»* бар рубоии халқӣ дар иҷрои Устод Гулчеҳра Содиқова намунаи муқаррарии жанри Фалаки Даштии яккисма аст. Рубоӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар* асос ёфтааст:

*Ё Раб, ту маро забони гӯё додаӣ,*
*Гӯши шунаво, ду чашми бино додаӣ.*
*Шукрона аз он кунам ба даргоҳи Худо,*
*Дар дидаи мардумон маро ҷо додаӣ.*
– – V /V – – – /V – – – / –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъ*

Банди композитсионии Фалаки Даштии «Ё Раб ту маро забони гӯё додаӣ» дар қолаби рубоӣ қарор гирифта, аз чор мисраоҳанг иборат аст:






*Мисоли 207. Банди Фалаки Даштӣ.*

Дар ҳар мисраоҳанг се қисм – фарёд, мисраоҳанг ва хотимаро ҷудо кардан мумкин аст. Фарёд («Ҷон!») – ибтидонидоест, ки ба туфайли бузургии деранди «шахшуда» қабул мешавад:




*Мисоли 208. Ибтидонидо.*

Дар Фалаки Даштии мазкур дар ҳамаи мисраоҳангҳо фарёд дар аслпарда ($a^1$) қарор дорад. Мисраоҳанг аз он бармеояд ва он низ дар майдони садоии хеле маҳдуд қарор мегирад:




*Мисоли 209. Мисраоҳанг.*

Ҳар мисраоҳанг бо хотимаибора анҷом меёбад. Он низ дар аслпарда бо фарогирии пардаҳои поёнӣ меояд:




*Мисоли 2010. Хотимаибора.*

Ин иборай оҳангиест, ки се пардаи поёнравандаро дар бар мегирад. Дар ин ибораоҳанг мавқеи аслпарда асосист.

Фалаки Даштии «Ё Раб ту маро забони гӯё додӣ» дар муқоми дуюм асос ёфтааст:




*Мисоли 211. Дараҷоти муқоми дуюм.*

Намунаи *Фалаки Даштии* созӣ дар иҷрои Муҳаммадсафар Муродов бо тутак иҷро шудааст[1]. Он дар муқоми сеюм асос ёфта, аз панҷ банди оҳангӣ иборат аст:

I.1.



*Мисоли 212. Банди якум.*

Мисраоҳангҳои ин Фалаки Даштӣ низ се ибораи функсионалиро дар бар мегиранд: ибтидонидо, мисраоҳанг ва хотиманидо. Фарқият ба мисоли қаблӣ дар он аст, ки ибтидонидо дар банди аввал дар пардаи IV асос гирифта, дар аслпарда хотима ёфтааст.

I.2.



[1] Сабти аудиоӣ, видеоӣ ва нотавии ин Фалаки Даштӣ аз тарафи мусиқишинос Ф.А. Азизӣ соли 2001 дар н. Восеъ ба амал оварда шудааст [166].



*Мисоли 213. Банди дуюм.*

Мисраоҳангҳо бо такя ба дараҷаи III оварда шудаанд:

I.3.



*Мисоли 214. Банди сеюм.*

Ва танҳо хотимаибора дар аслпарда қарор мегирад.

Хатҳои якум, дуюм ва сеюм ҳар кадом дар дараҷоти пентахордӣ асос ёфтаанд:



½ ½ 1 ½

*Мисоли 215. Дараҷоти се банди аввал.*

Банди чорум банди авҷии асар аст. Ҳаҷман дараҷоти он аз бандҳои пешина васеътар мебошад:

I.4.





*Мисоли 216. Банди авҷӣ.*

Хати чорум дараҷоти ҳафтдараҷаиро фаро гирифтааст:



½ ½ 1 ½ ½ 1

*Мисоли 217. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Дараҷаи $ges^2$ (тахминан) ин ҷо функсияи ороиширо дорад. Майдони садоии банди авҷӣ дар регистри болоӣ дараҷоти бандҳои қаблиро такрор карда, бо ду-се пардаи болоӣ васеъ шудааст. Ва ниҳоят, банди панҷум аз дараҷаи VII ($a^2$) оғоз гардида, ба аслпарда ($d^2$) мерасад:




*Мисоли 218. Банди панҷум.*

Дараҷоти банди панҷум гексахордӣ аст:



½ ½ 1 1 1

*Мисоли 219. Дараҷоти банди панҷум.*

Ҳамин тариқ, ҳамаи бандҳои композитсионии ин Фалаки Даштӣ дорои оҳанги поёнраванда мебошанд. Ва ҳар дафъа онҳо ба аслпарда хотима ёфтаанд. Дараҷоти умумии Фалаки Даштии Муҳаммадсафар Муродов чунин аст:



½ ½ 1 ½ ½ 1

*Мисоли 220. Дараҷоти умумии Фалаки Даштӣ.*

Ин дараҷот ҳафтдараҷаӣ аст.

*Фалаки Ғарибӣ* навъи фалаки зарбӣ аст. Он номи худро аз қолабоҳанги ҳамном гирифтааст. Фалаки Ғарибӣ якқисма ва силсилавӣ мешавад. Он ҳамеша бо муқоми сеюм алоқаманд аст.

Дар мусиқии минтақаи Кӯлоб қолабоҳанги ғарибӣ на танҳо дар фалак, балки берун аз он ҳам маъмул аст:



3.



4.



*Мисоли 221. Қолабоҳанги ғарибӣ дар равона.*

Устодон-фалакхонон онро дар асарҳои муаллифии худ фаровон истифода бурдаанд, аз ҷумла, суруди «Меранҷӣ» оҳанги устод Одина Ҳошим бар ғазали Бедил, суруди «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» оҳанги устод Давлатманд Хол бар шеъри Рӯдакӣ, инчунин, асари созии «Саманди ноз» оҳанги А.Матхолов ва Б.Қодиров ва ғайра. Қолабоҳанги ғарибӣ дар дараҷоти тетрахордии муқоми сеюм асос меёбад:



½ 1 ½

*Мисоли 222. Дараҷоти ғарибӣ (муқоми сеюм).*

*Фалаки Ғарибии* яккисма дар зарби равона суруда мешавад. Оҳанги ғарибиро дар зарби равона асли Фалаки Ғарибӣ мегӯянд. Он бо унвони Фалаки Ғарибии яккисма ҳамчун асари мустақил ва ё Равонаи Ғарибӣ ба ҳайси қисми таркибии силсилавии Фалаки Ғарибӣ дар амалияи мусиқӣ маълум аст. Дар ин шакл мисраоҳангҳои ин қолабоҳанг дар пайиҳамӣ бо гиреҳбандаки созии аслпарда меоянд.

Матни шеърии Фалаки Ғарибии яккисма ҳамеша рубоӣ аст. Фалаки Ғарибии *«Шабҳо ҳама шаб, дарди туро нола кунам»* ба ҳайси фалаки таҳлилӣ интихоб гардидааст. Рубоии он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб* қарор дорад:

*Шабҳо ҳама шаб, дарди туро нола кунам,*

*Дар кунҷи лаҳад ёди ту, ҷонона, кунам.*
*Баъди сад сол агар ба хокам гузарӣ,*
*Бӯи ту ба ман расад, кафан пора кунам.*
*– – V /V – – – –/ – – V / V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафъӯлу/фаъал*

Банди ин фалак аз чаҳор хати оҳангӣ иборат аст:




*Мисоли 223. Банди Фалаки Ғарибӣ.*

Ҳарчанд ки шакли яккисмаи Фалаки Ғарибӣ бо матни шеърии рубоӣ аст, оҳанги он қолаби рубоӣ нест. Мутаносибии мисраи шеърӣ бо хати оҳангӣ чунин қарор мегирад, ки ба як хати оҳангӣ якуним мисраи шеърӣ мутобиқ мешавад. Ними изофа феълан ибораи аввали мисраи сонӣ мебошад. Ва дар хати чорум ними изофаро гиреҳбандаки аслпарда ташкил мекунад. Аз ҷиҳати оҳангӣ дар ними изофа дараҷаи II дараҷоти трихордии муқоми сеюм намудор мегардад. Банди Фалаки Ғарибӣ дар хати чаҳорум бо кашиши овозии аслпарда хотима меёбад.

Дар натиҷа дараҷоти умумии  Фалаки Ғарибии яккисма пентахордӣ мешавад:




*Мисоли 224. Дараҷоти Фалаки Ғарибӣ.*

*Фалаки Паррон* унвони худро аз қолабоҳанги паррон гирифтааст. Дар шакли яккисма ҳамеша дар зарби равона ва муқоми чорум асос меёбад. Ба ҳайси мисоли таҳлилӣ Фалаки Паррони *«Дар кӯи вафо агар шавӣ хор, эй дил»* бар рубоии Лоҳутӣ интихоб гардидааст. Он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи абтар* навишта шудааст:

*Дар кӯи вафо агар шавӣ хор, эй дил,*
*В-аз ёр кашид ҷафои бисёр, эй дил.*
*Ҳаргиз накунӣ шикоят изҳор, эй дил,*
*Зинҳор эй, дил ҳазор зинҳор, эй дил.*
– – V /V – – – / V – – – / –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/ мафоъӣлун /фаъ*

Ин фалак аз чаҳор мисраоҳанг иборат аст:






*Мисоли 225. Мисраоҳангҳои Фалаки Паррон.*

Байни мисраоҳангҳо ҳамеша гиреҳбандаки аслпарда дар шакли хосса меояд:



*Мисоли 226. Гиреҳбандаки аслпарда.*

Нахустин бор ин гиреҳбандак дар муқаддимаи созии Фалаки Паррон омадааст. Дараҷоти умумии Фалаки Паррон ҳафтдараҷаӣ бо фосилаи канории секста аст:




*Мисоли 227. Дараҷоти Фалаки Паррон.*

*Фалаки Қаландарии* якқисма унвони худро аз қолабоҳанги қаландарӣ гирифта, бо услуби ғазалхонӣ иҷро мешавад. Ба мисли фалакҳои дигари якқисма он низ ҳамеша дар зарби равона меояд. Фалаки Қаландарии *«Ин чи шӯрест...»* бар ғазали Ҳофиз дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани махбуни аслам* эҷод шудааст. Бандҳои композитсионии он суннатианд.

Даромади созии он дар қолабоҳанги Фалаки Қаландарӣ асос ёфтааст:



*Мисоли 228. Даромади созӣ.*

Сархат аз ду хати оҳангӣ иборат аст.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Ба ҳар як байти ғазал як хати композитсионӣ рост меояд.

Хати якум – байти якум

*Ин чи шӯрест дар ин даври қамар мебинам,*
*Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.*
*– V –  –   / V – – –   / – V –   – / – V –*
*фоъӣлотун/ фоъӣлотун/фоъӣлотун/фаъӯлун*




*Мисоли 229. Хати якуми сархат.*

Хати дуюм – байти дуюм

*Пешаи подшоҳон нест ба ҷуз ҷабру ситам,*
*Адлу инсоф ҳама зеру забар мебинам.*




*Мисоли 230. Хати дуюми сархат.*

Хати якум аз ду ҷумлаи якхела иборат аст. Он дар трихорди $h^1$ - $c^2$ - $d^2$ асос ёфтааст. Мисраоҳанги хати якуми хати дуюм яке аз вариантҳои ҳамон ҷумлаи оҳангӣ аст. Мисраоҳанги дуюми он якбора аз садои канории болоии дараҷоти қаландарӣ оғоз гардида, шакли поёнравандаи ин дараҷотро пурра фаро мегирад. Мисраоҳанги сеюми ин хат аз такрори мисраи дуюми шеър бо иловаи кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:

II.2.a.




*Мисоли 231. Мисраоҳанги сеюм.*

Дараҷоти умумии банди сархат дар натиҷа ҳаштдараҷаӣ мешавад:



1 ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 232. Дараҷоти сархат.*

Аз ин бармеояд, ки дар сархат банди композитсионии асосии Фалаки Қаландарӣ дода шудааст. Ҳамаи бандҳои композитсионии минбаъда чунин қарор гирифтаанд:

Нимавҷ – байтҳои сеюм ва чорум

Хати якум – байти сеюм

*Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабад аз айём,*
*Мушкил он аст, ки ҳар рӯз бадтар мебинам.*

III.1.




III.2.




Хати дуюм – *байти чорум*

*Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,*
*Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам.*

IV.1.




IV.2.




IV.2.a.




Авҷ – байтҳои панҷум ва шашум

Хати якум – байти панҷум

*Аспи тозӣ шуда маҷруҳ ба зери полон,*
*Тавқи заррин ҳама дар гардани хар мебинам.*

V.1.




V.2.




Хати дуюм – байти шашум

*Духтаронро ҳама ҷанг асту ҷидол бо модар,*
*Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам.*

VI.1.




VI.2.




VI.2.a.





Фаровард – байтҳои ҳафтум ва ҳаштум

Хати якум – байти ҳафтум

*Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад,*
*Ҳеҷ шафқат на падарро ба писар мебинам.*







Хати дуюм – *байти ҳаштум*

*Панди Ҳофиз бишунав, Хоҷа, бирав, некӣ кун,*
*Ки ман ин панд беҳ аз дурру гуҳар мебинам.*












*Мисоли 233. Бандҳои минбаъда.*

Байни ҳар чаҳори онҳо даромади созӣ бидуни ягон дигаргунӣ вазифаи оҳангбандакҳои васлиро иҷро мекунад.

*Фалаки Сафарӣ* – жанри фалаки яккисмаи овозӣ аз анъанаи фалаки кӯлобист. Фалаки Сафарӣ ҳамаи чор муқомро дар бар мегирад. Фалаки Сафарӣ дар анъанаи рубоихонӣ қарор мегирад.

Фалаки Сафарӣ бо даромади созӣ оғоз мегардад, ки худ қолабоҳанги сафарӣ бо гиреҳбандакҳои канории аслпарда аст. Ин тарзи гиреҳбандаки аслпарда хоси сафарӣ аст:



*Мисоли 234. Даромади созӣ.*

Банди якум бар рубоии халқии *«Ҳаргиз накунӣ ёди ман, эй шамъи чигил»* асос ёфта, дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби маҷбуб* эҷод шудааст:

*Ҳаргиз накунӣ ёди ман, эй шамъи чигил,*
*Дарди ман, агар чӣ ҳаст, коре, мушкил.*
*Дарде, ки ман аз ғами ту дорам дар дил,*
*Дил донаду ман донам, ман донаму дил.*
*– – V / V – – – / V – – – / V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъал*






*Мисоли 235. Банди якуми Фалаки Сафарӣ.*

Хусусияти ин банди оҳангӣ дар он аст, ки рубоиро дар панҷ мисраоҳанг пешниҳод мекунад. Мисраоҳанги якум дар дараҷоти лаҳнии дихордӣ, мисраоҳангҳои дуюм, сеюм ва чорум – дар дараҷоти трихордӣ ва ниҳоят, мисраоҳанги панҷуми хотимавӣ бо иловаи кашиши гиреҳбандаки аслпарда дар тетрахорди нимпардаӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 236. Дараҷоти банди якуми Фалаки Сафарӣ.*

Ин дараҷот, дараҷоти муқоми якум аст.

Банди дуюм бо даромади созӣ дар муқоми дуюм оғоз мегардад. Он иборат аз ду хати оҳангӣ ва гиреҳбандаки аслпарда аст. Панҷ мисраоҳанг дар дараҷоти тетрахордии нимпардаӣ асос ёфтаанд, ки ин дараҷоти муқоми дуюм аст:




*Мисоли 237. Дараҷоти банди дуюм.*

Матни банди дуюм дар рубоии Абусаиди Абулхайр *«Боз о, боз о, ҳар он чӣ ҳастӣ, боз о»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби абтар* асос ёфтааст:

*Боз о, боз о, ҳар он чӣ ҳастӣ, боз о,*
*Гар кофару гарчи бутпарастӣ, боз о.*
*Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,*
*Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о.*
*– – V/V – – – /V – – – / –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъ*




*Мисоли 238. Банди дуюми Фалаки Сафарӣ.*

Матни банди сеюм дар асоси рубоии Умари Хайём *«Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб* омадааст:

*Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,*
*Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.*
*Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон,*
*Умр асту бад-он с-он гузаронӣ, гузарад.*
*– – V/V – – – /V – – V /V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Сохтори композитсионии банди сеюм ба мисли бандҳои якуму дуюм аст:






*Мисоли 239. Банди сеюми Фалаки Сафарӣ.*

Дараҷоти умумии банди сеюм тетрахордӣ аст:




*Мисоли 240. Дараҷоти банди сеюми Фалаки Сафарӣ.*

Матни *банди чорум* рубоии Умари Хайём *«Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам* эҷод шудааст:

*Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар яко як бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*
*– – V/V – – – /V – – V /V ~*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъӯл*

Банди чоруми композитсионӣ аз панҷ мисраоҳанг иборат аст:






*Мисоли 241. Банди чоруми Фалаки Сафарӣ.*

Банди чорум дар сохтори композитсионӣ-драматургии асари Фалаки Сафарӣ ба ҳайси банди авҷӣ арзёбӣ мегардад. Чунин мавқеъро он бо васеъшавии майдони садоӣ соҳиб гардидааст. Сохтори он монанди бандҳои пешина панҷ мисраоҳангро дар бар мегирад.

Дараҷоти банди чорум навъи септахордӣ аст:



½ ½ 1 ½ ½ 1

*Мисоли 242. Дараҷоти банди чоруми Фалаки Сафарӣ.*

Он ду тетрахорди якхеларо бо як пардаи умумӣ дар бар гирифтааст.

Дар амалияи мусиқӣ Фалаки Сафарӣ ҳамеша яққисмаи овозӣ аст. Он бо қолабзарби худ бештар зоҳир мегардад. Вале Фалаки Сафарӣ дорои қолабоҳанг низ мебошад. Нахустин бор ин қолабоҳанг дар муқаддимаи созии он дида мешавад:



*Мисоли 243. Қолабоҳанги сафарӣ.*

Фалаки Сафарӣ яке аз фалакҳоест, ки ҳам бо қолабзарб ва ҳам бо қолабоҳанг зуҳурот пайдо кардааст.

Ҳамин тавр, жанри фалаки яккисма дар анъанаи фалаки кӯлобӣ бо жанрҳои Фалаки Даштӣ (фалаки озод) ва фалакҳои зарбии Фалаки Ғарибӣ, Фалаки Паррон, Фалаки Қаландарӣ ва Фалаки Сафарӣ муаррифӣ гардидааст.

### II.2.2. Фалакҳои силсилавӣ

Жанри фалаки силсилавӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ хеле серранг нишон дода шудааст. Ба он силсилаи чаҳорқисмаи Фалаки Роғӣ, силсилаи сеқисмаи Фалаки Дарӣ, силсилаи дуқисмаи Фалаки Қаландарӣ ва силсилаи чаҳорқисмаи Фалаки Паррон тааллуқ доранд.

*Фалаки Роғӣ* аз фалакҳои силсилавии анъанаи фалаки кӯлобӣ мебошад. Дар амалияи мусиқӣ Фалаки Роғӣ мавқеи хоссаро аз он лиҳоз пайдо намудааст, ки қисми сеюми силсилаи он – Равонаи Роғӣ шакли аслии чормуқомро дар бар мегирад.

Сохтори силсилаи Фалаки Роғӣ чорқисма аст: *Шаҳди Роғӣ, Даромади Равонаи Роғӣ, Равонаи Роғӣ* ва *Уфари Роғӣ*. Дар диссертатсия силсилаи Фалаки Роғӣ дар иҷрои устод Одина Ҳошим таҳлил мешавад.

Қисми аввали он *Шаҳди Роғӣ* бар рубоии Карим Девона дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани солим* асос ёфтааст:

*Надонам, эй фалак, аз чӣ сабаб дорӣ ба мо кина?*
*Задӣ ту, беҳаё, моро ҳазорон хор дар сина.*
*Зи ту ҷабру зи ту зулму зи ту макру зи ту тазвир,*
*Ба сад найранг андохтӣ ба дасту пойи мо занҷир.*
*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*
*мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун*

Банди он аз панҷ мисраоҳанг иборат аст:

1.






*Мисоли 244. Банди оҳангӣ.*

Дар композитсияи мусиқии он мисраоҳанги хотимавии панҷум бо такрори мисраи шеърии чаҳорум ва иловаи кашиши овозӣ ташаккул ёфта, онро васеътар мегардонад.

Шаҳди Роғӣ дар дараҷоти пентахордӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 245. Дараҷоти Шаҳди Роғӣ.*

Вале дар асоси лаҳнӣ-дараҷотии мисраоҳангҳо дараҷоти трихордии $b^1$ - $h^1$ - $cis^2$ бартарӣ дорад. Шаҳд бо гиреҳбандаки аслпарда хотима меёбад. Шаҳди Роғӣ дар муқоми дуюм асос ёфтааст.

Қисми дуюми *Даромади Равонаи Роғӣ* бар ғазали Пайрав Сулаймонӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани солим* омадааст. Сохтори композитсионии он чор банд – *сархат, нимавҷ, авҷ* ва *фаровард*ро дар бар мегирад.

Даромади созӣ дар ду ибораи оҳангӣ асос меёбад:



*Мисоли 246. Даромади созӣ.*

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Хати якум – байти якум

*Қариби моҳи Наврӯз аз қазо рафтам ба бозоре,*
*Бидидам луъбате биншаста бар дукони атторе.*
 V – – – / V – – – / V – – – / V – – –
*мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун*







Хати дуюм – байти дуюм

*Азон сӯ як нигоҳе сӯи ман кард он парирухсор,*
*Рухашро дидаму филҳол, ки гаштам ошиқи зоре.*









*Мисоли 247. Хати якуми сархат.*

Чунин унвони ин қисми силсила аз он аст, ки дар силсилаи Фалаки Роғӣ ду қисми таркибӣ ба зарби равона асос ёфтаанд. Ва онҳо дар ду услуби сарояндагӣ – ғазалхонӣ ва рубоихонӣ омадаанд.

Оҳанги Даромади Равонаи Роғӣ дар қолабоҳанги роғӣ асос меёбад. Асоси лаҳнӣ-дараҷотии банди сархат дар натиҷа чунин аст:




*Мисоли 248. Дараҷоти сархат.*

Нимавҷ – байти сеюм

*Равон гаштам ба сӯяш гуфтам: «эй шоҳаншаҳи хубон!,*
*Раво дорӣ, бимирам дар фироқат бекасу ёре?»*




*Мисоли 249. Нимавҷ.*

Банди нимавҷ бо як байт омада, асоси лаҳнӣ-дараҷотии Даромади Роғиро бори дигар пешниҳод намуда, онро устувор мегардонад. Майдони садоии он пентахордӣ мебошад.

Авҷ – байти чорум

*Санавбар пеши қадат гаштааст монанди маҷнунбед,*
*Ба гирди оразат мӯи сиёҳат чун шаби торе.*






*Мисоли 250. Банди авҷӣ.*

Мавқеи авҷии худро ин банд на бо баландшавии регистрӣ, балки бо ҷаҳиши ибтидоии квинтоӣ нишон додааст.

Фаровард – байти панҷум

*Чу номи хеш он симинбадан пурсад бигӯ, Пайрав,*
*Нигоҳе кун ба даври ин мувашшаҳ, фаҳм агар дорӣ.*




*Мисоли 251. Хати якуми фаровард.*

Новобаста ба фарогирии як байт банди фаровард ду хати оҳангиро дар бар гирифтааст.

Хати дуюм – мисраи дуюми байти чорум.




*Мисоли 252. Хати дуюми фаровард.*

Хати дуюм дар қолабоҳанги роғӣ ва гиреҳбандаки аслпарда ин қисмро хотима додааст.

Қисми сеюм *Равонаи Роғӣ* низ аз чор банди оҳангӣ иборат аст. Ҳар банди он шакли аслии як муқоми чормуқомро дар бар гирифтааст. Устод Одина Ҳошим Равонаи Роғиро бар рубоиёти Хайём мехонад. Баҳри рубоии аввал *ҳазаҷи мусаммани ахраби маҷбуб* мебошад:

*Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,*
*Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.*
*Соқӣ, ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ?*
*Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.*
*– – V /V – – – / – – V / V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафъӯлу/фаъал*

Банди оҳангии якум аз чор мисраоҳанг, даромади созӣ ва оҳангбандакҳо иборат аст:






*Мисоли 253. Банди якуми Равонаи Роғӣ.*

Асоси лаҳнӣ-дарачотии ин банд дар мисраоҳанги якум пурра омадааст. Такрори он дар мисраоҳангҳои минбаъда онро хеле устувор мегардонанд.

Дарачоти он дарачоти муқоми якум аст, ки навъи тетрахорди нимпардаӣ мебошад:




*Мисоли 254. Дарачоти банди якуми Равонаи Роғӣ.*

Матни банди дуюми Равонаи Роғӣ бар рубоии Хайём дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар* аст:

*Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,*
*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*
*Аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,*
*К-озода ба коми дил расидӣ осон.*
*– – V /V – – V/ V – – V/ –*
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъ*

Банди дуюми Равонаи Роғӣ муқоми дуюмро муаррифӣ мекунад. Он ду ибораи оҳангиро дар бар гирифтааст. Ибораи якуми он дар $h^1$ (муқоми дуюм) ва ибораи дуюми он дар $b^1$ (муқоми якум) асос меёбанд.

Асоси оҳанги Равонаи Роғиро қолабоҳанги роғӣ дар муқоми дуюм ташкил додааст.

Гиреҳбандаки аслпарда дар шакли созӣ миёни мисраоҳангҳо омада, онҳоро ҳар дафъа бо аслпарда хотима медиҳад. Дар мисраоҳанги чаҳорум гиреҳбандаки аслпарда дар шакли кашиши овозӣ асарро ба анҷом мерасонад:




*Мисоли 255. Банди дуюми Равонаи Роғӣ.*

Дараҷоти банди дуюми Равонаи Роғӣ дараҷоти муқоми дуюм аст. Он навъи пентахордӣ мебошад:



½ ½ ½ 1

*Мисоли 256. Дараҷоти банди дуюми Равонаи Роғӣ.*

Банди сеюми Равонаи Роғӣ оҳанг ва дараҷоти муқоми сеюмро муаррифӣ мекунад. Он низ бо даромади созӣ оғоз мегардад:



*Мисоли 257. Даромади созии банди сеюм.*

Барои ин банд рубоии Хайём дар *баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб* интихоб гардидааст:

*Асрори азалро на ту донию на ман,*
*В-ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман.*
*Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,*
*Чун парда барафтад, на ту монию на ман.*
*V – – V /V – – V /V – – V/ V –*
*мафоъӣлу/мафоъӣлу/ мафоъӣлу/фаъал*

Ба мисли ду банди қаблӣ оҳанги асосӣ аввал дар даромади созӣ муаррифӣ гардида, дар мисраоҳангҳои минбаъда такрор мешавад:






*Мисоли 258. Банди сеюми Равонаи Роғӣ.*

Дарачоти банди сеюм аз трихордӣ тадричан ба пентахордӣ табдил ёфтааст:




*Мисоли 259. Дарачоти банди сеюм.*

Банди чоруми Равонаи Роғӣ муқоми чорумро муаррифӣ мекунад. Бинобар ин, он низ аз чаҳор мисраоҳанг иборат аст. Матни шеърии банди чорум низ рубоӣ мебошад. Рубоии Хайём дар баҳри *ҳазачи мусаммани ахраби макфуфи мачбуб* омадааст:

*Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,*
*Магзор, ки чуз ба шодмонӣ гузарад.*
*Зинҳор, ки сармояи ин мулки чаҳон,*
*Умр асту бад-он с-он гузаронӣ, гузарад.*
*– – V/V – – – /V – – V /V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Банди чорум бо чунин композитсия пешниҳод гардидааст:






*Мисоли 260. Банди чоруми Равонаи Роғӣ.*

Сохтори функсионалӣ-драматургии композитсияи банди чорум мушобеҳ ба сохтори дохилии бандҳои қаблӣ аст. Дар он мутаносибии муқоми чорум бо аслпарда хеле равшан ифода гардидааст.

Банди чаҳоруми Равонаи Роғӣ дар дараҷоти гексахордӣ, ки дараҷоти лаҳнии муқоми чорум аст, асос ёфтааст:




*Мисоли 261. Дараҷоти банди чоруми Равонаи Роғӣ.*

Дар амалияи мусиқӣ силсилаи Фалаки Роғӣ дар се шакли сохторӣ во мехӯрад:

а) дар панҷ банд бо фарогирии чормуқом;

б) дар чор банд бо фарогирии чормуқом ва Авҷи якуми Роғӣ;

в) дар панҷ банд бо фарогирии чормуқом ва Авҷи дуюми Роғӣ.

Дар мавриди истифодаи шакли дуюм (б) банди Авҷи якуми Роғӣ дар Равонаи Роғӣ низ бо матни рубоӣ меояд. Масалан, бо рубоии *«Гар дил биравад, ман наравам аз назарат»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб:*

*Гар дил биравад, ман наравам аз назарат,*
*В-ар ҷон бидиҳам, хок шавам дар гузарат.*
*Чун гард шавам, ба остонат оям,*
*Биншинаму барнахезам аз хоки дарат.*
*– – V /V – – V/V – – V /V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъал*

Он бо даромади созии зерин оғоз мегардад:






*Мисоли 262. Банди Авҷи якуми Роғӣ.*

Дараҷоти Авҷи якуми Роғӣ ҳафтдараҷаӣ аст:




*Мисоли 263. Дараҷоти Авҷи якуми Роғӣ.*

Ин дараҷот дар натиҷаи пайвастшавии дихорд, пентахорд ва нимпардаи болоӣ пайдо шудааст.

Шакли сеюми банди Авҷи дуюми Роғӣ дар Равонаи Роғӣ мебошад. Матни Авҷи дуюми Роғӣ дар жанри рубоӣ қарор дорад. Ин ҷо он дар рубоии Хайём дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам* аст:

*Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар яко як бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*
– – V /V – – – /V – – V /V ~
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъӯл*

Ин банд низ бо даромади созӣ оғоз гардида, чор мисраоҳангро дар бар мегирад:






*Мисоли 264. Банди Авҷи дуюми Роғӣ.*

Авҷи дуюми Роғӣ намунаи лаҳнӣ-оҳангиест, ки барои иҷро кардани он маҳорати баланди касбӣ зарур мешавад. Диапазони умумии он фосилаи секстаи калонро ($b^1$ - $g^2$) ташкил медиҳад. Тобиши оҳангии он хеле зебост.

Дараҷоти лаҳнии Авҷи дуюми Роғӣ нуҳдараҷаӣ аст:



*Мисоли 265. Дарачоти Авҷи дуюми Роғӣ.*

Дар амалияи мусиқии Фалак ин ду авҷи машҳур – Авҷи якуми Роғӣ ва Авҷи дуюми Роғӣ дар ягон маврид дар як асар истифода бурда намешаванд. Ҳар як фалакхон тибқи хоҳиш ва имконияти худ аз ду яктоашро интихоб мекунад. Афзалият додан ба ин ё он авҷ на танҳо ба фалакхонон, балки ба мактабҳои фалакхонӣ хос аст. Масалан, Устод Одина Ҳошим ва шогирдони ӯ бештар Авҷи якуми Роғиро мепарастанд. Намояндагони мактаби фалакхонии Холовҳо ва Орзуевҳо афзалиятро ба Авҷи дуюми Роғӣ медиҳанд.

Қисми чоруми силсилаи Фалаки Роғӣ – *Уфари Роғӣ* аст. Он навъи уфари суст аст. Онро устод Одина Ҳошим бар рубоии Лоиқ иҷро мекунад. Матни Уфари Роғӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар* мебошад:

*Донам, ки агар пагоҳ мемирам ман,*
*З-олам ҳама қасди хеш мегирам ман.*
*Ҳарчиз, ки дорам ҳама афканда ба об,*
*Чун об ба ҳоли хеш мегирям ман.*
*– – V /V – – – /V – – – /V ~*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъ*

Асари Уфари Роғӣ дар як рубоӣ асос ёфтааст. Хусусияти ин уфар дар он аст, ки ҳар як хати оҳангии он дорои ибораоҳанги иловагӣ аст. Байни ҳамаи хатҳо оҳангбандак омадааст. Чунин шаклсозӣ дар Фалаки Сафарӣ низ мушоҳида карда шуда буд:

1.






*Мисоли 266. Уфари Роғӣ.*

Бояд қайд кард, ки ду Авҷи Роғӣ дар амалияи мусиқӣ дар услуби рубоихонӣ қарор мегиранд. Бо назардошти Авҷҳои якум ва дуюми Роғӣ силсилаи Фалаки Роғӣ бо се шакл дар амалияи мусиқӣ маълум гардидааст.

*«Фалаки Дарӣ* аз анъанаи фалакхонии мардуми Кӯлоб аст. Нахустин ва то ҳол ягона намунаи Фалаки Дарӣ соли 2017 аз фалакхони машҳур Муҳаммадсафар Муродов (1958-2024) сабт шудааст. Ӯ ин фалакро аз падар, устод-фалакхон Исмат Гиёев (1887-1991) ёд гирифтааст. Унвони ин жанр аз калимаи «дара – водии танги воқеъ дар байни ду кӯҳҳо ё силсилаи кӯҳҳо»» [187, с. 408] гирифта шудааст. Ҳамчун жанри мусиқӣ он силсилаест, иборат аз се қисм:

- Чапзарби Дарӣ;
- Равонаи Дарӣ;

▪ Уфари Дарӣ.

Фалаки Дарӣ дар услуби рубоихонӣ маълум гардидааст. Қисми якуми силсила дар усули чапзарб асос меёбад:



*Мисоли 267. Усули чапзарб.*

Даромади созии Чапзарби Дарӣ вазни шашзарбаиро бо зарби чапзарб бар оҳанги Дарӣ пешниҳод мекунад:



*Мисоли 268. Даромади созӣ.*

Оҳанги Дарӣ дар даромади созӣ намудор мегардад, хеле аҷоиб сохта шудааст. Даромади созӣ дар дараҷоти гексахордӣ асос ёфтааст:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 269. Дараҷоти даромади созӣ.*

Қисми асосии Чапзарби Дарӣ бо чор мисраоҳанг (рубоӣ) дар муқоми чаҳорум омадааст. Матни он халқӣ аст:

*Ин қули дарози ҷуфти гови пеша,*
*Говрона ба даст мекунӣ андеша.*
*Эй, гург, биё, бухур мани дарвеша,*
*То паҳн шавад ҷавони ошиқпеша.*

Сохтори композитсионии Чапзарби Дарӣ, ҳарчанде сохтори рубоии шеърро нигоҳ дошта бошад ҳам, ба ҳар як мисраоҳанги он хотимабандак илова шудааст:




*Мисоли 270. Чапзарби Дарӣ.*

Дараҷоти Чапзарби Дарӣ дараҷоти гексахордии даромади созиро дорад.

Қисми дуюми *Равонаи Дарӣ* низ дар рубоии халқӣ омадааст:

*Ин қули дароз об надорад, чӣ кунам?*
*Ду чашми сарам хоб надорад, чӣ кунам?*
*Ду чашми сарам роҳи туро менигарад,*
*То меоӣ, ҷавр аз сарм мегузарад.*

Сохтори композитсионии он чунин аст:




*Мисоли 271. Равонаи Дарӣ.*

Дар қиёс бо Чапзарби Дарӣ ду мисраоҳанги аввали он аз ҷаҳиши квартоӣ оғоз ёфтаанд. Мисраоҳангҳои сеюм ва чорум аз ҳисоби кашишҳои овозӣ васеътар мегарданд. Дараҷоти умумии Равонаи Дарӣ гексахордӣ аст:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 272. Дараҷоти Равонаи Дарӣ.*

Он такрори дараҷоти Чапзарби Дарӣ мебошад.

Қисми сеюм *Уфари Дарӣ* навъи уфари суст аст, ки дар вазни ҳафтзарбаӣ омадааст. Сохтори композитсионии он аз ду банд иборат аст. Матни Уфари Дарӣ ҳам рубоии халқӣ аст:

*Давлатхотуне, хуна гирифтай гӯша,*
*Алов мекунӣ каҳу камолой пуша.*
*Шамоли паси ағба миёра буша,*
*Худо бгира, ошиқиёи бадрӯша.*

Даромади созии Уфари Дарӣ муқаддима (4 мизон), қисми асосии оҳангӣ (8 мизони баъдӣ) ва гиреҳбандаки аслпарда (4 мизони охир)-ро дар бар мегирад:



*Мисоли 273. Даромади созӣ.*

Банди асосии Уфари Дарӣ аз чор мисраоҳанг иборат аст:




*Мисоли 274. Банди асосӣ.*

Мисраоҳангҳои якум ва дуюм поёнравандаанд. Мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорум дорои кашиши овозианд. Дараҷоти Уфари Дарӣ дараҷоти гексахордии қисмҳои қаблиро такрор кардааст.

Инак, ҳамаи се қисми силсилаи Фалаки Дарӣ дараҷоти гексахордии якхела доранд. Ин дараҷот мушобеҳ ба муқоми чорум аст. Аз ин бармеояд, ки Фалаки Дарӣ пурра дар муқоми чорум асос ёфтааст.

Силсилаи дуқисмаи *Фалаки Қаландарӣ* дар рубоихонӣ қарор мегирад. Он қисмҳои Шаҳд ва Равонаро дорад. Шаҳди ин силсилаи Фалаки Қаландарӣ дар иҷрои фалакхон Саъдулло Каримзода таҳлил мешавад. Рубоии он рубоии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ *«Ё Раб, зи карам бар мани дарвеш нигар»* дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб* мебошад:

*Ё Раб, зи карам бар мани дарвеш нигар,*
*Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар.*
*Ҳарчанд наям лоиқи бахшоиши ту,*
*Бар ман манигар, бар карами хеш нигар.*
*– – V /V – – V/V – – V /V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъал*

Даромади созии Шаҳд феълан қолабоҳанги қаландарист. Дар дараҷоти ҳафтдараҷаӣ қарор дорад:



*Мисоли 275. Даромади созӣ.*

Банди асосии Шаҳди Қаландарӣ аз чаҳор мисраоҳанг иборат аст:




*Мисоли 276. Банди асосии Шаҳди Қаландарӣ.*

Шаҳд дараҷоти ҳафтдараҷаиро – трихорд (мисраоҳангҳои якум ва сеюм), тетрахорд (мисраоҳанги дуюм) ва ниҳоят гептахорд (мисраоҳанги чорум) – тадриҷан фаро гирифтааст:



½ ½ ½ ½ 1 1

*Мисоли 277. Дараҷоти умумии Шаҳди Қаландарӣ.*

Банди якуми *Равонаи Қаландарӣ* бар рубоии Хайём дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам* асос ёфтааст:

*Ё Раб, ту Каримиву каримӣ карам аст,*
*Осӣ зи чӣ бурун зи боғи Ирам аст?*
*Бо тоатам ар авф кунӣ, нест карам,*
*Бо маъсиятам агар бубахшӣ, карам аст.*
– – V / V – – V/V – – V /– ~
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯл*

Дар мисоли Равонаи Қаландарӣ мутаносибии хеле зебои композитсияи мусиқӣ ва рубоии шеърӣ мушоҳида мешавад. Матни як рубоӣ дар Равонаи Қаландарӣ ба композитсияи мусиқавии бузургҳаҷм табдил ёфтааст.

Оҳанги Равонаи Қаландарӣ феълан қолабоҳанги қаландарӣ аст. Вале ҳар дафъа оҳанги қаландарӣ дар мисраоҳангҳои таркибӣ бо тобишҳои нав ба нав ҷило додааст. Нахустин бор ин оҳанг дар даромади созӣ оварда мешавад:






*Мисоли 278. Равонаи Қаландарӣ.*

Дараҷоти умумии Равонаи Қаландарӣ айнан такрори дараҷоти Шаҳди Қаландарӣ аст.

Дар амалияи мусиқӣ силсилаи чорқисмаи *Фалаки Қаландарӣ* ҳам маъмул аст. Он чунин қисмҳои таркибиро дар бар мегирад:

- Шаҳди Қаландарӣ;
- Равонаи Қаландарӣ;
- Рафти Қаландарӣ;
- Уфари Қаландарӣ.

Қисми якуми силсила *Шаҳди Қаландарӣ* бар рубоии Хайём *«Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад»* иҷро шудааст. Рубоӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҷбуб* аст:

*Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,*
*Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.*
*Соқӣ ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ,*
*Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.*
–  – V /V – – V /V – – V /V –
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъал*

Банди Шаҳди Қаландарӣ чор мисраоҳангро дар бар гирифтааст. Даромади созии асар оҳанги қаландариро нахустин бор нишон медиҳад:




*Мисоли 279. Шаҳди Қаландарӣ.*

Шаҳд пурра дар дараҷоти пентахордӣ бо фарогирии тадриҷии он қарор мегирад.

*Равонаи Қаландарӣ* қисми дуюми силсила бар услуби ғазалхонӣ аст. Матни шеърии он ғазали Ҳофиз дар баҳри *рамали мусаммани мақсур* аст:

*– V – – / – V – – / – V – – /– V ~*
*фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон*

Даромади созӣ чун сархат дар қолабоҳанги қаландарӣ асос ёфтааст:



*Мисоли 280. Даромади созии Равонаи Қаландарӣ.*

Дар ҳар ду маврид он ду бор такрор омада, як банди оҳангиро ташкил кардааст.

Сархат – байти якум

*Булбуле барги гуле хушранг дар минқор дошт,*
*В-андар он баргу наво хуш нолаҳои зор дошт.*




*Мисоли 281. Сархати Равонаи Қаландарӣ.*

Ҳар дафъа мисраҳои оҳангӣ бо гиреҳбандаки аслпарда ҷамъбаст мешаванд. Дараҷоти сархат навъи тетрахордӣ аст:




*Мисоли 282. Дараҷоти сархат.*

Нимавҷ – байти дуюм

Хати якум – байти дуюм

*Дар намегирад ниёзу нози мо бо ҳусни дӯст,*
*Хуррам он, к-аз нозанинон бахти бархурдор дошт.*

II.1.




2.




*Мисоли 283. Нимавҷ. Хати якум.*

Байни хати якуму дуюм дар шакли қаблӣ гиреҳбандаки аслпарда такрор мешавад. Хати композитсионии баъдӣ (хати дуюм) дар такрори мисраоҳанги дуюми хати якум ташаккул ёфтааст:

2.а.




*Мисоли 284. Хати дуюми нимавҷ.*

Дарачоти банди нимавҷ навъи дарачоти гексахордӣ мебошад:



½ 1 ½ 1 1

*Мисоли 285. Дарачоти нимавҷ.*

Авҷ бо пешавҷи созӣ оғоз шуда, банди авҷиро пешомадӣ мекунад:



*Мисоли 286. Пешавҷи созӣ.*

Авҷ – байти сеюм

Ҳарчанде банди авҷӣ як байти ғазалро гирифта бошад ҳам, он аз ду хати мусиқавӣ иборат аст. Хати якум – байти сеюм, мисраи якум бо кашиши овозӣ ва хати дуюм – мисраи дуюми байти сеюм бо кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда омадааст:

*Гар муриди роҳи ишқӣ, фикри бадномӣ макун,*
*Шайхи Санъон хирқа раҳни хонаи хаммор дошт.*




*Мисоли 287. Банди авҷӣ.*

Дар умум авҷ дар дараҷоти нуҳдараҷаӣ бо фарогирии тадриҷии он омадааст:



½ 1 ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 288. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Нимавҷи дуюм - байти чорум

*Вақти он ширинқаландар хуш, ки дар атвори сайр,*
*Зикри тасбеҳи малак дар ҳалқаи зуннор дошт.*

Аз ҷиҳати мусиқӣ он такрори банди нимавҷ аст.

Фаровард – байти панҷум

*Чашми Ҳофиз зери боми қасри он ҳурисиришт,*
*Шеваи ҷанноти таҷрӣ таҳтаҳуланҳор дошт.*

V.1.




V.2.




*Мисоли 289. Фаровард.*

Банди фаровард феълан такрори банди авҷӣ бо байти нав аст.

Дараҷоти нуҳдараҷаии Равонаи Қаландарӣ чунин сохторро доро гардид:



½ 1 ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 290. Дараҷоти Равонаи Қаландарӣ.*

Қисми сеюми *Рафти Қаландарӣ* низ дар услуби ғазалхонӣ қарор гирифтааст. Ин ғазали Ҳофиз дар баҳри *рамали мусаммани мақсур* асос ёфтааст. Калимаи *рафт* ин ҷо унвони қолабзарб аст:



*Мисоли 291. Зарби рафт.*

Дар амалияи мусиқии имрӯза ин қолабзарбро ба ҷои ин номи қадимӣ баъзан «чорзарб» ҳам мегӯянд. Бо вуҷуди ин дар ҳарду маврид унвони асар рафт аст. Композитсияи асари Рафти Қаландарӣ дорои чор банди оҳангӣ, даромади созӣ ва оҳангбандакҳо мебошад. Даромади созӣ, ки дар дараҷоти гексахордӣ асос ёфтааст, гӯё аз иборахои ҷудо-ҷудо ба вуҷуд меояд:



*Мисоли 292. Даромади созӣ.*

Он қолабоҳанги қаландариро намудор карда, бо гиреҳбандаки аслпарда анҷом меёбад.

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Бо фарогирии ду байти шеърӣ ин банди мусиқӣ се хати оҳангиро дар бар гирифтааст.

Хати якум – байти якум

*Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,*
*Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!*
 – V –  – /–  V –  – / – V –  –  /–  V ~
*фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон*

Хати дуюм – байти дуюм

*Эй дили ғамдида ҳолат беҳ шавад, дил бад макун,*
*В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон ғам махӯр.*

Баъди онҳо гиреҳбандаки аслпарда дар шакли созӣ омадааст:





Хати сеюм – такрори мисраи дуюми байти дуюм. Ба ин хати композитсионӣ кашиши овозии аслпарда илова мешавад:




*Мисоли 293. Банди сархат.*

Дарачоти сархат гексахордӣ аст:



½ 1 ½ 1 1

*Мисоли 294. Дарачоти сархат.*

Байни сархат ва нимавҷ даромади созӣ такрор мешавад.

Нимавҷ – байти сеюм

*Гар баҳори умр бошад боз бар тарфи чаман,*
*Чатри гул дар сар кашӣ, эй мурғи хушхон ғам махӯр!*




*Мисоли 295. Нимавҷ.*

Дарачоти он такрори дарачоти гексахордии сархат аст:



½ 1 ½ 1 1

*Мисоли 296. Дарачоти нимавч.*

Банди авҷӣ ба як байти ғазал мутобиқ гардида, дар асоси ҳар як мисраоҳанги он хати мусиқавии композитсиониро ба вуҷуд овардааст. Ин банд бо пешавҷи созӣ оғоз мегардад:



*Мисоли 297. Пешавҷи созӣ.*

Авҷ – байти чорум

Хати якум – мисраи якуми байти чорум

*Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,*

IV.1.




2.







*Мисоли 298. Хати якуми авҷӣ.*

Хати дуюм – мисраи дуюми байти чорум.

*Доиман яксон намонад ҳоли даврон, ғам махӯр!*

Хати якуми авҷӣ дар асоси такрори як мисраоҳанг ва кашиши овозӣ ва хати дуюми он дар такрори мисраоҳанги дигар бо кашиши овозии аслпарда сохта шудаанд:

2.




2.а.






*Мисоли 299. Банди авҷӣ.*

Байни авҷ ва фаровард даромади созӣ такрор мешавад.

Фаровард – байти панҷум

*Гар чи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баъид,*
*Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, ғам махӯр.*




*Мисоли 300. Фаровард.*

Дараҷоти банди фаровард низ гексахордӣ мебошад, вале дар умум дараҷоти Рафти Қаландарӣ даҳдараҷаӣ аст:



½ ½ ½ ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 301. Дараҷоти Рафти Қаландарӣ.*

Қисми чаҳоруми силсилаи Фалаки Қаландарӣ *Уфари Қаландарӣ* бар ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ «*То домани он тозагул аз даст бурун шуд»* аст. Ғазал дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф* эҷод шудааст.

Уфари Қаландарӣ навъи уфари тез аст. Он аз панҷ банди оҳангии композитсионӣ иборат аст. Аз онҳо банди нимавҷ ва банди фароварди суруд дорои гиреҳбандаки аслпардаанд. Як банди оҳангӣ ба як байти ғазал мутобиқ карда шудааст. Уфари Қаландарӣ дорои даромади созист:



*Мисоли 302. Даромади созӣ.*

Даромади созӣ дар мобайни асар як бор (байни нимавҷу авҷ) бетағйир дар вазифаи оҳангбандакиваслӣ меояд.

Сархат – байти якум

*То домани он тозагул аз даст бурун шуд,*
*Чун ғунча дилам таҳ ба таҳ оғушта ба хун шуд.*
*– – V /V – – /V – – V /V – –*
*мафъӯлу/фаъӯлун/мафоъӣлу/фаъӯлун*




*Мисоли 303. Сархат.*

Нимавҷ – байти дуюм

*Гуфтам, накунам майли ҷавонӣ, чу шавам пир,*
*Сад вой, ки чун пир шудам, ҳирс фузун шуд.*




*Мисоли 304. Нимавҷ.*

Банди нимавҷ дараҷоти лаҳнии банди сархатро такрор кардааст. Вале дар қиёс бо сархат он аз се мисраоҳанг иборат аст. Мисраоҳанги илова аз ҳисоби гиреҳбандаки аслпарда аст.

Авҷ – байти сеюм

*Сад бор шуд аз ишқи туям ҳол дигаргун,*
*Як бор нагуфтӣ, ки бигӯ, ҳоли ту чун шуд?*




*Мисоли 305. Банди авҷӣ.*

Фаровард – байти чорум

Хати якум – байти чорум

*Мурғи дили Ҷомӣ, ки касеро нашудӣ ром,*
*Дар доми сари зулфи ту афтод, забун шуд.*

Хати дуюм – байти чорум аз мисраи дуюм бо иловаи кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:




*Мисоли 306. Фаровард.*

Ҳамин тариқ, Уфари Қаландарӣ сохтори дуқисмаро дар бар гирифтааст. Бояд тазаккур кард, ки дар фалакҳои зарбии анъанаи фалаки кӯлобӣ чунин интихоби композитсионӣ хусусан ба услуби ғазалхонӣ хос аст. Аз устодони варзида чунин ҳалли композитсиониро устод Одина Ҳошим бештар мепазирад.

Ҳамин тавр, қисмҳои таркибии силсила хусусиятҳои ғановатманди лаҳни қаландариро намудор гардондаанд. Аз ин рӯ, дараҷоти қисмҳои таркибӣ яксон нест:

а. Шаҳд: 

1 ½ 1 1

б. Равона: 

½ 1 ½ 1 1 ½ ½ ½

в. Рафт: 

½ ½ ½ ½ 1 1 ½ ½ ½

г. Уфар: 

½ ½ ½ ½ 1 1

*Мисоли 307. Дараҷоти қисмҳои таркибии силсила:*

Силсилаи *Фалаки Паррон* бар услуби ғазалхонӣ асос ёфта, аз чор қисми таркибӣ иборат аст:

- Шаҳди Паррон, ғазали Сайидо;
- Равонаи Паррон, ғазали Лоиқ;
- Рафти Паррон, ғазали Аҳмади Ҷомӣ;
- Уфари Паррон, ғазали Ҳилолӣ.

Матни *Шаҳди Паррон* бар ғазали Сайидо дар *баҳри мусаммани ахраби аштар* омадааст:

Сархат – байти якум

*Дил чун мутеъ гашт, чароғи назар шавад,*
*Фарзанди нек ҷойнишини падар шавад.*
*– – V / – – V / V – – V/ – V –*
*мафъӯлу/мафъӯлу/мафоъӣлу/фоъилун*

Ба он даромади созии якмисраӣ пешомадӣ кардааст:




*Мисоли 308. Банди сархат.*

Оҳанги ин банд қолабоҳанги паррон аст. Дар бандҳои минбаъдаи композитсионӣ он тадриҷан пардаҳои болоиро фаро мегирад.

Нимавҷ – байти дуюм

*Нахле, ки бар надод, шавад боғбон кабоб,*
*Хун мехӯрад падар, чу писар беҳунар шавад.*

Авҷ – байти сеюм

*Сӯи муҳит дӯш давидам зӣ ташнагӣ,*
*Обе наёфтам, ки лаби коса тар шавад.*



III.2.




*Мисоли 309. Бандҳои нимавҷ ва авҷ.*

Ва ниҳоят банди фаровард дараҷоти қаландариро пурра дар бар мегирад:

Фаровард – байти чорум

*Эй, Сайидо, чӣ суд аз ин кимиёгарӣ,*
*Толеъ агар мадад бикунад, хок зар шавад.*

IV.1.




IV.2.




*Мисоли 310. Фаровард.*

Қисми дуюми силсила *Равонаи Паррон* бар асоси зарби равона ва матни он бар ғазали Лоиқ дар *баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам* аст:

Сархат – байтҳои якум ва дуюм

Сархат се хати оҳангиро дар бар мегирад.

Хати якум – байти якум

*Дар рӯйи ҷаҳонему надонем ҷаҳон чист,*
*Фарзанди замонему надонем замон чист.*
– – V / V – – V / V – – V /V – ~
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯл*

Хати дуюм – байти дуюм

*То пир нагардем, нафаҳмем ҷавонӣ,*
*То хок нагардем, надонем нишон чист.*

Хати сеюм – дар асоси мисраи дуюми байти дуюм бо иловаи кашиши овозӣ ба вуҷуд омадааст.

Равонаи Паррон бо даромади созӣ оғоз мегардад. Он байни хатҳои сархат дар шакли ихтисорӣ бо вазифаи оҳангбандаки васлӣ омадааст:




*Мисоли 311. Сархат.*

Нимавҷ – байти сеюм

*То ташна намонем, нақӯем раҳи об,*
*То гушна намонем, надонем, ки нон чист.*




*Мисоли 312. Нимавҷ.*

Дар банди авҷӣ майдони садоӣ якбора бо трихорди нимпардаии болоӣ васеъ мегардад. Ин омили он шудааст, ки ҳарду мисраоҳанги банди авҷӣ ба тарзи ҷаҳишӣ оғоз гарданд:

Авҷ – байти чорум

*То боре насӯзем, надонем, ки хомем,*
*То барг нарезем, надонем хазон чист.*




*Мисоли 313. Банди авҷӣ.*

Ҳар дафъа мобайни бандҳои композитсионӣ ва хатҳои таркибии онҳо оҳангбандаки васлии ихтисорӣ такрор мешавад.

Фаровард – байти панҷум

Хати якум – байти панҷум

*Ношукрии мо бар намаки умр зиёд аст,*
*То ҷон набарорем, надонем, ки ҷон чист.*

Хати дуюми он бо истифодаи мисраи дуюми байти панҷум ва изофаи гиреҳбандаки аслпарда дар шакли овозӣ ташаккул ёфтааст:






*Мисоли 314. Фаровард.*

Дараҷоти Равонаи Қаландарӣ дар банди авҷӣ нишон дода шудааст ва дараҷоти пентахордии фаровард қисми таркибии он аст:



1 ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 315. Дараҷоти Фалаки Қаландарӣ.*

Қисми сеюми силсила *Рафти Паррон* бар ғазали Аҳмади Ҷомӣ дар *баҳри рамали мусаммани маҳзуф* аст. Композитсияи Рафти Паррон ҳар як банди таркибиро ба як байти ғазал мутобиқ намудааст. Вале талқиноти мусиқавии онҳоро гуногунранг пешниҳод менамояд. Рафти Паррон бо даромади созӣ оғоз мегардад:



*Мисоли 316. Даромади созӣ.*

Сархат – байти якум

*Ошиқи бечораам, ҷое надорам, хонае,*
*Шаб ба кӯи дӯст будам, рӯз ба ҳар вайронае.*
– V – – / – V – – / – V – – / – V –
*фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун*




*Мисоли 317. Сархат.*

Нимавҷ – байти дуюм

Хати якум – байти дуюм

*Дил тасалло медиҳад, дилбар ба ҳаммом омадаст,*
*Бо канизу бо ғулому бо сару сомонае.*

Хати дуюм – бо истифодаи мисраи дуюми байти дуюм ва кашиши овозии аслпарда ба вуҷуд омадааст:




*Мисоли 318. Нимавҷ.*

Байни нимавҷ ва авҷ оҳанги даромади созӣ дар шакли ихтисорӣ бо вазифаи оҳангбандак такрор меёбад:



*Мисоли 319. Оҳангбандаки васлӣ.*

Авҷ – байти сеюм

*Ман ба чандин ошноӣ, меҳӯрам хуни ҷигар,*
*Ошноро ҳол нест, мо ба ҳар бегонае.*




*Мисоли 320. Банди авҷӣ.*

Дар банди авҷӣ дараҷоти лаҳнӣ бо трихорди нимпардаии болоӣ васеъ гардида, ба ҳафтдараҷаӣ табдил ёфтааст.

Фаровард – байти чорум

Ин банд аз ду хати оҳангӣ иборат аст.

Хати якум – байти чорум

*Аҳмади Ҷомӣ сухан аз баҳри хубон гуфтааст,*
*Манзили хубон нагардад мулки ҳар вайронае.*

Хати дуюм – аз мисраи дуюми байти чорум ва кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда ташаккул ёфтааст:




*Мисоли 321. Фаровард.*

Байни хатҳои таркибӣ ва бандҳои композитсионӣ даромади созии ихтисорӣ вазифаи оҳангбандаки васлиро иҷро намудааст. Дараҷоти Рафти Қаландарӣ чунин аст:



½ 1 ½ 1 1 ½ ½ ½

*Мисоли 322. Дараҷоти Рафти Қаландарӣ.*

Асари *Уфари Паррон* қисми охирини силсила мебошад. Ғазали Ҳилолӣ дар *баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф* матни шеърии он аст.

Сархат – байти якум

*То умр бувад, дар ҳаваси рӯи ту бошам,*
*В-ар хок шавам, хоки раҳи кӯи ту бошам.*
– – V /V – – V /V – – V / V – –
*мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯлун*

Уфари Паррон ба мисли ҳамаи қисмҳои таркибӣ бо даромади созӣ оғоз мегардад:




*Мисоли 323. Сархат.*

Ин банд ду хати композитсиониро дар бар гирифтааст:

Нимавҷ – байти дуюм

Хати якум – байти дуюм

*Фардои қиёмат наравам ҷониби тӯбӣ,*
*Дар сояи сарви қади дилҷӯи ту бошам.*

Хати дуюм – дар мисраи дуюми байти дуюм ва кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда сохта шудааст:




*Мисоли 324. Нимавҷ.*

Банди авҷӣ дар регистри болоӣ, бо фарогирии гексахорди болоии дараҷоти қаландарӣ қарор гирифтааст. Он якбора қариб як октава боло оғоз меёбад. Авҷ – ду байт – байти сеюм ва байти чоруми ғазалро фаро гирифтааст. Банди Авҷ аз се хати оҳангӣ иборат аст.

Хати якум – байти сеюм (III)

*Хуш он, ки забон аз пайи дашном барорӣ,*
*Ман даст бароварда дуогӯи ту бошам.*

Хати дуюм – байти чорум (IV)

*Паҳлӯи ту пайваста нишинанд рафиқон,*
*То ман натавонам, ки ба паҳлӯи ту бошам.*

Хати сеюмро мисраи дуюми байти чорум бо кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда ташкил кардаанд:




*Мисоли 325. Банди авҷӣ.*

Фаровард – байтҳои панҷум ва шашум

Хати якум – байти панҷум

*Эй, шохи гули тоза, манам булбули хушхон,*
*Маъзурам, агар шефтаи рӯи ту бошам.*




*Мисоли 326. Хати якуми фаровард.*

Хати дуюм – байти шашум

*Рӯзе, ки фалак хонд маро ном Ҳилолӣ,*
*Мехост, ки ман моили абрӯи ту бошам.*

Ин банд байти шашумро фаро гирифта, дар асоси он се мисраоҳангро ташкил додааст:




*Мисоли 327. Банди фаровард.*

Байни хатҳои таркибӣ ва хатҳои композитсионӣ ҳар дафъа оҳангбандаки васлии ихтисорӣ омадааст.

Дарачоти умумии Уфари Паррон нуҳдарачаӣ аст:




*Мисоли 328. Дарачоти Уфари Паррон.*

Хулоса, хусусияти силсилаи Фалаки Парронро чунин қайд кардан мумкин аст:

1. дар услуби ғазалхонӣ асос меёбад;
2. дорои оҳангбандакҳои васлии фаъол аст;

3. дорои дарачоти васеъи нуҳдарачаӣ аст, ки тадричан намудор гардидааст:
   - шаҳд – $a^1$ - $h^1$ - $c^2$ - $d^2$ - $e^2$ - $f^2$
   - равона – $a^1$ - $h^1$ - $c^2$ - $d^2$ - $e^2$ - $f^2$ - $fis^2$ - $g^2$
   - рафт – $gis^1$ - $a^1$ - $h^1$ - $c^2$ - $d^2$ - $e^2$ - $f^2$ - $fis^2$ - $g^2$
   - уфар – $gis^1$ - $a^1$ - $h^1$ - $c^2$ - $d^2$ - $e^2$ - $f^2$ - $fis^2$ - $g^2$
4. дар он хусусиятҳои муқомҳои дуюм, сеюм ва чорум дида мешаванд.

Таҳлили фалакҳои ҳар ду анъана имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи анъанаҳоро муайян бикунем: дар ҳар ду анъана фалакҳо яккисма ва силсилавӣ мешаванд. Вале онҳо бо доираи жанрии худ фарқ мекунанд.

Фалаки яккисмаи помирӣ панч хел мешавад:

- овозӣ ва созии озод (Фалак, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря);
- овозӣ бо такнавозии созӣ бидуни зарб (Фалак-Муночот, Зилобам, Фалак дар силсила);
- овозии зарбӣ бо такнавозии созӣ (Пастубаланд, Ҳайдарӣ, Ситоиш, Бепарвофалак, Рапо);
- фалаки озод ва фалаки зарбӣ дар рубоихонӣ (Фалак-Муночот, Фалак, Фалак-Фарёд, Бепарвофалак, Фалак-Гиря);
- фалаки озод ва фалаки зарбӣ дар ғазалхонӣ (Зилобам, Пастубаланд, Ҳайдарӣ, Ситоиш, Рапо, Фалак-Муночот).

Фалаки яккисмаи кӯлобӣ шаш хел аст:

- фалаки овозӣ ё созии озод (Фалаки Даштӣ, Шаҳд, Шоҳбайт);
- фалаки овозии озод бо такнавозии созӣ дар услуби рубоихонӣ (Шаҳд);
- фалаки овозии озод бо такнавозии созӣ дар услуби ғазалхонӣ (Шаҳд, Шоҳбайт);
- фалаки овозӣ ё созии зарбӣ (Роғӣ, Паррон, Ғарибӣ, Қаландарӣ, Сафарӣ, Дарӣ);
- фалаки зарбии овозӣ дар рубоихонӣ (Роғӣ, Паррон, Ғарибӣ, Қаландарӣ, Сафарӣ, Дарӣ);

- фалаки зарбии овозӣ дар ғазалхонӣ (Роғӣ, Паррон, Ғарибӣ, Қаландарӣ).

Фалакҳои силсилавӣ дар Бадахшон (Помир) бо силсилаҳои дуқисма ва панҷқисма во мехӯранд. Жанри фалаки силсилавӣ дар анъанаи фалаки помирӣ ҳамеша аз ҳамҷоя кардани ду жанри гуногун пайдо мешаванд. Ва одатан, ин ду жанр дар унвони жанрии силсилаи нав дарҷ мегардад. Жанри фалаки силсилавӣ дар анъанаи фалаки помирӣ ҳам дар рубоихонӣ ва ҳам дар ғазалхонӣ рушд ёфтааст.

Фалаки силсилавии кӯлобӣ дар амалияи мусиқӣ аз дуқисма то сездаҳқисма пешниҳод гардидааст. Одатан, силсила дар асоси як қолабоҳанг бо ивазшавии қолабзарб дар ҳар қисми таркибӣ ба вуҷуд меояд. Фалакҳои силсилавии кӯлобӣ ҳам дар рубоихонӣ ва ҳам дар ғазалхонӣ асос ёфтаанд.

Умумияти фалакҳои силсилавии ҳар ду анъана, одатан, ҳам навъи фалаки озод ва ҳам фалаки зарбиро дар бар мегирад.

# БОБИ III. ТАТБИҚИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ ЖАНРӢ ДАР АМАЛИЯИ МУОСИРИ ФАЛАК

## III.1. Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ

«Тавре ки қайд шуд Фалаки Равона унвони худро аз қолабзарби ҳамноми худ гирифтааст. Ин қолабзарб дар шакли вазни панҷзарбаӣ муназзамтарин симои худро зоҳир менамояд» [131; 1. II]. Ба гуфтаи мусиқишинос Ф.А. Азизӣ дар зарбҳои муназзам шаклҳои аслии қолабзарбҳо ифода ёфтаанд. Дар анъанаҳои аслии Фалак танҳо ду қолабзарб ба ҳайси аслӣ муайян карда шудаанд: *равона* дар фалаки кӯлобӣ ва *ситоиш* дар фалаки помирӣ. Онҳо дар вазнҳои гуногун ба таври муназзам маълуманд:

равона

ситоиш



*Мисоли 329. Қолабзарбҳои аслӣ*

«Ба гуфтаи ин муҳаққиқ чунин мафҳуми қолабзарб ва мавқеи он дар назария ва амалияи мақомот бо фаъолияти мусиқишиноси маъруфи тоҷик, намояндаи Мактаби ҳунарии Бухоро, ки дар мусиқӣ ба таври Мактаби классикии Шашмақом маълум аст, Мавлоно Наҷмиддини Кавкабӣ вобаста аст» [1, с.179]. Хулосаи профессор Ф.А. Азизӣ он аст, ки: «Дар асоси қолабзарбҳои аслӣ жанрҳои аслии Фалак пайдо шудаанд. Таҳлили жанрҳои Фалак нишон медиҳад, ки жанрҳои аслӣ дар ду анъана мавқеи фарқкунандаи худро доранд» [131; 1. II]. «Мусиқишинос Ф.А. Азизӣ идома медиҳад, ки дар анъанаи фалаки помирӣ Ситоиш, қисми охирини силсилаи Фалак-Мадҳия, аз ҷиҳати ғоявӣ-мазмунӣ нуқтаи баландтаринро ишғол менамояд. Ва моҳияти рамзии он чунин аст, ки ҳама саъйю кӯшиши инсон дар наздик шудан ба Худованд, зиндагӣ кардан аз рӯйи қоидаҳои Худованд мебошад. Дар анъанаи фалаки помирӣ асоси ғоявӣ-мазмунии ҳамаи жанрҳои дигари Фалак низ ҳамин аст. Аз ин нуқтаи назар Ситоиш нуқтаи олитарини мақсад аст» [131; 1. II].

Ба гуфтаи Ф.А. Азизӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ мавқеи Фалаки Равона заминавӣ аст ва дар Фалаки Равона шакли садоии системаи чормуқом акс гирифтааст [131; 1. II]:

Қолабоҳанги муқоми якум дар Роғӣ:




*Мисоли 330.*

дар навъи дараҷоти нимпардаии тетрахордӣ:




*Мисоли 331. Дараҷоти муқоми якум.*

Қолабоҳанги муқоми дуюм дар Роғӣ:






*Мисоли 332.*

бо дарачоти пентахордии зерин:




*Мисоли 333. Дарачоти муқоми дуюм.*

Қолабоҳанги муқоми сеюм дар Роғӣ:






*Мисоли 334.*

бо дараҷоти тетрахордӣ:



½ ½ 1

*Мисоли 335. Дараҷоти муқоми сеюм.*

Қолабоҳанги муқоми чорум дар Роғӣ:




*Мисоли 336.*

бо дараҷоти гексахордӣ:



½ ½ 1½ ½ 1

*Мисоли 337. Дараҷоти муқоми чорум.*

Аз ин рӯ, Фалаки Равонаро мусиқишинос ҳамчун *куллияти системаи лаҳнии чормуқом* муайян кардааст. Ӯ таъкид менамояд, ки ба ҳайси қисми асосӣ интихоб гардидани он дар силсилаи Фалаки Роғӣ маънои асос ёфтани рушди минбаъдаи Фалак дар системаи чормуқомро дорад [131; 1. II]. Минбаъд ҳар як жанри Фалак шакли аслии худро тавассути ҳамин қолабоҳанг пешниҳод кардааст: «Аз ин ҷост, ки қариб ҳамаи гунаҳои жанрии Фалак дар шакли яққисма дар жанри Равона қарор гирифтаанд» [131; 1. II].

Дар ҳақиқат дар амалияи мусиқӣ дар баробари Равонаи Роғӣ жанрҳои Равонаи Ғарибӣ, Равонаи Паррон, Равонаи Қаландарӣ ва Равонаи Дарӣ маъмуланд. Ҳамаи инҳо дар шакли яққисма қолабоҳанги фалакҳои номбаршударо муаррифӣ кардаанд. «Бинобар ин, ҳарчанд ки омӯзиши Фалак аз зарби равона оғоз мегардад, устодони бузурги Фалак эҷоди асарҳои нав ба нави худро дар зарби равона ҳатмӣ мешуморанд. Ҳадафи асосии чунин муносибат дар ҳифзи аслияти зарби равона, инчунин аслияти системаи чормуқом ва дар натиҷа, ҳифзи табиати Фалак мебошад» [131; 1. II].

## III.2. Меъёрҳои асосии жанрии Фалак

Меъёрҳои асосии жанрии Фалак берун аз меъёрҳои жанрии мақомоти Шарқ нестанд. Ба ҳайси меъёрҳои жанрӣ ин ҷо ҳам қолабзарб ва қолабоҳанг нақши асосӣ мебозанд. Ин боз далолати дигарест, ки Фалакро ҳамчун навъи мақомот нишон медиҳад.

*Бепарвофалак,* жанри овозӣ ва созии анъанаи фалаки помирӣ, унвони жанрии худро аз қолабзарби ҳамном гирифтааст. Он дар вазни сезарбаӣ қарор гирифта, дувоздаҳзарбаӣ муаррифӣ гардидааст:



*Мисоли 338. Қолабзарби Бепарвофалак.*

Дар он зарбаҳои якум, чорум, ҳафтум ва даҳум заданоканд. Се ибораи таркибии зарби бепарвофалак бо сукутҳо аз якдигар ҷудо шудаанд. Ҳам навъи усул ва ҳам мазмуни жанр суръати сустро металабад.

*Рапо,* жанри анъанаи фалаки помирӣ, унвони худро аз қолабзарби ҳамноми «рапо» гирифтааст:



*Мисоли 339. Қолабзарби рапо.*

Рапо зарби рақси мардонаи бадахшонӣ аст. Он дар суръати муътадил иҷро карда мешавад. Ҳамрешагии рапо бо рақс муқоисаи онро бо усули машҳури тоҷикии уфар талаб мекунад. Аз таҳлил аён мешавад, ки рапо яке аз зарбҳои фаръии усули уфар аст. Он ба қолабзарби фаръии дигари уфар, ки дар минтақаи Кӯлоб маълум мебошад, монанд аст:



1) рапо



2) уфар

Зери унвони «пастубаланд» қисми дуюми силсилаи Фалак-Мадҳия маълум аст. Пайдоиши онро аз қолабоҳанг ва қолабзарби ҳамном мешуморанд. Қолабзарби он дар вазни ҳафтзарбаӣ қарор мегирад. Дар он зарбаҳои якум ва чаҳорум заданоканд:



*Мисоли 340. Қолабзарби пастубаланд.*

Тавре гуфта шуд, ин қолабзарб дар амалияи мусиқии минтақаи Кӯлоб «зарб» номида мешавад.

Зери унвони «ҳайдарӣ» қисми сеюми Фалак-Мадҳия ва инчунин фалаки силсилавии дуқисма дар анъанаи фалаки помирӣ маълум аст. Ин унвон аз қолабзарби ҳамном баромадааст:



*Мисоли 341. Қолабзарби ҳайдарӣ.*

Дар асл ин шакли фаръии зарби уфар мебошад. Дар мусиқии Бадахшон он ҳамчун «ҳайдарӣ» бо суръати суст ва ҳамчун «рапо» бо суръати мӯътадил маъмул аст.

Бо унвони «сафарӣ» жанри фалаки яккисмаи овозӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ маълум аст. Он номашро аз қолабзарби ҳамном гирифтааст. Қолабзарб дар вазни ҳаштҳаштякӣ қарор гирифта, дар он ҳамаи зарбаҳои тоқ заданоканд:



*Мисоли 342. Қолабзарби сафарӣ.*

Ба гуфтаи мусиқишинос Ф.А. Азизӣ қолабзарби сафарӣ шакли фаръии қолабзарби мукаммали ситоиш аст [131; 1. II].

*Равона* аз қолабзарби асосӣ ва маъмултарини анъанаи фалаки кӯлобӣ аст. Он дар вазни панҷзарбаӣ қолаби муназзами иборат аз панҷ ҳаштякиро дар назар дорад. Дар он зарбаҳои якум ва сеюм заданок мебошанд:



*Мисоли 343. Қолабзарби равона.*

Аз ин зарб жанри Фалаки Равона унвони худро гирифтааст. Ба гуфтаи мусиқишинос Ф.А. Азизӣ равона барои анъанаи фалаки кӯлобӣ мавқеи заминавӣ дорад (дар ин бора ниг. ба фасли якуми ҳамин боб). Ва Фалаки Равонаи яккисмаро, ки асли чормуқомро пешниҳод мекунад, ин муҳаққиқ *куллияти фалаки кӯлобӣ* номидааст.

*Шикаста* қолаби зарбиест дар вазни ҳафтзарбаӣ. Дар он зарбаҳои сеюм ва шашум таъкидианд:



*Мисоли 344. Қолабзарби шикаста.*

Зарби шикаста дар анъанаи фалаки кӯлобӣ жанри ҳамномро ба вуҷуд овардааст. Ин жанр дар суннатҳои фалакхонӣ ҳамчун қисми таркибии

фалакҳои силсилавӣ (Фалаки Ғарибӣ – қисми сеюм, Силсилаи Фалак бо панҷ гардиш – қисми сеюм ва диг.) вомехӯрад. Ҳам дар услуби ғазалхонӣ ва ҳам дар рубоихонӣ ҷо дорад. Ин зарб берун аз фалакхонӣ дар наъту қисса низ вомехӯрад.

Қолабзарби *рафт* дар анъанаи фалаки кӯлобӣ, инчунин бо номи *чорзарб* маълум аст. Ин қолабзарбест, ки дар вазни чорзарбаӣ омада, дар он задаҳои якуму сеюм таъкидианд:



*Мисоли 345. Қолабзарби рафт.*

Шакли аслии он дар фалакҳои яккисмаву силсилавӣ вомехӯранд. Шаклҳои фаръии он дар мусиқии суннатии тоҷик берун аз анъанаҳои Фалак ҷо доранд. Дар мусиқии суннатии минтақаи Қаротегину Дарвоз фаръи якумро *хумбӣ* меноманд:



*Мисоли 346. Қолабзарби хумбӣ.*

Шакли фаръии дуюм дар суннати фалаки кӯлобӣ танҳо дар мусиқии созӣ корбарӣ мешавад. Баъзан онро *рафти тез* меноманд:



*Мисоли 347. Рафти тез.*

Истилоҳи «рафт» аз унвони яке аз рақсҳои суннатии мардонаи минтақаи Кӯлоб – «*Рафти Боҷахона*» аз қадимулайём маълум аст.

Дар амалияи мусиқӣ зери унвони *«зарб»* қолабзарб вуҷуд дорад. Он бо шакли аслӣ ва фаръии худ маъмул аст. Ин қолабзарби ҳафтзарбаӣ ҳамеша бо зарбаҳои заданоки якум ва чорум меояд. Дар амалияи мусиқии минтақаи Кӯлоб шакли аслиро «зарб» ва фаръиро – «қумбоқ» меноманд:

зарб:  қумбоқ: 

*Мисоли 348. Аслу фаръи зарб.*

Асли зарб дар минтақаи Кӯлоб дар рубоихониву ғазалхонӣ берун аз доираи фалак хеле рушду ривоҷ ёфтааст. Тавре дар боло қайд шуд, дар Бадахшон асли зарбро «пастубаланд» ном мегиранд.

Усули *чапзарб* зимни рубоихонӣ рушд кардааст. Он ба анъанаи фалаки кӯлобӣ мансуб буда, дар фалакҳои яққисмаву силсилавӣ истифода мешавад:



*Мисоли 349. Чапзарб.*

Он дар вазни шашзарбаӣ қарор гирифта, зарбаи якуми заданок дорад. Чапзарб хусусан дар эҷодиёти фалакхони маъруф Устод Муҳаммадсафар Муродов фаровон истифода мешавад, масалан, Чапзарби Дарӣ дар силсилаи Фалаки Дарӣ.

*Уфар* яке аз усулҳои маъмултарини мусиқии тоҷик дар фалакхонӣ бо шаклҳои шашзарбаӣ ва ҳафтзарбаӣ зоҳир гардидааст. Уфар бо гунаҳои «уфари суст» ва «уфари тез» маълум аст. Дар ҳар ду маврид зарбаҳои якуму чорум заданок мебошанд:

уфари тез:  уфари суст: 

*Мисоли 350. Уфар.*

Дар суннатҳои Фалак уфари суст бештар зери унвони «уфарзарб» вомехӯрад. Уфар дар фалакҳои силсилавӣ ҳамеша қисми хотимавии асарро муаррифӣ мекунад. Зарби уфар ҳам дар рубоихонӣ ва ҳам дар ғазалхонӣ ҷо дорад.

Зарби *ситоиш* хоси анъанаи фалаки помирӣ аст. Шакли он чунин аст:



*Мисоли 351. Қолабзарби ситоиш.*

Он қолаби зарбии ҳаштзарбаии мавзун бо зарбаҳои заданоки якум, дуюм, чорум ва ҳафтум мебошад. Мусиқишинос Ф.А. Азизӣ онро ҳамчун зарби заминавии фалаки помирӣ муайян кардааст [131; 1. II]. Зарби ситоиш жанри ҳамном (Ситоиш – қисми панҷуми силсилаи Фалак-Мадҳия, фалаки дуқисмаи Фалак-Ситоиш)-ро ба вуҷуд овардааст.

Тавре дар боло қайд шуд, меъёри дигари жанрӣ қолабоҳанг мебошад. Қолабоҳанги *Даштӣ* навъи фалаки озод аст. Он жанри фалаки озодро зери унвони Фалаки Даштӣ ба вуҷуд овардааст. Қолабоҳанги даштӣ одатан, дар аввали ҳар як асари Фалаки Даштӣ пешниҳод мешавад. Раванди умумии ин қолабоҳанг ҳамеша поёнраванда аст [ниг.: ба мисолҳои №100, 131, 207, 209].

*Фалаки Ғарибӣ* номи худро аз қолабоҳанги ғарибӣ гирифтааст:



*Мисоли 352. Қолабоҳанги ғарибӣ.*

Ин қолабоҳанг дар асарҳои Фалаки Ғарибии яккисма ва силсилавӣ мавқеи асосиро пайдо кардааст.

Қолабоҳанги *паррон* фалаки яккисма ва силсилавии ҳамномро дар анъанаи фалаки кӯлобӣ ба вуҷуд овардааст:






*Мисоли 353. Қолабоҳанги паррон.*

Ҳамин тариқ, қолабоҳанги роғӣ – Фалаки Роғиро, қолабоҳанги қаландарӣ – Фалаки Қаландариро ва қолабоҳанги дарӣ – Фалаки Дариро заминагузорӣ намудаанд (дар ин бора ниг.: ба зерфасли II.2.2).

Дар анъанаҳои фалакхонӣ ду мавриде ҳаст, ки ба ҳайси меъёрҳои жанрӣ ҳам қолабоҳанг ва ҳам қолабзарб нақш бозидаанд. Инҳо Фалаки Ситоиш ва Фалаки Сафарӣ мебошад (ниг.: ба зерфасли II.1.2., II.2.1).

## III.3. Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ

Равонаи *«Боди Наврӯзӣ»* бар ғазали Ҳофиз, оҳанги Устод Одина Ҳошим дар муқоми сеюм асос ёфтааст. Матни ин ғазал дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани солим* аст. Равонаи «Боди Наврӯзӣ» аз чор банди оҳанг иборат аст ва бо даромади созӣ оғоз мегардад. Ду ибораи он дар шакли саволу ҷавоб омадаанд:



*Мисоли 354. Даромади созӣ.*

Ин даромади созӣ дар тули асар функсияи оҳангбандаки васлиро низ ичро кардааст. Бандҳои композитсионии «Боди Наврӯзӣ» суннатӣ мебошанд.

Сархат – байти якум

*Зи кӯи ёр меояд насими боди Наврӯзӣ,*

*Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.*




*Мисоли 355. Сархат.*

Нимавҷ – байти дуюм

*Сухан дар парда мегӯям, чу гул аз парда берун ой,*
*Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири Наврӯзӣ.*




*Мисоли 356. Нимавҷ.*

Авҷ – байти сеюм

*Майе дорам чу ҷон софию суфӣ мекунад айбаш,*
*Худоё, ҳеҷ оқилро мабодо бахти бад рӯзӣ.*




*Мисоли 357. Банди авҷӣ.*

Фаровард – байти чорум

Ин банд ду хати оҳангиро дар бар гирифтааст.

Хати якум – байти чорум

*Ба бӯстон рав, ки аз булбул тариқи ишқ гирӣ ёд,*
*Ба маҷлис ой, к-аз Ҳофиз сухан гуфтан биомӯзӣ.*

Хати дуюм – дар мисраи дуюми байти чорум бо кашиши овозии гиреҳбандаки аслпарда асос ёфтааст:




*Мисоли 358. Фаровард.*

Дар ин асари худ устод Одина Ҳошим, ки донандаи шеъри классикӣ ва муосири тоҷик маҳсуб меёбад, композитсияи мусиқиро бо тақлид ба сохтори ғазали адабӣ эҷод намуда, асари худро дар жанри мусиқии ғазал офаридааст. Маҳорати оҳангсозии устод дар ғунҷонидани ибораҳои хоссаи оҳангӣ ба даромади созӣ намудор мешавад. Устод-бастакор ин даромади созиро байни бандҳо истифода бурда, композитсияи ғазалро серранг гардонидааст. Жанри асарро қолабзарб (равона) муайян кардааст.

Равонаи *«Ситораи ҳафтдодарон»*-ро бар рубоии Сафар Аюбзода Устод Давлатманд Хол дар жанри Фалаки Равона эҷод кардааст. Банди асосии композитсияи ин асар аз рубоӣ қолаб мегирад. Рубоии он дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар* асос ёфтааст:

*Эй, модари ҷон обу адоям бе ту,*
*Бо ҳасрату дард мубталоям бе ту.*
*Шоҳона агар чӣ нозу неъмат дорам,*
*Дар кишвари меҳр чун гадоям бе ту.*
*– – V /V – – – /V – – – / –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъ*

Даромади созии он дар асоси як ибора сохта шудааст:



Дар рафти асар он нақши оҳангбандаки васлиро иҷро мекунад. Ин Фалаки Равона дар муқоми дуюм асос ёфтааст. Устод Давлатманд Хол, ки овози баланди мардонаро дорад, ба ҳайси аслпардаи худ нотаи «$d^2$»-ро интихоб кардааст. Ин омили истифодаи регистри болоӣ гардидааст:




*Мисоли 359. Банди асосӣ.*

Дараҷоти Фалаки Равонаи «Ситораи ҳафтдодарон» пентахордӣ аст:




*Мисоли 360. Дарачоти умумӣ.*

Равонаи *«Фалаки Шод»* бар рубоиёти Ниҳонӣ ва Усмони Сабз аз тарафи Устод Файзалӣ Ҳасан эҷод шудааст. Он дар услуби рубоихонӣ қарор мегирад. Устод Файзалӣ Ҳасан «Фалаки Шод»-ро дар заминаи оҳанги қаландарӣ эҷод намудааст. Унвони «Фалаки Шод» бо мазмуни матни он – васфи Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста аст. Асар бо даромади созӣ оғоз мегардад. Феълан он дар асоси як мотив сохта шудааст:



*Мисоли 361. Даромади созӣ.*

Банди якум, сархат бар рубоӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб* навишта шуда аст:

*Рахшанда шудӣ чу офтоб, эй Ватанам,*
*Аз номи ту сарфароз дар анҷуманам.*
*Овозаи ту баландтар аз фалак аст,*
*Вассофи шаҳаншоҳи бузурги ту манам.*
 – – V / V – V – / V – – V / V –
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Сохтори рубоӣ сохтори банди композитсионии асарро муайян кардааст. Вале мисраи охиринро ду маротиба такрор карда, ба он кашиши овозии гиреҳбандаки аслпардаро илова намуда, муаллиф хати панҷумро эҷод намудааст:






*Мисоли 362. Сархат.*

Бастакор ба ибтидои ҳар як мисраоҳанг иборанидоро даровaрда, дар охири мисраоҳангҳои якум, дуюм ва чорум ибораҳои хурди оҳангиро ҷо медиҳад. Дараҷоти сархат ҳафтдараҷаӣ аст:




*Мисоли 363. Дараҷоти сархат.*

Банди дуюм, нимавҷ бар рубоӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб* омадааст:

*Шукрона, ки хуш нафас кашам дар Ватанам,*
*Шукронаи обу хоку боғу чаманам.*
*Аз марг гаронтар аст ба кас беватанӣ,*
*Соҳибватанам, шукр бувад сарсуханам.*
*– – V / V – – – / V – – V / V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъал*

Банди дуюм низ дорои чаҳор мисраоҳанг аст ва ба таври боло мисраоҳанги панҷум илова гардидааст:




*Мисоли 364. Нимавҷ.*

Дараҷоти нимавҷ такрори дараҷоти сархат аст:

Банди сеюм, Авҷ, бар рубоӣ дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам* асос меёбад:

*Ҷоно фалако, Ватан гулафшон гаштаст,*
*Боло ба Ватан қимати инсон гаштаст.*
*Бо ҷаҳду талоши Пешвои миллат,*
*Монанди биҳишт, Тоҷикистон гаштаст.*
*– – V / V – V – / V – – V / V –*
*мафъӯлу/мафоъӣлун/мафоъӣлу/фаъӯл*






*Мисоли 365. Банди авҷӣ.*

Дар банди авҷ қуллаи баландтарини асар нишон дода шуда, дараҷоти умумии бандро ба даҳдараҷаӣ расонидааст:




*Мисоли 366. Дараҷоти банди авҷӣ.*

Муқоисаи се асар дар жанри Фалаки Равона мансуб ба мактабҳои устод Одина Ҳошим, устод Давлатманд Хол ва устод Файзалӣ Ҳасан, онро аён мекунад, ки новобаста ба жанри ягона (Фалаки Равона) дар онҳо талқиноти гуногуни ин жанр иҷро шудааст. Фарқияти ин талқинҳо дар чунин хусусиятҳо зоҳир мегардад:

- истифодаи муқомҳо – муқоми сеюм, муқоми дуюм ва муқоми чорум;
- матни шеърӣ – ғазал ва рубоӣ;
- сохтори композитсионӣ – ғазали мусиқӣ ва рубоии мусиқӣ дар гуногунрангӣ;
- дараҷот – гексахордӣ, пентахордӣ ва даҳдараҷаӣ;

- унвонҳои мушаххаси Фалаки Равона – «Боди Наврӯзӣ», «Ситораи ҳафтдодарон» ва «Фалаки шод» аз мазмуни шеърӣ баромадаанд.

Хулоса, масъалаҳои назарӣ ва амалӣ дар ҳар ду анъана – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ то ба имрӯз хеле устувор аз тарафи устодон-фалакхонон ҳифз карда мешаванд. Метавон гуфт, ки дар давраи муосир ба туфайли эҷодиёти бастакорӣ асарҳои нав ба нав пайдо мешаванд. Вале ҳамаи ин асарҳо ҳудуди системаи чормуқомро нигоҳ медоранд (1), шохаҳои жанрии фалакро бо талқинҳои нав ба нав ғановатманд мегардонанд (2), ду услуби асосии сарояндагӣ – рубоихонӣ ва ғазалхонӣ омили пешниҳоди нави композитсионӣ на танҳо дар фалаки овозӣ, балки инчунин фалаки созӣ низ гардидаанд (3), Фалаки Равона бо мурури замон мавқеи калидии худро дар асарҳои нав ба нав фаррохтар мегардонад (4).

# ХУЛОСА

Масъалаи таҳқиқи жанр дар Фалак имконоти васеи ҳифзи анъанаҳои аслии ин падидаро муҳайё месозад. Натиҷаҳои он ба анъанаҳои сарояндагӣ, навозандагӣ ва бастакорӣ дар Фалак мустақим мусоидат менамоянд.

Кори таҳқиқии диссертатсияи мазкур ба хулосаҳои зерин меоварад:

1. Меъёрҳои асосии жанрӣ дар Фалак ҳамон меъёрҳоеанд, ки дар Шашмақом ҷо доранд. Онҳо дутоанд: *қолабзарб* ва *қолабоҳанг*. Риояи ин ду меъёри асосӣ зимни амалҳои эҷодии муқомбандӣ, шаклсозӣ тибқи қолаби асосии банди композитсионӣ-драматургӣ, ҷалби шеъри воло, истифодаи сози бунёдӣ-системавӣ бо функсияи мушаххаси он ва дигар зарур аст [16-М; 26-М; 4-М; 5-М; 22-М].

2. Мусиқии минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) ҳам жанрҳои овозӣ ва ҳам жанрҳои созиро дар бар мегирад. Мусиқии овозӣ дар ду услуби асосии сарояндагӣ – рубоихонӣ ва ғазалхонӣ асос ёфтааст. Берун аз падидаи Фалак мусиқии кӯлобӣ ва помирӣ бо жанрҳои гуногуни овозиву созӣ густариш ёфтааст, аз ҷумла, рубоӣ, ғазал, байт, чорбайт, дубайтӣ, даргилик, булбулик, дувдувак, наът, лалайик, қисса, қасида ва дигар. Аз байни онҳо жанрҳои рубоӣ, наът, ғазал, шоҳбайт, шаҳд, дубайтӣ ва даргиликро диссертант ҳамчун жанрҳои ақрабоии Фалак муайян карда аст [7-М; 3-М].

3. Дар ҳар ду анъанаи Фалак жанрҳои яққисмаву силсилавӣ, овозиву созӣ, озоду зарбии он ҷо доранд. Жанрҳои яққисмаи фалаки помирӣ бо номҳои Фалак, Бепарвофалак, Фалак-Муноҷот, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ ва жанрҳои силсилавии фалаки помирӣ – Фалак-Рапо, Фалак-Мадҳия, Фалак-Ҳайдарӣ, Фалак-Ситоиш дар амалияи мусиқӣ маъмуланд. Жанрҳои яққисмаи фалаки кӯлобӣ бо номҳои Фалаки Даштӣ, Фалаки Роғӣ, Фалаки Ғарибӣ, Фалаки Паррон, Фалаки Қаландарӣ, Фалаки Сафарӣ, Фалаки Равона ва жанрҳои силсилавии фалаки кӯлобӣ бо номҳои Фалаки Дарӣ, Фалаки Роғӣ, Фалаки Ғарибӣ, Фалаки Паррон ва Фалаки Қаландарӣ маъмуланд [16-М; 26-М; 22-М].

Ин ҷо бояд қайд кард, ки унвони «фалак» дар анъанаи фалаки помирӣ ҳамеша нисбат ба жанри озоди фалак истифода бурда мешавад, дар ду шакл дар мавриди жанри мустақил – фалаки озод бидуни такнавозии созӣ аст. Ва ҳамчун қисми таркибии силсила – бо такнавозии созӣ маъмул аст

4. Асоси зарбӣ дар анъанаҳои Фалак тибқи қонуни Шашмақом сурат мегирад, яъне асоси зарбӣ ҳамеша духата аст – қолабзарби доимо садодиҳанда (дар Шашмақом – усул, дар Фалак – зарб) ва хати зарбии худи оҳанг. Ва ин ду хати зарбӣ бо якдигар дар мутаносибии мушаххас қарор доранд [12-М; 13-М; 17-М; 20-М].

Қолабзарбҳо (зарбҳо) дар амалияи фалакхонӣ зери унвонҳои мушаххаси равона, шикаста, чапзарб, чорзарб/рафт, зарб, сафарӣ, уфар, ситоиш, бепарвофалак, рапо, ҳайдарӣ маълуманд [24-М; 25-М; 26-М].

5. Қолабзарбҳои Фалак берун аз падидаи Фалак низ дар истифодаанд, аз ҷумла, дар жанрҳои наът, ғазал, рубоӣ, даргилик [7-М; 3-М].

6. Чормуқом ҳамчун асоси лаҳнӣ берун аз падидаи Фалак ҷо дорад, аз ҷумла, дар жанрҳои наът, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, шоҳбайт, даргилик [7-М; 3-М].

